**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**ТКБ -74.202.4.**
**ТДУ-371.4.**
**М-65**

***Ба ҳукми дастнавис***

**МИРМАМАТОВА МАНИЖА РУСТАМОВНА**

# РУШДИ САМАРАНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ИСТИФОДАИ МУНОСИБАТИ ИНФИРОДӢ-ТАФРИҚАВӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Роҳбари илмӣ: Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор**

**ХУҶАНД – 2025**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА……………………………………………………..……......3**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИИ ТАШКИЛИ МУНОСИБАТИ ИНФИРОДӢ-ТАФРИҚАВӢ ДАР ТАЪЛИМ……...................................…......14**

1.1. Таълими инфиродӣ-тафриқавӣ чун муаммои педагогӣ..................13

1.2. Моҳияти педагогӣ ва тавсифи умумии таълими инфиродӣ-тафриқавӣ...........................................................................................35

1.3. Шароити педагогӣ ва меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим…………………………………..................................55

Хулосаи боби 1………………………………….....................................76

**БОБИ 2. МУНОСИБАТИ ИНФИРОДӢ-ТАФРИҚАВӢ ШАКЛИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБИ МУОСИР.....................77**

2.1. Аз таҷрибаи ташкили таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими муосир...........................................................................................77

2.2. Хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар дарси забони англисӣ бо муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ...............................81

2.3. Истифодаи таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар дарсҳои забони англисӣ - воситаи ташаккули шахсияти хонандагон.......................................................87

Хулосаи боби 2...........................................................................................93

**БОБИ 3. САМАРАНОКИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ТАШКИЛИ МУНОСИБАТИ ИНФИРОДӢ - ТАФРИҚАВӢ ДАР ТАЪЛИМ…...……...94**

3.1. Мундариҷа ва ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ….......................................94

3.2. Технологияи ҳамгирои таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагон…………………….............………….....................................127

3.3. Натиҷа ва самарабахшии технологияи ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълими хонандагон ……....................………………………148

Хулосаи боби 3…………………………............……….....................189

**ХУЛОСА…………………………...………………………..........191**

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА……………………......194**

**ЗАМИМА..........................................................................................211**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳаввулоти глобалии ҷомеаи муосир дар соҳаи иқтисодӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бетаъсир намондааст. Ҷомеаи имрӯза ба шахсиятҳои дорои сифатҳои ҳадафманду боазм, ташаббускору боғайрат ниёз дорад. Дар замони ҳозира табаддулот ва инкишофи фаъолияти ҳамаи қишрҳои ҷомеа баислоҳоти иқтисодиву сиёсӣ, гузаштан ба методҳои нави хоҷагидорӣ такя мекунад.

Дар чунин шароити бозсозии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, демократикунонии раванди таълиму тарбия, дигаргунсозии мундариҷаи маориф сурат мегирад. Бо тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ на танҳо мақсадҳои таълим, балки тамоми низоми маориф дигаргун карда шуд. Дар шароити кунунии низоми маориф вазифаҳои аввалиндараҷа ҷустуҷӯ ва татбиқи раванди таълим чунин бояд ташкил карда шавад, ки на танҳо ба ташаккули босамари сатҳи назарии таълим, маҳорату малакаи амалӣ, балки инчунин ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва кӯшиш барои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ мусоидат намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар ҳар як баромади худ ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, фаъолияти Ҳукумати ҷумҳуриро барои мусоидати ҳамаҷониба дар рушди соҳаи маорифи кишвар равона сохта, дастуру ҳидоятҳои зарурӣ ироа менамоянд. Аз ҷумла, бо мақсади рушди босуботи тамоми соҳаҳои ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми маориф ва ислоҳоти ботадриҷ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ташаккули низоми таҳсилоти муосир ва ҷавобгӯйи талаботи замон, таҳкими заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, Президенти кишвар соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок эълон кардаанд.

Ислоҳоти соҳаи маориф дар шароити муосир ҳам ба мақсадҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам ба воситаҳои татбиқи онҳо таъсир мегузорад. Инсонгароии таҳсилот дар самтҳои гуногун, аз ҷумла дар самти инфиродӣ ва тафриқавии таълим, ки ба фарқиятҳои хусусиятҳои инфиродии равонӣ, қобилият ва имкониятҳои хонандагон такя мекунад, амалӣ карда

мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Ба омӯзиши масъалаи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ як қатор олимони соҳаи педагогика ва психология корҳои таҳқиқотӣ бурда, монографияву дастурҳо ва мақолаҳои илмиро ба чоп расонидаанд. Аз ҷумла, педагогони рус С.В Алексеев [7], Л.Я.Зорина [60], Е.Е.Минченков [112], В.М.Монахов [113], В.В.Сериков [146], И.Э.Унт [156], Н.М.Шахмаев [175], И.С.Якиманская [181], В.И.Ревякина [138] ва дигарон доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи мавриди омӯзиш қарор додаи мо, изҳори андеша кардаанд. Ба масъалаи фардикунонии таълим бисёр корҳои таҳқиқотӣ бахшида шудаанд (А.Н.Конев [80], Е.С.Рабунский [136], Н.А.Менчинская [109], И.Э.Унт [156], А.А.Кирсанов [76] ва ғайра).

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар робита ба масъалаҳои рушди низоми маорифи кишвар, баланд бардоштани сифати таҳсилот, омӯзиш ва татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ дар фазои таҳсилоти кишвар, истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди дарс ва ташкили таълими инфиродӣ - тафриқавӣ эътибори хоса зоҳир карда шудааст.

Олимон – педагогони муосири тоҷик низ дар демократикунонии таҳсилот, инсонгароӣ дар таҳсил, ташкили таълими инфиродӣ – тафриқавӣ саҳми назаррас гузоштаанд, аз ҷумла: Лутфуллозодаи М. [102], Шарифзода Ф. [170], Каримова И.Х. [70], Зубайдов У. [61], Шаропов Ш.А. [171], Сабурӣ Х.М. [142], Гулмадов Ф. [49] ва дигарон.

Дар корҳои таҳқиқотӣ ва мақолаҳои илмии педагогони тоҷик: Зубайдов У. [61], Шарифзода Ф. [171], Лутфуллозода М. [104] ва дигарон нақши таълими инфиродӣ - тафриқавӣ ҳамчун технологияи инноватсионии таълимӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилот мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба масъалаи таълими тафриқавӣ дар шароити фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат бештар таҳқиқот ва асарҳои академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Зубайдов У. бахшида шудаанд. Дар таҳқиқотҳои олим нишон дода шудааст, ки фаъолияти таълимиву омӯзишӣ бояд чун сарчашмаи ташаккули шахсияти хонанда, маҳаки асосии инкишофи шахсият – фаъолияти азхудкунии шахс бо қобилиятҳои зеҳнӣ дар сатҳи ниҳоят баланд имконпазир аст. Бо ин роҳ дар хонандагон дониш, маҳорату малака,

усулҳои зарурии фаъолият, эҳтиёҷ ба маърифат инкишоф ёфта, ғоя ва шавқ, зеҳн, ирода ва монанди инҳо ташаккул меёбад.

Дар таҳқиқотҳои И.Д.Бутузова [29], М.А.Мелникова [108], И.Э.Унт [156], В.И.Ревякина [138] ва дигарон таҷрибаи татбиқи таълими тафриқавӣ дар замони шӯравӣ, таснифоти шаклҳо ва навъҳои гуногуни таълим бо назардошти хусусиятҳои инфиродии хонандагон бо роҳи гурӯҳбандӣ шарҳ дода шудааст.

Аммо, бо баҳогузорӣ аз натиҷаҳои мусбати таҳқиқотҳои анҷомёфта метавон ба хулосае расид, ки муносибати инфиродӣ дар амал ниҳоят суст татбиқ гашта, маъмулан самараи хуб ба дараҷаи кофӣ ба даст наомадааст. Зеро, дар корҳои анҷомёфта диққати асосӣ ба он сифатҳои шахсӣ равона шудааст, ки ташаккул ва инкишофи хонандагон бо муносибати инфиродӣ имкон дорад, вале ба мундариҷаву усулҳои таълим камтар таваҷҷуҳ шудааст. Дар натиҷа, дар раванди воқеии омӯзиш кори инфиродии хонандагон ҳамчун фаъолияти "иловагӣ" ба усулҳои анъанавии таълим амалӣ карда мешуд.

Имрӯз, ба назари мо, ҳалли воқеии масъалаи мазкур дар доираи мундариҷаву усулҳои муосир мутобиқ ба талаботи низоми имрӯзаи таҳсилот имкон дорад.

Мутаассифона, дар корҳои дигари номбаркардаи муҳаққиқон, ки бевосита таълими инфиродӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, баён мегардад, ки дар раванди воқеии таълим як қатор ихтилофот мавҷуданд ва онҳо ҳалли масоили шакли ҳамагонии таълимро мураккаб менамоянд. Ин гуна ихтилофот ҳам дар ташкил ва ҳам мазмуну муҳтавои фаъолияти таълимӣ зуҳур мекунанд. Ба андешаи мо, ин ихтилофотро бо амалӣ намудани муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба таълим метавон бартараф кард.

Таҳлили баъзе ҷиҳатҳои масъалаи мазкур дар таҳқиқотҳо таҳлил гашта, яке аз ҷанбаҳо – таълими инфиродӣ - тафриқавӣ чун шарти баланд бардоштани самаранокии педагогии раванди таълим – ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Ҳамин тариқ, аҳамияти **ихтилофоти** байни ниёзи воқеии мавҷуда дар амалигардии хусусиятҳои инфиродӣ, шавқ ва майли хонандагон дар раванди таълим аз ҳисоби амалишавии муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ ва ба таври зарурӣ омӯхта нашудани масъала аз нигоҳи мундариҷа ва метод мушоҳида

мегардад. Ин боиси интихоби мавзӯи мавриди таҳқиқи мо: «Рушди самарабахшии таҳсилоти хонандагон тавассути истифодаи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ (дар асоси маводи забони англисӣ)» гардид.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Дар таҳқиқот ба корҳои илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ такя карда шудааст. Мавзуи диссертатсия ҷузъи таркибии барномаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" буда, дар робита бо таҳқиқ ва ҳалли муаммои муҳими илми педагогикаи муосир ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** - муайян намудан ва асоснок кардани шароитҳои педагогӣ, ки муносибати таълими самараноки инфиродӣ – тафриқавиро таъмин мекунад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмию методии марбут ба масъалаҳои дар таҳқиқот баррасишаванда ва хулосабарорӣ аз онҳо;
- омӯхтан ва муайян намудани заминаҳои психологӣ – педагогии баландбардории самаранокии муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълим;
- коркарди назарӣ ва асоснокии шароити ташкил ва гузаронидани муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълими самаранок;
- ташкили кори озмоишӣ ва таҷрибаи амалишавии методикаи коркарди муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ ба хонандагон дар раванди таълим.

**Объекти таҳқиқот** – раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот –** раванд ва шароитҳои ташкилӣ - педагогии таълими инфиродӣ – тафриқавии хонандагон.

**Фарзияи таҳқиқот:** агар дар шароити раванди педагогии мактаб муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ чун низоми мукаммали таълим дар тамоми марҳалаҳо ба роҳ монда шавад, пас самаранокӣ ва натиҷабахшӣ баланд мегардад, зеро хусусиятҳои фардӣ ва шахсӣ, завқу майли хонандагон ба назар

гирифта мешавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот**. Таҳқиқот дар се марҳалаи ба ҳам алоқаманд тайи солҳои 2018 – 2024 гузаронида шудааст, ки ҳар яки он мақсаду вазифаҳои мушаххасро дар бар мегирад.

***Дар марҳалаи аввал*** *(солҳои 2018* - 2020) усули таҳқиқоти назариявӣ истифода бурда шуд: ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, адабиёти психологӣ - педагогӣ доир ба мавзӯи таҳқиқотии диссертатсионӣ бо мақсади таҳияи масъала таҳлил карда шуд. Озмоиши муқарраркунанда барои муайян кардани вазъи таълим дар намудҳои гуногуни синфҳои тахассусӣ таҳия ва гузаронида шуд. Вазъи таълим ва сифати дониши хонандагони синфҳои тахассусӣ омӯхта шуд. Бо муаллимони озмоишкунандагорн оид ба шарҳи вазифаҳо ва хусусиятҳои кори таҷрибавӣ, сухбатҳо гузаронида шуданд.

***Дар марҳалаи дуюм*** *(солҳои 2020-2022)* фарзияи таҳқиқот пешниҳод карда шуд ва озмоиши таҷрибавӣ ташкил карда шуд, ки ҳадафи он муайян кардани шароити самарабахши таълими инфиродӣ – тафриқавии хонандагон буд. Дар раванди озмоиш нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ барои синфҳои озмоишӣ таҳия карда шуданд; таълим дар синфҳои таҷрибавӣ ташкил карда шуд; иштирок ба дарсҳо бо таҳлили минбаъдаи онҳо гузаронида шуд; мундариҷаи корҳои назоратӣ бо гузаронидани онҳо ва таҳлили натиҷаҳо таҳия карда шуд; бо иштирокчиёни озмоиш, семинарҳо анкетагирӣ ва мусоҳибаи хонандагон гузаронида шуданд.

***Дар марҳалаи сеюм*** *(солҳои 2022-2024)* марҳалаи амалӣ ва ҷамъбастӣ буда, дар он усулҳои математикии оморӣ барои арзёбии натиҷаҳои корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ интихоб ва асоснок карда шуд; озмоиши муқарраркунанда барои санҷиши натиҷаҳои назарии аз таҷриба ҳосилшуда роҳандозӣ шуда, маводи бадастомада таҳлил ва хулосабарорӣ карда шуданд. Дар робита ба қисми амалии таҳқиқот як қатор мақолаҳои илмӣ омода ва нашр карда шуда, инчунин, дар якчанд конференсияҳои сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯзаҳо карда шуд. Дар ин марҳала такмили қисмҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ба танзим даровардаву мураттаб гардида, натиҷаҳои бадастомада ҳамчун тавсияву пешниҳод ва хулосаҳои умумӣ, ҷамъбасти кори таҳқиқотӣ ва таълифи диссертатсияю автореферати он ба анҷом расонида шуд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот**ро қонунҳои диалектикии табиату ҷамъият, мувофиқати шаклу мазмун, инчунин қонуну қарорҳо, консепсияҳо, ки вобаста ба низоми маорифи кишвар қабул шудаанд, ташкил медиҳад. Таҳқиқот ба якчанд корҳои бунёдӣ, ки ба масъалаҳои сифат ва моҳияти таълими инфродӣ - тафриқавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, салоҳияти касбии омӯзгор, арзёбӣ ва мониторинги омодагии касбии муаллим, меъёрҳои сифати дониши хонандагон, ташхиси педагогӣ ва технологияи истифодаи таълими инфродӣ - тафриқавӣ бахшида шудаанд, такя мекунад.

**Сарчашмаи маълумот**. Асарҳои илмии олимон - файласуфон, психологҳо, педагогҳо оид ба масъалаҳои таълими инфиродӣ – тафриқавии хонандагон дар таҳсилот; рушди шахсият ва имконоти худтатбиқнамоии ӯ дар навъҳои фаъолияти таълимӣ ва беруназтаълимӣ; санадҳои меъёрии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ инчунин таҷрибаи педагогӣ ва муҳаққиқии муаллиф.

**Заминаҳои эмпирикӣ**: ҷиҳати ҳал кардани вазифаҳои гузошташуда, санҷидани фарзия ва расидан ба мақсади таҳқиқот маҷмуи усул ва равишҳои зерин интихоб ва мавриди истифода қарор дода шудаанд:

- ***назариявӣ:*** ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, таҳқиқотӣ, методӣ ва иттилоотии бевосита ба мавзӯи таҳқиқот ва бахшҳои алоҳида он алоқаманд; омӯзиш ва баррасии таҷрибаи олимону таҳқиқгарони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ба таҳқиқот дахлдор;
- ***таҷрибавӣ:*** ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ ва ба танзим даровардани натиҷаҳои таҷрибавӣ; коркарди математикӣ омории натиҷаҳои таҷрибавӣ бо истифода аз усулҳои маъмул ва самаранок; ташхису таҳлилҳои муқоисавии натиҷаҳои бадастомада ва дар асоси онҳо баровардани хулосаҳои зарурӣ; озмоиши педагогӣ барои санҷидани самаранокии коркарди методии амалигардонии муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълим.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** таҳқиқоти таҷрибавӣ – озмоишӣ дар гимназияи №1, 4, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5, 7- ум, шаҳри Хуҷанд ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №15, 24 - уми ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд гузаронида шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- мураккабию бисёрҷабҳагии мафҳуми “муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълим” муайян гардида, гунаи мукаммалтари он ҳамчун мафҳуми интегралию комплексӣ пешниҳод шудааст;

- шароитҳои педагогии ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба таълим, ки самаранокии онро чун талаботи инфиродии таҳсили хонандагон зимни муайян намудани мазмуни таълим таъмин менамоянд ва ҳамгироии шаклҳои гуногуни мазмуну мундариҷаи таълим, истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълими инфиродӣ - тафриқавӣ муайян гаштаанд;

- усулҳои амалигардонии ин шароитҳо дар раванди воқеии таълим бо назардошти талабот ба кадрҳои баландихтисос, ки барои баландбардории натиҷаҳои таълим дар мактаб имкон фароҳам меорад, коркард шудаанд;

- амсилаи педагогӣ асоснок ва таҳия гаштааст, ки ба ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шудаанд;

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- ҳангоми ташкили таълими инфиродӣ – тафриқавӣ чунин асосҳои педагогӣ, чун мақсадҳои тағйир додани таълим, мазмун ва хусусиятҳои фаъолияти педагогӣ ва хонандагонро ба эътибор гирифтан зарур аст, зеро ин асосҳо тафовутҳои типологии муносибати мазкурро муайян менамоянд;

- таълими инфиродӣ – тафриқавӣ дар мавриди ҳамгироии шаклҳои гуногуни мазмуну мундариҷаи таълим самарабахш амалӣ мегардад;

- таълими инфиродӣ – тафриқавӣ зимни ҳамгироии шаклҳои умумии раванди таълим (машғулиятҳои синфӣ) ва шаклҳои педагогӣ талаботи донишазхудкунии хонандагонро қонеъ гардонида, барои амалигардонии қобилиятҳои толибилмон (таҳсил дар гуруҳҳои мутаҳаррик ва машваратҳои инфиродӣ) мусоидат менамояд;

- дар равнди ташкили таълими инфиродӣ – тафриқавӣ ба эътибор гирифтани чунин хусусиятҳои низоми таълим, чун талабот ба кадрҳои баландихтисос, баланд бардоштани қобилиятҳои эҷодии педагогон муҳим мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- рисола метавонад ҳамчун сарчашмаи маълумоти назариявӣ оид ба мафҳум ва моҳияти "муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълим", навъ ва шаклҳои маъмули саволу масъалаҳои корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ, ташхиси педагогӣ, бартарӣ ва нуктаҳои мусбии санҷишҳои педагогӣ ва ғайра ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ ва гузаронидани таҳқиқотҳо аз ҷониби дигар таҳқиқотчиён истифода бурда шавад;
- хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар асоси таҳлилу баррасии натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ оиди ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба даст омаданд, дар ҳалли масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷумҳурӣ дорои аҳамияти хоса мебошанд;
- тавсияю пешниҳодҳо оид ба ҳолати кунунии равияҳои марбут ба ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рисола баёни худро ёфтаанд, дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ба назар гирифта шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:** равишҳои таҳлилию ташхисии истифодашуда метавонанд ҳамчун маводи методӣ ҳангоми тадриси машғулиятҳои амалии мувофиқ ба эътибор гирифта шаванд; натиҷаҳои бадастомада метавонад ҳамчун заминаи мувофиқи иттилоотӣ барои таълифи монография ва дастурҳои таълимию методии ба мавзӯъҳои муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, андозагириҳои педагогӣ, истифодаи усулҳои математикӣ оморӣ дар таҳқиқотҳои педагогӣ ва монанди инҳо хизмат намояд. Истифодаи методикаи муносибати инфиродӣ – тафриқавии коркардшуда ба баландбардории сатҳи натиҷабахшии таълими мактаббачагон, тағйир ёфтани муносибати онҳо ба таҳсил, инкишофи мақсаднок бо хусусиятҳои шахсӣ ва фитрӣ мусоидат мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ** бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали таҳқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунанд, алоқамандии назария бо амалияи кор дар мактабҳои озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои

таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди коркарди натиҷаҳо нигаронидашуда; бо иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шудаанд. Эътибornokии санадҳои дар ҷараёни таҳқиқ бадастомада инчунин бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим тасдиқ шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – “Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот” (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад: *банди 1* – “Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ” (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – “Консепсияи таҳсилот” (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – “Педагогикаи амалӣ” (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзӯъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот, дар ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муратттабсозии натиҷаҳои рисолаи таҳқиқотӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсионӣ амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2018-2024) гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ ва конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”муҳокима карда шудааст. Мақолаҳои илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ “Роҳ ва

воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб" (Хуҷанд 2023, "Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосир ва роҳҳои таъмини устувории он" (Душанбе, 2023), "Модернизатсия ва трансформатсияи фаъолияти илмӣ дар шароити рақамисозӣ" (Федератсияи Русия, 2023), "Муаммоҳо ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" (Хуҷанд, 2024) ба нашр расонида шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла дар 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд ва боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои "Муқаддима", "Тавсифи умумии кор", ду боб, бахши "Хулосаҳо" бо зербахшҳои "Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия" ва "Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо", бахши "Охирсухан", бахши "Номгӯи адабиѐт" бо зербахшҳои "Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда" ва "Феҳристи интишороти илмии довталаби дарѐфти дараҷаи илмӣ" иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 197 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, 8 расму диаграмма ва 12 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 182 номгӯй аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ МУНОСИБАТИ ИНФИРОДӢ - ТАФРИҚАВӢ ДАР ТАЪЛИМ

## 1.1 Таълими инфиродӣ - тафриқавӣ чун муаммои педагогӣ.

Рушди босуръати соҳаҳои гуногуни кишвар тақозо менамояд, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ инкишофи шавқу ҳавас ва майлу хоҳиши ҳар як хонандаро дар раванди таҳсилот ба назар гиранд. Низоми мураккаби давоми чандин солҳо бавуҷудомада ва нақшаи таълимии он, ки барои ҳамаи толибилмон ягона ва ниҳоят пурбор буд, ҳам ба омӯзгорон ва ҳам ба хонандагон барои иҷрои корҳои эҷодӣ имкон намедиҳад.

Дар таърихи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба таълими тафриқавӣ - инфиродӣ одатан танҳо дар мавридҳои табаддулот, вақте мақсадҳои таълим тағйир меёфт, рӯй меоварданд. Аммо, дар муқоиса бо марҳалаи нави инкишофи маориф бояд қайд кард, ки қаблан таълими тафриқавӣ бештар дар асоси касби банақшагирифташуда амалӣ гашта, муайян намудани фарқи тахассусҳо ҳамчун аксуламали ҷавобии муассисаҳои таълимӣ нисбат ба талаботи истеҳсолот ва хоҷагии халқ ба кадрҳои соҳибтахассус ба ҳисоб мерафт.

Самтёбии касбӣ ва шаклёбии самтҳои касбӣ дар шароити таълими тафриқавӣ дар корҳои В.П.Ленгвинас [97] ва О.Г.Максимова [106] инъикос ёфтааст. Таълими инфиродӣ низ ба инкишофи шахсиятҳои хонандагон ё худ амалӣ намудани шавқу завқи алоҳида ва майлу ҳаваси онҳо сурат мегирад.

Дар шароити кунунӣ кӯшиши асосӣ ба таълими инфиродӣ – самтёбӣ нигаронида шудааст, ки завқ, майл ва хусусиятҳои инфиродии хонанда чун тамомияти сохторӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Аввалин маротиба зарурияти ҳалли масъалаи шахсияти хонанда ба сифатҳои алоҳида ҷудо ё худ гурӯҳбандӣ накарда, дар шакли маҷмуъ аз ҷониби Н.Э.Унт ба миён гузошта шуда буд [158]. Аҳамияти зурури фаҳмиши шахсият дар рисолаи Я.С.Мерлин таҷассум ёфтааст, ки дар он олим мафҳуми “якҷоякунии инфиродӣ” (“интегральной индивидуальности”) - ро чун “хусусиятҳои томи сифатҳои фардии инсон” шарҳ медиҳад [111, 118].

Ба омӯзиши масъалаи таълими тафриқавӣ як қатор таҳқиқотҳо, бахшида шуда, муаллифон, аз ҷумла, С.ВАлексеев [6], Л.Я.Зорина [60], Е.Е.Минченков [112], В.М.Монахов [113] В.В.Сериков [125] И.Э.Унт [27], В.В.Фирсов [126], Н.М.Шахмаев [155], И.С.Якиманская [180], В.И.Ревякина [138] ва дигарон доир ба ин ё он паҳлуи мавзуи мавриди омӯзиш қарордодаи мо изҳори андеша кардаанд.

Олим С.И.Литерат [100] масъалаи интихоб ва таълим дар мактабҳои хусусии физикӣ - математикии назди донишгоҳҳоро таҳқиқ намудааст.

Муҳаққиқ А.А.Бударный [27] дар рисолаи хеш роҳҳои ташаккули муносибатҳои ахлоқии хонандагонро дар машғулиятҳо бо таълими тафриқавӣ, хусусиятҳои ҳайати хонандагон ва муносибатҳои инфиродӣ дар машғулиятҳо бо омӯзиши пурраи фанҳоро П.Э.Краав [87] мавриди таҳқиқ қарор додааст. Н.К.Гончаров ташкилкунандаи озмоиши таълими тафриқавӣ дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти миёна ба ҳисоб меравад [43]. Дар корҳои худ Н.К.Гончаров ба масъалаи ташкили таҳқиқотҳои озмоишӣ, коркарди нақшаҳои таълимии самтҳои мухталиф диққати зиёд додааст. Ба ин масъала пажуҳишоти М.А.Мелникова низ бахшида шудааст [145].

Вижагиҳои алоқаи хонандагон дар шароити таълими тафриқавӣ дар корҳои А.А.Бударный [27] ва И.Э.Краав [87] ифода шудааст. Дар таҳқиқотҳои ин муаллифон қайд мегардад, ки таълими тафриқавӣ бо назардошти якчанд асосҳо тарҳрезӣ мегардад ва он шаклҳои мутафовити амалишавии онро муайян месозад. Сухан аз хусуси таъсиси мактабҳои тахассусӣ, синфҳо ва ё гуруҳҳои дохили синф, ки аз рӯйи нақшаи таълим ва барномаи аз лиҳози мундариҷа ва суръати дастрасии мавод ва монанди инҳо гуногун меравад.

И.Э.Унт ду шакли тафриқаро, ки дар зинаи болоии таълим истифода бурда мешавад, нишон додааст:

1. Дар зинаи муайян мактаб ба соҳаҳои алоҳидаи дониш (масалан, соҳаи гуманитарӣ, физика - техникӣ ва табиӣ) тақсим карда мешавад;

2. Ба фанҳои ҳатмӣ фанҳо интихобшуда ё маҷмӯаҳои онҳо илова карда мешаванд.

Шакли аввали тафриқа ба таъсиси мактабҳо, синфҳо ва ё гуруҳҳои тахассусӣ, ки нақша ва барномаи таълим аз таълими анъанавӣ (гурӯҳбандии

зоҳирӣ) фарқ дорад, такя мекунад.

Шакли дуюми тафриқа – дохилӣ – баназаргирии хусусиятҳои инфиродии хонандагон дар гурӯҳҳои таълим бо усули тафриқавӣ мебошад. Асоси интихоби самти таълим дар синфҳо бо омӯзиши амиқи фанҳо, ҳамгироии умумӣ, таълими политехникӣ ва тахассусӣ дар рисолаҳои О.Максимова [47], М.П.Палянов [127], Г.А.Данилочкина [55], С.И.Литерата [99] нисбатан васеътар мавриди пажуҳиш қарор ёфта, ҳамчунин аз ҷиҳати назарӣ асоснок карда шудаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар таҷрибаи бой дар ташкили таълими амиқи фанҳои алоҳида ҷой дорад, ки дар корҳои илмиву методии академик У.Зубайдов [61] ва дигарон инъикос ёфтааст. Дар ин синфҳо нақшаҳои таълим чунин таҳия шудаанд, ки фанҳои амиқ омӯхташаванда мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Фанҳои боқимонда дар сатҳи таълими анъанавӣ ва ё худ нисбатан ихтисоргашта дода мешаванд.

Олим И.Э.Унт дар таҳқиқоти худ бар фоидаи ташкили синфҳои тахассусӣ далелҳои зиёд овардааст: ба муаллим кор бо хонандагони ҳайати якхела дошта осонтар аст, муҳассилини болаёқат ба фаъолият ба зудӣ фаро гирифта мешаванд, ба онҳо машғулият дилгиркунанда нест, қувваи зиёди худро ба омӯзиш равона мекунанд [156]. Ҳамин тариқ, таҳсил дар синфҳои тахассусӣ ба мақсадҳои таълим ва инкишофи хонандагон таъсири мусбат мегузорад.

Дар замони муосир таъсиси мактаб - литсейҳо, гимназияҳо тамоюли мустаҳкам касб намудаанд, ки чунин раванди фаъолиятро амалӣ мегардонанд. Чӣ хеле ки таҳлили корҳои олимони муосир - Н.В.Горбунова, П.И.Горлов [46], А.Г.Каспржак [73[ С.Н.Литерат [100], В.С.Пирогов, Д.С.Савелев [146] нишон медиҳад, дар чунин муассисаҳои таълимӣ дар радифи фанҳои анъанавии мактабҳо ба нақшаи таълим курсҳои нав илова карда мешаванд.

Ба масъалаи таълими тафриқавӣ назария ва амалияи маорифи аврупоӣ диққати зиёд равона кардааст, ки он дар таҳқиқотҳои В.В.Гузеев [48] инъикос мешавад. Муносибат ба тафриқа дар шабакаҳои васеи навгароён ифода ёфтааст. Онҳо метавонанд мазмуни таълим, сохтани нақшаҳо ва барномаҳои таълимро интишор диҳанд, моделҳои гуногуни гурӯҳбандӣ дар синф, масоили марбут ба маъмурони таълиму тарбия, намуд ва роҳҳои назорат ва ҳисобот, баҳогузорӣ ба раванди таҳсилро нишон диҳанд.

Дар корҳои И.Д.Бутузов [29], И.Э.Унт [156], В.И.Ревякина [138] таҷрибаи амалигардонии тафриқа дар мактаб, таснифоти шаклҳо ва навъҳои мухталифи таълими тафриқавӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродии муҳассилин бо роҳи муттаҳидкунии онҳо ба гуруххҳои алоҳида шарҳ дода шудааст.

Таҷрибаи солҳои қаблӣ дар соҳаи амалигардонии таълими тафриқавӣ диққати ҷиддиро тақозо дорад. Педагогони бисёре ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ин масъала шуғл варзидаанд. Барои мо муайян намудани ин нукта муҳим аст, ки кадом шаклу намудҳои таълими инфиродӣ - тафриқавӣ дар таърихи собиқ мактабҳо нисбатан самарабахштар буданд. Бо ин мақсад озмоиши соли 2012 - ум гузаронидаи академик У.Зубайдов, дар муассисаи таҳсилоти ҳамагонаи №54 - и шаҳри Душанбе ҷолиби диққат буд. Ғояи асосии озмоиш – тафриқаи хонандагон мувофиқи инкишофи бадеӣ – эстетикӣ маҳсуб меёфт. Дар натиҷаи тафриқа, чӣ хеле ки педагог – озмоишкунандагон баён медоранд, фаъолгардонии маърифатнокӣ, эҷодкорӣ, сифатҳои ҷустуҷӯии хонандагон ба мушоҳида расид. Аммо, дар баробари мувафақиятҳо ҳолатҳои афзудани ҳаяҷон, қаҳру хашми хонандагон низ ишора шудаанд. Равоншиносон ин ҳолатҳоро аз ҳисоби маҷуд набудани методикаҳои махсус ва ниҳоят пурбории фаъолияти зеҳнӣ шарҳ додаанд. Ба ин норасоиҳо нигоҳ накарда, озмоишҳои ташкили гурӯҳҳо, синфҳо ва мактабҳое, ки таълими ин ё он фан ба таври иловагӣ сурат гирифтааст, қадами аввал дар илми педагогика ба шумор мерафтанд, зеро яке аз навъҳои тафриқа (асоси он) - гуруҳбандии синфҳо ва интихоби мазмуну мундариҷаи таълим ба роҳ монда шуда буд. Самарабахшии ин намуди тафриқа бо нишондиҳандаҳои баланди корҳои таълимӣ тасдиқ гардид. Аз нигоҳи мо, ин навъи тафриқа намунаи беҳтарин барои синфҳо ва мактабҳои тахассусии тафриқавӣ буд.

Дар ин марҳала дар муассисаҳои таҷрибавии шаҳр барои кӯдакони заъифии ҷисмонидошта, ки фаъолият бо низоми нисбатан сабук ва таъмини ғизо роҳандозӣ мегардад, синфҳои махсус низ ташкил шуданд. Ҷадвали ин синфҳо фориғ аз пурборӣ буда, дар натиҷа хонандагон муваффақона барномаи таълимро аз худ намуданд ва саломатиашон низ рӯ ба беҳбудӣ овард.

Ҳамин тариқ, ин таҷриба исбот мекунад, ки зимни ташкили синфҳои тахассусӣ ба инобат гирифтани на танҳо инкишофи равонӣ, шавқу завқ, майл ва

қобилият ҳамчунин ба инобат гирифтани саломатӣ ва инкишофи ҷисмонии кӯдакон зарур аст. Мусаллам аст, ки барномаҳои синфҳои тахассусӣ ба шиддатнокии суръати кори муҳассилин нигаронида шуда, онро танҳо бачагони соҳиби инкишофи баланди зеҳнӣ ва ҷисмонӣ иҷро карда метавонанд.

Омӯзиши таҷрибаи мактабҳо дар солҳои қаблӣ бо таълими тафриқавӣ ба хулосае меорад, ки хусусият ва фаъолияти таълимӣ ва гурӯҳбандии синфҳои махсус гуногун буда метавонанд. Дар Ленинград ҳанӯз дар давраи шӯравӣ дар мактаб - коммунаи Ф.М.Достоевский, ки мудирии онро педагоги машҳур Сорока - Росинский ба зимма дошт, синфҳо (шуъбаҳо) аз рӯйи принсипи майлу хоҳиши донишазхудкунӣ ташкил карда шуда буданд. Дар шуъбаи II кӯдакони нисбатан ба хониш майлдошта, ба I - онҳое, ки ба (омӯзиш камтар хоҳиш доштанд) интихоб гаштанд. Барномаи шуъбаҳо тақрибан якхела буданд, танҳо марҳалаҳои иҷрои онҳо аз ҳам фарқ дошт" [148].

Дар ин мактаб на устохонаҳои таълимӣ, на имконияти меҳнат кардан дар ин ё он фабрикаву заводҳо мавҷуд набуданд. Фаъолияти асосӣ таълим буд. Дар машғулиятҳо то нисфирӯзӣ фанҳо аз рӯйи барномаи ҳадди ақал (минимум), новобаста аз шавқу хоҳиши хонандагон таълим дода мешуд. Дар нимсолаи дуюм ба иҷрои корҳои мустақилона машғул мешуданд. Омӯзгорон вазифадор буданд, ки ба тарбиятгирандагон кор бо китобҳои бадеӣ, дарсӣ, аз рӯйи мазмуну муҳтаво таҳия намудани саволҳо, мураттаб сохтани нақша ва монанди инҳоро аз худ кунонанд.

Тарбиятгирандагон машғулияти ҷолиб доштанд: “Ҳар гуна донишро дар амал татбиқ намо”. Хондани асарҳои бадеии таърихӣ, ҳатто омӯзиши қисматҳои ҳисоб (математика) ва дигар фанҳо аз рӯйи мазмуну ғоя бо тайёр кардани саҳначаҳо анҷом дода мешуд. Шавқи нисбат ба фан дошта ба майлу хоҳиши табдил ёфта, бачагон бо завқ ба чунин саҳначаҳо омода мешуданд.

Таълим фаъолияти асосии муҳассилин буд. Омӯхтан, барои дар зиндагӣ роҳи дурустро пайдо кардан, “барои дар ҷомеа мавқеъ ёфтан” - ин суханон ҳамчун шиори мактабҳо садо медод. Ин мақсад дар машғулиятҳои синфӣ, корҳои мустақилона ва баромадҳои саҳнавӣ амалӣ мегардад.

Дар мактаб - коммунаи ба номи Ф.М.Достоевский метавон усулҳои фаъолияти тафриқавиро ба мушоҳида гирифт. Гуруҳбандии синфҳо аз рӯйи як

принсип – мувофиқи хоҳиш анҷом дода мешуд. Дар ҷараёни машғулият ҳар як хонанда бояд сатҳи пасттарини таълимро фаро мегирифт, аммо вақти иҷрои корҳои мустақилона хонандагон метавонистанд донишҳои худро аз фанҳои барои худашон нисбатан шавқовар амиқтар намоянд. Дар мактабҳо таълими касбӣ, тамоюлҳои касбӣ мавҷуд набуд, вале тамоми кӯшишҳои муҳассилин барои ба даст овардани донишҳои назарӣ равона гашта буд. Хатмкунандагони ин мактаб ба макотиби олии кишвар муваффақона дохил мегаштанд ва бо ин тасдиқ мекарданд, ки мактаб ба онҳо илму маърифати шоистаро аз худ кунонидааст.

Таҷрибаи кории мактаб – коммунаи ба номи Ф.М.Достоевский, ба назари мо, на танҳо бо муносибати хусусии гурухбандии синфҳо, балки бо таҳияи барномаи минимум барои ҳамаи толибилмон ҳатмӣ, ҳамгироии шаклҳои гуногуни ташкили раванди таълим, ки барои амиқгардонии донишҳо дар заминаи фанҳои асосӣ ба даст омадаанд, ҷолиби диққат мебошад. Густариши донишҳои муҳассилин ва амиқ гардонидани маводи назарӣ барои муошират дар ҷараёни чорабиниҳои беруназсинфӣ мусоидат карданд.

Дар нимсолаи дуюми солҳои 20 - уми қарни гузашта дар мактаби миёна тайёрии меҳнатии хонандагон пурқувват карда шуд. “Гузариш ба Сиёсати нави иқтисодӣ (СНИ) (НЭП) ва оғози таҳаввулоти саноатӣ, ки талабот ба кадрҳоро дар соҳаи истеҳсолот, хоҷагии халқ, маданият ва маориф, ҳамчунин ниёзи зарурии худи ҷавононро ҷиҳати муайянкунии шуғли меҳнатӣ дар шароити бекорӣ ба миён гузошт, минбаъд тайёрии амиқи консепсияи меҳнатӣ ва тахассусии ҷавононро талаб кард” [54].

Соли 1925-уми садаи XX Комиссариати халқии маориф (Наркомпрос) доир ба ворид кардани тамоюлҳои тафриқавии тахассусӣ барои хонандагони синфҳои болоии мактабҳои миёна қарор қабул кард. Ҳар мактаб вобаста ба коргоҳҳои истеҳсолии дар атроф мавҷуда, лекин мактабҳои деҳа мувофиқ ба ниёзҳои тахассусии қишлоқ майлони муайян қабул мекард. Гумон мерафт, ки таҳсил дар шакли майлонҳои тахассусӣ ба хонандагон барои соҳиб шудан ба касбҳои мушаххас дар синфхонаҳо, ба қобилиятҳои худмуайянкунии хатмкунандагон ва ҳалли таъминоти кадрии истеҳсолот ва хоҷагии қишлоқ имкон фароҳам меорад.

Дар мактабҳои озмоишӣ – намунавӣ таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ барои синфҳои тахассусӣ ба роҳ монда шуда буданд. Дар ин солҳо мактабҳои фабрикӣ - заводии ҳафтсола ташкил карда шуд. Ин мактабҳо ҳам аз як тараф маълумоти миёнаи нопурраи умумӣ ва аз тарафи дигар тайёрии политехникӣ ва малакаи меҳнатӣ медод. Дар деҳа бошад, намуди нави мактаб - мактабҳои деҳқонҷавонӣ, ки қадами ҷиддӣ дар ҳалли масъалаи меҳнатӣ ва касбии ташаккули хонандагон дар шароити таълими тафриқавӣ буд, сохта шуданд. Барномаи таълимии ин гуна муассисаҳо (МФЗҲ (мактаби фабрикӣ - заводии ҳафтсола); МДҶ (мактабҳои деҳқонони ҷавон ) бо назардошти алоқаи мустаҳками таълим бо меҳнати ҷамъиятӣ – истеҳсолии хонандагон ба роҳ монда шуда буд.

“Таҳлили хусусиятҳои раванди таълим дар МДҶ ва МФЗҲ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мо бояд ташкили ин шаклҳои таълим, ки солҳои аввали Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омада буданд, чун кӯшиши аз ҷиҳати мазмун ҷолиби таълими тафриқавиро вобаста ба шароитҳои мушаххаси маҳаллии алоқаманд бо заводу фабрика, ширкатҳо ва ё хоҷагии деҳқонӣ омӯзем” [149].

Корҳои васеи озмоишӣ гузаронида мешуданд.. Аввалин стансияи озмоишӣ – намунавӣ солҳои 20 – 30 - юми садаи гузашта таҳти роҳбарии С.Т.Шатский ташкил гардида буд. Асоси фаъолияти онҳо ба ҳамбастагӣ ва идомати тамоми сатҳҳои маорифи халқ нигаронида шуда буд. С.Т.Шатский муҳити атрофро, ки бачагон зиндагӣ мекунанд, ба воя мерасанд ва таҳти таъсири он тарбия меёбанд, аз омилҳои муҳими таъсиргузор ба ташаккули шахсият маҳсуб медонист. С.Т.Шатский мактабро маркази корҳои тарбиявӣ дар фаъолияти худ ва иттиҳоди кӯшишҳои тамоми муассисаҳои тарбиявӣ мепиндошт. Масъалаҳои муҳимтарини кор ҳамоҳангсозии саъю кӯшиши мактаб, оила ва ҷомеа дар тарбияи кӯдакон ва ҷустуҷӯи шаклҳои самараноки ҳамкорӣ буданд. Мақсади асосии фаъолият - рушди ҳамаҷонибаи кӯдак мебошад.

Усулҳои кор дар раванди фаъолияти истгоҳ, ки муассисаи мукаммал буд, аз ҷумла боғчаи кӯдакон, мактаб, техникуми педагогӣ тавлид ва такмил дода шуданд. Дар пойгоҳи он корҳои илмӣ - таҳқиқотии омӯзгорон, курсҳои баландбардорӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон гузаронида мешуданд.

Дар раванди таҳқиқот ҷустуҷӯи муносибатҳои нав дар ташкили таълимӣ –

тарбиявӣ дар мактаб сурат гирифтанд. Педагогон кӯшиш мекарданд, ки ба бачагон ҳар чӣ бештар имкон барои эҷодро фароҳам оранд, мустақилиятро инкишоф диҳанд, қобилият ва истеъдодашонро зоҳир кунанд; мактаб, бино ба гуфти С.Т.Шатский, бояд ба кӯдакон хурсандӣ бахшад. “Кӯдак дар мактаб кор карда бояд донад, ки ӯ умуман мақсаднок, шавқовар ва босамар зиндагӣ мекунад. Барои ӯ соҳаҳои омӯзиш кушода мешаванд, ки ба кадоме ӯро бе мактаб роҳ намедиҳанд …” [150].

Дар мактаби С.Т.Шатский педагогон ба он кӯшиш мекарданд, тарафҳои пурқувват, шавқу ҳавас ва истеъдодҳои ҳар як хонандаро инкишоф диҳанд. Ба чунин муҳассилин тайёр кардани маърӯза, реферат супориш дода мешуд, вазифаҳои ниҳоят мураккаб манзур мегаштанд ва онҳо бо завқи зиёд дар маҳфилҳо, ки дар мактаб хеле бисёр буданд, ширкат меварзиданд. Чун дар дигар мактабҳои он давр дар мактаби С.Т.Шатский майлонҳои тахассусӣ ҳамроҳ карда буданд. Азбаски тамоми стансияи таҷрибавӣ – намунавӣ бо тадқиқоти педагогӣ машғул буд, тамоюли педагогӣ аз ҷониби мактаб интихоб гашта буд. Он дар ибтидо хеле шавқовар буд. Аммо дар раванди фаъолият баъзе норасоиҳо низ бо воридшавии навоварӣ зоҳир гаштанд, чун на ба ҳамаи хонандагон махсус касби омӯзгорӣ маъқул буд. Мавҷуд набудани майдони васеъи интихоб норизоӣ ва камҳавсалагии он хонандагонеро, ки нисбат ба касби омӯхташаванда шавқе надоштанд, афзуд. Роҷеъ ба ин масъала С.Т.Шатский навиштааст: “Он чизе, ки ҳамчун майлон шарҳ дода мешавад, вақте мо дар назди мактаб имкони шиносоии хонандагонро бо танҳо як касб фароҳам меорем, ин муаммоҳоро ҳал карда наметавонад (ин ҷо масъалаи самтёбии ҷавонон ба касбҳои гуногун дар назар дошта шудааст – аз муаллиф)… Ба назари ман, бояд масъалаи аз синфи ҳаштум ва ҳатто ҳафтуми мактаб дар ду сатҳ бо низоми муайян ташкил намудани корҳо бо мақсади самтёбии хонандагон ба касбҳои гуногун ба роҳ монда шавад” [177].

Муҳаққиқ С.Т.Шатский ташкили утоқҳои махсус барои омӯзиши касбҳоро зарур ҳисобида, онро ба масъалаи майлонҳо «масъалаи коркарди майлу рағбати касбӣ барои ҳар як хонанда дар мувофиқа ба таҳияи нақшаҳои машғулияти ӯ» марбут медонад [177].

Системаи педагогии С.Т.Шатский ба инкишофи шахсият, фитрат ва

қобилияти ӯ нигаронида шудааст. Таҳсил дар мактаб мутобиқ ба принсипҳои фардият созмон ёфта буданд. Хулосаҳо оид ба вазифаи мактаб, ки на ба омӯзиши бармаҳали касб, балки барои самтёбии хонандагон ҷиҳати ба даст овардани касби мушаххас дар оянда, таҳияи нақшаҳои касбӣ ва дар робита бо он пешкаш кардани нақшаи машғулиятҳои мувофиқ ниҳоят муҳим ҳастанд. Ин принсипи самтёбии мақсадноки таълим аст, ки муҳимияти худро дар шароити имрӯз низ аз даст надодааст.

Ворид кардани касбомӯзӣ ба мактаби миёна дар шакли майлонҳо натиҷаҳои мусбат ба бор оварданд. А.А.Мелников дуруст қайд мекунад: "…барои омӯзиши истеҳсолӣ ҳоло маводи зарурии базавӣ муҳайё нест. Ғайр аз он, муҳлати омӯзиш дар мактаби миёна имкони ҳалли ду масъала – тайёр намудани ҳар як хонанда ба корҳои амалӣ ва инчунин дохилшавӣ ба мактабҳои олиро надорад. Мактаб дар асл ба паст шудани сатҳи таҳсилоти миёна ва омӯзиши ҳунармандии хонандагон мерафт" [108,48].

Зиёд кардани фаъолияти амалии хонандагон аз ҳисоби паст намудани сатҳи донишҳои таҳсилоти миёна, малакаву маҳорат сурат мегирифт. Инро, ба андешаи мо, метавон пешгирӣ кард, ба шарте ки ҳадди ақали муайяни таълимӣ, ки ҳамаи хонандагон новобаста аз сатҳи таълим бояд ба даст оранд, ҳадди ақал, ки сатҳи умумифарҳангии донишро таъмин мекунад, ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳангоми будани хоҳиш барои дохил шудан ба муассисаҳои миёнаи касбӣ ва олӣ омода шавад. Мо ин шартро барои ташаккули системаи муосири синфҳои тахассусӣ хеле муҳим мешуморем.

Бо масъалаи таълими тафриқавӣ на танҳо педагогон аз Русия ва Тоҷикистон машғул гаштаанд. Дар ин марҳала кӯшишҳои ҷолиб дар мамлакатҳои дигари хориҷа низ анҷом пазируфтанд. Бо зикри чанд намуна таваққуф менамоем. Дар ИМА Виннетка-план, дар Англия - Далтон-план пешниҳод гашт. Мувофиқи Виннетка-план ҳар як хонанда курси омӯзишӣ аз рӯйи нақшаи инфиродӣ, аз рӯйи суръати шахсии худ мегузашт. Ба муҳассилин "Маводи корӣ" ("Рабочие материалы") доир ба фан барои дар хона иҷро кардан пешниҳод мегардид. Ҳамзамон бо машғулиятҳои инфиродӣ боз якчанд намуд машғулиятҳои дастаҷамъона (бозӣ, мубоҳиса, маҳфилҳо доир ба санъат ва монанди инҳо) ташкил мешуд. Муаллим дар ин маврид ба сифати мушовир

иштирок мекард.

Ғояи Далтон-план дар Англия ба вуҷуд омад, бо каркарди он Элен Паркхерст машғул буд. Синфхонаҳо бо роҳбарии омӯзгор – мушовирон ба “сухангӯёни фаннӣ” иваз шуданд. Ҳар як хонанда пеш аз шуруи кор аввалан ба “синфи ташкилӣ” (“класса-организации”) даромада, аз муаллим нишондодҳо доири ҳар чӣ беҳтар ба нақша гирифтани корҳои ҳамонрӯзаи худ қабул мекард ва сипас ба иҷрои онҳо оғоз менамуд. Омӯзгор иҷрои супоришҳои ҳарҳафтаина ва ҳармоҳаи шогирдонро назорат бурда, баҳои онҳоро дар “китобчаи корӣ” (рӯзнома)-и хонанда қайд менамуд. Ғайр аз машғулиятҳои инфиродӣ инчунин машғулиятҳои дастаҷамъона, ки аз рӯйи он хонанда аз хусуси корҳои иҷронамуда ҳисобот медод, ба назар гирифта мешуд.

Таълим мутобиқи Виннетка-план, Далтон-план мавҷудияти дафтарҳои кориро дар шакли чопӣ, таҷҳизонидани утоқҳои таълимӣ ва таҷрибахонаҳо, истифодаи шаклҳо ва методҳои мухталифи таълим муқаррар кард. Дар мактабҳои собиқ шӯравӣ Далтон-план ва Виннетка-план бо каме тағйирот дар шакли методӣ – “лабораторӣ – бригадавӣ” барои омӯзиши мустақилонаи мавод аз ҷониби хонанда бо роҳи таҷрибавӣ - инфиродӣ дар “лаборатория” аз ҳар фан мушаххас пешбинӣ шуда буд. Дарс, ҷадвал, синфҳо набуд, муаллим нақши мушовирро иҷро мекард. Барои гузаронидани таҷриба ва назорат “китобҳои корӣ” таҳия гаштанд. Дар аксари мактабҳо таҷҳизот барои гузаронидани таҷриба муҳайё набуд ва ҳамаи супоришот барои омӯзиш ба китоби корӣ барои як моҳ ба бригадаи иборат аз 10 нафар қайд мегардид. Чунин тарзи кори таълимӣ ба ниҳоят паст рафтани сатҳи дониш аз рӯйи фанҳои гуногун оварда расонид.

Бешубҳа, таҷрибаи педагогони хориҷа натиҷаҳои мусбат дошт. Аммо, қабули танҳо қисме аз системаи педагогӣ, ҷорӣ кардани таҷриба бе ташкили шароити зарурии корӣ барои беҳтар гаштани фаъолияти мактаб мусоидат накарда, танҳо натиҷаи манфӣ ба бор овард, аз ин ҷиҳат омӯзгорон методи лабораторӣ – бригадавиро рад карданд. Бо ҳамин сабаб, дар мактабҳои собиқ шӯравӣ “метод проекти Коллинс” низ амалӣ нагардид.

Солҳои 20-уми асри гузашта давраи ташкилёбии мактабҳои шӯравӣ буд. Ҷустуҷӯи шаклҳо ва усулҳои нави кор ба роҳ монда шуд, ба омӯзгорон имкони гузаронидани таҷриба пеш омад. Муаллимони пешрафта ва соҳибхирад ба таври

васеъ фикри таълими тафриқавиро, бо андешаи роҳи ташаккул ва инкишофи шахсияти эҷодкор дар ҳар самт коркард намуданд. Ин марҳала ба фаъолияти гуногуншакли мактабҳо, барномаҳо, роҳу усулҳои таълим, аз ҷумла, методҳои аз ҷониби хонандагон ба таври озод интихобшуда шароит фароҳам овард. Муваффақият ва нобарории педагогон – таҷрибаомӯзон маводи бою ғанӣ барои омӯзиши хусусиятҳо ва имкониятҳои таълими тафриқавӣ дар мактабҳои муосир манзур менамояд.

Солҳои 30-юми садаи гузашта баъди қабули қарорҳои маълуми ҳизб ва ҳукумат фаъолияти эҷодӣ ва озмоишии педагогон дар мактабҳо паст гардид. Шакли асосии таълим дарс маҳсуб ёфт, барномаҳое таҳия гаштанд, ки барои машғул шудан берун аз синфхона имкон набуд ва китобҳои дарсии ивазнашаванда ба нашр расиданд. Ҳамаи ин меъёрҳо ба таълими стандартӣ, ба догма, махсусан дар омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ оварда расонид. Доир ба тафриқа ҷойи сухан набуд, агар баъзе фарқиятҳои байни ҳафтсолаҳои фабрику заводҳо ва мактабҳои ҷавонони деҳқонро ба ҳисоб нагирем.

Ба таҳлили ин масъала танҳо соли 1985 вобаста ба қабули Қонун доир ба мактаб ва ташкили мактаб бо таълими истеҳсолӣ (с производственным обучением) руҷуъ шуд. Аксари педагогон ба ташкили мактабҳои тафриқавӣ дар марҳалаи дуюми омӯзиш ҷонибдорӣ намуданд.

Шуруъ аз 1958-1959 - уми соли хониш Академияи илмҳои педагогӣ гузаронидани таҷрибаро барои ташкили таълими тафриқавӣ бо хонандагони синфҳои боло эълон кард. Озмоиш дар пойгоҳи мактаби миёнаи № 710-уми шаҳри Москва ва мактаби миёнаи Павлово - Посадскаи вилояти Москва таҳти роҳбарии академикони АФП СССР М.А.Мелников, Д.А.Эпштейн аъзои - корреспондент гузаронида шуд. Дар ин солҳо М.А.Мелников навиштааст: “Яке аз вазифаҳои асосии низоми тафриқавӣ наздик намудани илмҳои асосӣ бо мақсади тайёрии истеҳсолӣ, мусаллаҳ гардонидани хонандагон бо донишҳо ва маҳоратҳои махсус аст, ки дар фаъолияти истеҳсолӣ истифода мешаванд” [175].

Имконоти таълими тафриқавӣ дар асоси интихоби фанҳои пешбар дар асоси самтҳои зерин: физикӣ - техникӣ, химикӣ – техникӣ илмҳои табиӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ амиқ омӯхта шуданд. Хонандагони синфҳои болоии ин мактабҳо мувофиқи завқ ва майлашон ба ин ё он соҳаи фан гуруҳбандӣ гаштанд.

Муҳассилин бояд на танҳо фанҳоро мувофиқ ба самти таълим амиқ омӯзанд, балки маҳорати касбӣ низ ҳосил намоянд. Чунин марҳалаҳои низоми таълим пешниҳод шуд:

“Синфи IX - тайёрии пешакӣ ба меҳнати истеҳсолӣ – ҷамъиятӣ дар лабораторияҳои мактабӣ, утоқҳои таълимӣ, устохонаҳо ва сехҳои мактабии корхонаҳо вобаста ба омӯзиши фанҳои махсус. Таҷрибаи муттасили истеҳсолӣ дар корхонаҳо ва муассисаҳо дар охирии соли хониш.

Синфи X – батадриҷ ворид шудани хонандагон ба меҳнати истеҳсолӣ – ҷамъиятӣ аз рӯйи ихтисос ва афзоиши меҳнат мувофиқи ҳаҷми фарогирии дониш ва маҳоратҳои касбӣ. Идомаи омӯзиши фанҳои тахассусӣ. Кор дар истеҳсолот ва ё худ муассисаҳо ду маротиба дар давоми сол чанд рӯз пайдарҳам фориғ аз машғулиятҳои таълимии мактаб. Таҷрибаи истеҳсолии муттасил дар охири сол. Ба дараҷаи тахассусӣ (квалификационный разряд) соҳиб шудан” [175].

Ба асоси нақшаи таълими мактаб бо таълими тафриқавӣ нақшаҳои Вазорати маорифи РСФСР таҳия шуда буданд. Баъзе тағйиротҳо дар иртибот ба фанҳои амиқ омӯхта шаванд ва тахассусӣ ворид гаштанд. Бо ин на таркиб, на таносуби қисматҳо ва фанҳои алоҳидаи таълимӣ халалдор нагаштанд. Дар ҳолати интихоби номуваффақона ба хонандагон ҳеҷ муаммо барои интиқол ба шуъбаи дигар эҷод намешуд. Чӣ хеле ки Н.К.Гончаров қайд кардааст: “…маъмурият интихоби касбро маҷбур намекунад, танҳо ба ҷараёни ташкилшуда хонандагонро мувофиқи хоҳиш ва майли зоҳиршудаашон равон мекунад” [43,26].

Бо баҳогузорӣ ба озмоиши дар давоми 4 сол гузаронидашуда М.А.Мелников муқаррар кард, ки дар ҷараёни таълими тафриқавӣ пешрафт на танҳо аз фанҳои мувофиқ ба соҳаи интихобшуда, балки аз фанҳои боқимонда баланд гардид. Ҳамин тариқ, аввалин хавфи аз миён рафтани тайёрии хонандагон дар ин гуна шароит зоҳир шуд.

Тафриқаи соҳавӣ, чӣ хеле ки Н.К.Гончаров таъкид медорад, шароити мусоидро барои татбиқи вазифаҳои умумии миёна ва тарбиявӣ муҳайё сохт. Хонандагон бо азму ғайрат ва шавқи зиёд тамоми фанҳоро муваффақона аз худ мекунанд, дар утоқҳо ва лабораторияҳои мактаб ва истеҳсолот самаранок кор

мекунанд. Ба ақидаи Н.М.Шахмаева таҷрибаи таълими тафриқавӣ барои инкишофи зеҳнии хонандагон ва омӯзиши ҳаҷми ниҳоят зиёди барояшон ҷудошуда мусоидат кард [43, 175 ].

Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои мусбати озмоиш на танҳо бо муносибати тафриқавӣ аз худ кардани мавод, балки инчунин бо истифодаи шакл ва усулҳои асосноки таълим алоқаманд аст. Омӯзиши ҳар як мавзуъ аз чанд марҳала иборат буд. Дар марҳалаи аввали омӯзиши мавзуъ (як ё якчанд дарс) омӯзгор мундариҷаи онро мукаммал бо корбасти усулҳои дидактикии гуногун, ки фаъолияти донишандӯзии хонандагонро баланд мебардорад, баён мекунад. Ба хонандагон вазифаи хонагӣ дар ин марҳала супорида намешавад.

Марҳалаи дуюм (якчанд машғулият) – омӯзиши қисм ба қисми маводи назарӣ, ки таҳти роҳбарии муаллим ҷараён мегирад. Хонандагон ба таври иҷмолӣ (конспект) адабиёти иловагиро  рӯйнавис мекарданд, корҳои хаттӣ, графикиро иҷро менамуданд, масъалаҳоро ҳал мекарданд ва монанди инҳо. Дар ин марҳала ба хонандагон супоришҳои хонагӣ дода мешавад.

Марҳалаи сеюм – татбиқи амалии донишҳо ва ташаккулёбии маҳорат бо роҳи навиштани иншо, иҷрои корҳои амалӣ, ҳалли масъалаҳо, гузаронидани таҷрибаҳо ва монанди инҳо.

Марҳалаи чорум – мусоҳибаҳои ҷамъбастӣ, конфронсҳо аз рӯйи мавод ва санҷиш.

Хулосаи корҳои таҷрибавӣ – таҳқиқотӣ аз тарафи Раёсати Академияи илмҳои педагогии (АИП) ИҶШС ҷонибдорӣ гардид ва барои татбиқ тавсия карда шуданд. Аммо минбаъд ин кор интишор наёфт. Дар мактабҳои озмоишӣ интихоби соҳа барои омӯзиши истеҳсолии хонандагон бе ояндабинӣ татбиқ гардид. Таъмин бо кор ба хатмкунандагон то ба дараҷаи нарасидани ҷойи корӣ дар корхонаҳо мушкил шуд. Зимни интихоби ихтисос кормандони маорифи халқ чун анъана танҳо як омил – мавҷудияти ин ё он пойгоҳи истеҳсолиро дар назди мактаб ба ҳисоб мегирифтанд ва ба талаботи истеҳсолот, эҳтиёҷоти кадрӣ ва низ хоҳиши худи хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир намекарданд. Дар баъзе ҳолатҳо дар ҷараёни муайянкунии самти мактаб муаммои аҳамияти политехникии таълим ба миён гузошта намешуд. Омӯзиши ихтисоси маҳдуд бо таълими васеъ ва амиқи политехникӣ алоқаманд набуд ва ба худмақсадгузорӣ табдил ёфт. Ғайр аз ин,

ҳамеша муаммои тайёрии кадрҳои педагогӣ барои муассисаҳои таълими истеҳсолӣ дуруст ҳал мешуд. Дар бисёр мактабҳо, махсусан, деҳот, ки ихтисосҳои хоҷагии халқ омӯхта мешуд, ба сифати фанҳои тахассусӣ муаллимони фанни биология баромад мекарданд.

Вазъият дар синфҳое, ки дар пойгоҳи корхонаҳои саноатӣ фаъолият мекарданд, бадтар буд. Масалан, муаллимони физика аксар вақт норасоии омодагии политехникӣ ва ҳатто техникӣ надоштанд. Ба кӯмаки кормандони корхонаҳои саноатӣ, ки усулҳои таълим ва кор бо наврасонро намедонистанд, муроҷиат кардан ба вуҷуд меомад.

Моҳи ноябри соли 1966 қарори Кумитаи марказии ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС "Доир ба такмили минбаъдаи кори мактабҳои миёнаи умумӣ" ба тасвиб расид: "Бо назардошти таҷрибаи мусбати дар мактабҳо ҷамъшуда барои баъзе мактабҳо ва синфҳо ба омӯзиши амиқи назарӣ ва амалии фанҳои математика ва техникаи ҳисоббарор, физика ва радиоэлектроника, химия ва технологияи химикӣ, биология ва агробиология, фанҳои гуманитарӣ ва монанди инҳо ба хонандагони синфҳои 1Х-Х (XI) иҷозат дода шавад" [89].

Дар мактабҳо мувофиқи қарори мазкур ду навъи таълими тафриқавӣ ҷорӣ карда шуд: машғулиятҳои факултативӣ дар синфҳои VII-X ва мактабҳо (синфҳо) бо омӯзиши амиқи фанҳо дар синфҳои 1Х-Х. Мақсади асосӣ аз таъсиси ин синфҳо – амиқгардонии дониши хонандагон, инкишофи шақу ҳаваси онҳо, майлу рағбат, истеъдод, тайёрии хонандагон ба интихоби касб маҳсуб меёфт.

Солҳои минбаъд теъдоди синфҳо ва мактабҳо бо омӯзиши амиқи фанҳо афзуд, нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳо барои онҳо коркард шуданд, машғулиятҳои зарурии факултативӣ бо интихоби хонандагоне, ки ба инкишофи завқу майл ва ташаккули самти касбии бачагон мусоидат менамуд, ба назар гирифта шуданд. Аммо дар бисёре аз мактабҳо таълими тафриқавӣ амалан ба роҳ монда шуда набуд.

Солҳои 80 – 90 - уми асри гузашта масъалаи таълими тафриқавӣ аз нав назди мактабҳо ба миён гузошта шуд. Ҷустуҷӯ дар соҳаи таълими тафриқавӣ, асосан, таъсиси синфҳои тахассусӣ бо густариши миқдори муассисаҳои таълимӣ бо шаклҳои гуногун (литсейҳо, гимназияҳо, мактабҳои соҳавӣ ва монанди инҳо) ба роҳ монда шуд. Мутаассифона, таҳлили фаъолияти онҳо нишон медиҳад, ки

муайян намудани мақсад ва вазифаҳои онҳо, таҳияи мазмуну мундариҷаи таълим аксар маврид ба таври саҳлангориву кӯтоҳандешӣ (эмпирикӣ), бе ягон асоси ҷиддии илмӣ сурат мегирифт ва боиси нобарорӣ мегардид.

Ба масъалаи таълими тафриқавӣ ҳамчунин бисёр таҳқиқотҳо бахшида шудаанд. Муносибати тафриқавӣ ба хонандагон дар таълим дар корҳои А.А.Кирсанов [74] ва Е.С.Рабунский [136] А.Н.Конев [80], Н.А.Менчинская [109], И.Э.Унт [157] ва дигарон ифода ёфтааст.

Олимон Н.А.Менчинская [109], Н.Ф.Тализина [153], А.А.Кирсанов [74], З.И.Калмикова [68] ҷанбаҳои равонии масъалаи таълими тафриқавиии мактаббачагонро ба риштаи таҳлил кашидаанд.

Ба ташкили раванди таълимӣ – тарбиявӣ дар синфҳо Л.Ф.Спирин таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст.

Таҳқиқотҳои психологии Н.А.Менчинская [109] нишон медиҳад, ки дар фаъолияти хонандагон тафовути инфиродӣ ба таври равшан зуҳур мекунад. Ин фарқиятҳо, хусусан, дар хонандагони синфҳои болоӣ зоҳир мешавад, зеро чун анъана кори таълимӣ дар ин синфҳо нисбатан мураккабтар мегардад, аммо дар хонандагон ҳам шакли умумии фаъолияти таълимӣ ва низ инфиродӣ ташаккул меёбад. Муносибати гуногун дар интихоби ин ё он фанни омӯзишӣ ва навъҳои мухталифи фаъолияти таълимӣ (кори мустақилона, машғулиятҳои назарӣ ва лабораторӣ, намоиши таҷриба ва монанди инҳо) ба мушоҳида мерасад.

Дар рисолаҳое, ки ба омӯзиши тафовутҳои инфиродӣ дар ҷараёни донишазхудкунӣ бахшида шудаанд, таваҷҷуҳ қисман ба он равона карда шудааст, ки кадом ҷанбаҳои фаъолияти зеҳнии хонанда равшантар зуҳур менамояд – образнокӣ (мушаххас) ва ё нутқи мантиқӣ, унсурҳои (компонент) ҷамъбасткунанда ва ё худ дар раванди азхудкунии дониш аз тарафи хонанда дар фаъолияти зеҳнии ӯ ба кадом навъи корҳо майлу рағбат ба назар мерасад. Бо ин асос баъзе равоншиносон кӯшиши ба гуруҳҳо ҷудо кардани хонандагонро кардаанд. Муносибати дигар ба таснифи хонандагон ба гуруҳҳо дар асоси хусусиятҳои равонии умумӣ ба таври зерин сурат гирифтааст:

- сатҳи фарогирии амалиёти (муомилот) аналитикӣ - синтетикӣ, аз ҷумла, умумигардонӣ ва мафҳумгароӣ (абстрактӣ);
- сатҳи чандирии тафаккур ва маҳорати ифодаи аксуламал нисбат ба

таҳаввулоти амалиёти зеҳнӣ дар шароити тағйирёфта;

- алоқаи мустаҳкам ва ё баръакс вуҷуд надоштани робита байни унсурҳои конкрет ва мафҳуми (абстракт) фаъолияти зеҳнӣ.

Ин меъёрҳо, чӣ хеле ки тахлилҳои мо нишон дод, дар асоси тафриқабандии хонандагон ба равоншиносон барои кашфи қобилияти муҳимтарини таълимии хонандагон – қобилият нисбат ба хониш, бино ба таъкиди Н.А.Менчинская “омӯзиш” имкон фароҳам намуд. [109]

Таҳти мафҳуми омӯзиш ӯ қобилияти хонандаро дар муҳлати кӯтоҳ муваффақ шудан ба сатҳи нисбатан баланди донишазхудкуниро мефаҳмад. Дар омӯзиш, ба ақидаи вай, зарфияти имконоти тафаккури инсон, маҳорати ташкили фаъолияти ҷаҳоншиносӣ, равона кардани он ба самти ҳалли вазифаҳои гуногун ифода меёбад. Ин хусусият, ҳамин тариқ, ҷанбаи нерӯмандии шахсияти хонандаро инъикос мекунад.

Дар омӯзиш нақши муҳимро усулҳои пешбар дар фаъолияти маърифатӣ – раванди муқоиса ва татбиқ, кадоме, ки К.Д.Ушинский “асоси тамоми фаҳмиш ва тафаккур” ҳисобидааст, нақши калон мебозанд [160]. На ҳама хонандагон ин усулҳои муҳимро ба қадри кофӣ медонанд. Аксар вақт муқоиса бо мақоми тартибӣ иваз карда мешавад. Зуҳуроти ҳаммонанд дар раванди фаъолияти индуктивӣ – дедуктивии зеҳнии хонандагон мушоҳида мешавад. Ба тарзи инфиродӣ таълимгирандагон аломатҳои он ашёро баён карда метавонанд, ки онҳоро мебинанд, вале то хулосабарории дедуктивӣ тафаккури онҳо ҳанӯз кифоя нест. Тафовути инфиродӣ низ дар амалиёти таҳлил ва синтез ифода меёбад. Маъмулан, идроки моҳияти зуҳурот ва ё ашёи мавриди омӯзиш танҳо дар он маврид рӯй медиҳад, ки ҷараёни таҳлил ва синтез ҳамҷоя карда шавад. Зимни баррасии ашё дар хонандагон аввалан фаҳмиши умумӣ (суммарнный) ва ба қисматҳо ҷудонашудаи он сурат мегирад.

Ф.Энгелс навиштааст, ки “мо аввалан манзараи умумиро, ки қисматҳои он дар қафо ҷойгиранд, мебинем… Аммо, ба ин нигоҳ накарда, ин ақида тамоми хусусияти манзараи зуҳуротро фаро гирад ҳам, лекин он барои шарҳи ҷузъиёт кифоя нест ва барои мо манзараи умумӣ ҳанӯз равшан нест”.

Хусусиятҳои муҳими қобилиятҳои инфиродии хонандагон инчунин суръати пешрафт (суръати азхудкунӣ) дар омӯзиш ва суръати инфиродии кор

мебошад. З.И.Калмикова [155] бар ин назар аст, ки онҳо дар тавсифи тафовути байни хонандагони сатҳи гуногуни пешрафт ҷойгоҳи муҳим доранд. Ба ақидаи ӯ, тафовути суръати пешравӣ дар марҳалаи воридкунии маводи нав аз ҷониби омӯзгор бояд ба ҳисоб гирифта шавад, зеро аз хонандагон иҷрои таҳлилу баррасии маводи нав (дар пайравии муаллим) талаб карда мешавад. Суръати гуногуни пешравии хонандагон дар марҳалаи корбурди донишҳо дар ҳалли вазифаҳо хеле равшан ифода меёбад. Дар ин раванд он дар шакли дигар низ ба мушоҳида мерасад: дар тезии "маҳдуд" кардани амалиёти фикрӣ, ки маъмулан дар натиҷаи машқҳо ба амал меояд. Мувофиқи ба маълумоти Н.Ф.Тализина [87], маҳдудияти амалиёти фикрӣ дар хонандагони дорои дараҷаи баланди таълимӣ, нисбат ба хонандагони сустхон зудтар анҷом дода мешавад. Дар ҳолати мазкур сухан дар бораи автоматикунонии муосир меравад, кадоме ки хонандагон метавонанд мувофиқ ба талабот қарори худро пурра асоснок кунанд.

Суръати пешравӣ чун хусусияти муваққатии раванди донишазхудкунӣ бо вижагиҳои босифати муайяни азхудкунӣ иртибот дорад, он бо меъёри муайян роҳҳоеро, ки бо ёрии он муҳассилин дониш аз худ мекунанд ва амалӣ менамоянд, таҷассум меёбад. Суръати азхудкунӣ, чӣ хеле ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, фаъолияти таълимии хонандагони дорои пешрафти ниҳоят баланд ва ё ниҳоят пастро нишон диҳад. Доир ба ҳолатҳои фосилавӣ ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар ин маврид сухан рондан доир ба суръати ягона нисбатан душвортар мебошад. Суръати пешравии омӯзиш дар чунин хонандагон вобаста ба сатҳи мураккабии маводи азхудкунӣ, осонтар тағйир меёбад. Ҳамин тариқ, суръати пешравӣ худ аз худ аҳамият надорад, аммо аз вижагиҳои сифатии фаъолияти зеҳнӣ шаҳодат медиҳад.

Суръати инфиродии фаъолият тезии коркарди маводи таълимиро ифода менамояд, аммо он на ҳамеша ба муваффақияти сатҳи азхудкунӣ алоқаманд аст. Дар баъзе ҳолатҳо, пайвастагиҳои муваққатӣ, ки дар қабати мағзи сар ба вуҷуд меоянд, метавонанд дар сурати набудани машқҳои кофӣ ноустувор бошанд.

Зимни баҳогузорӣ ба фарқиятҳои инфиродӣ Н.А.Менчинская [109], махсусан, ҷиҳатҳои "чандирӣ"-и тафаккурро баён медорад, шаклҳое, ки "ниҳоят гуногунҷабҳ вобаста ба синнну сол ва сатҳи омӯзиш" инъикос мегардад. Ба фикри муҳаққиқ, чандирии тафаккур аз рӯйи се нишондиҳанда муайян карда

мешавад: 1) муносибат ба вазифа чун ба масъала; ба шаклҳои гуногун даровардани роҳҳои мақсадноки фаъолият; 2) осонии бозсозии донишу маҳорат ва низоми онҳо мувофиқ бо шартҳои тағйирёфта; 3) қобилият ба дигаршавӣ ё худ сабукии гузариш аз як навъи фаъолият ба дигараш.

Чандирии тафаккурро тавсиф намуда, Н.А.Менчинская қайд мекунад, ки дар ҳолати мушоҳидаи шаклҳои нисбатан мустаҳками ин хусусиятҳо дар навъҳои мухталифи фаъолият фарз кардан мумкин аст, ки мо бо зуҳуроти мутаҳаррик ва ё сусту беҳаракати психологии системаи асаб сарукор дорем. Аммо, ташкили самараноки равандҳои тафаккури шахс метавонад камбудиҳои фикриро ҷуброн кунад. Ба сустии раванди фикрии хонандагон нарасидани робитаи зарурии мувофиқ дар фаъолияти зеҳнии онҳо сабаб мегардад.

Ҳамин тариқ, мо чунин мешуморем, ки зуҳуроти мушаххаси хосияти омӯзиш ё қобилият ба омӯзиш инҳоянд: суръати пешрафт дар омӯзиш, чандирии тафаккур, сатҳи азхудкунии амалиёти таҳлилӣ-синтетикӣ ( аз ҷумла ҷамъбаст ва абстраксия), робитаи байни ҷузъҳои мушаххас ва абстрактии фаъолияти фикрӣ.

Аз тавсифоти умумии хусусиятҳои равонии хонанда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муносибати инфиродӣ дар кори таълим танҳо дар машғулиятҳои иловагӣ бо хонандагони алоҳида ба роҳ монда намешавад, он бо гузаронидани машқҳои иловагӣ доир ба мавзуъҳое, ки ба пуррагӣ аз худ нагашта, вале ба тағйири хусусиятҳои фаъолияти зеҳнии хонанда нигаронидашуда татбиқ мегардад.

Зимни таълими хонандагон дар раванди фаъолияти омӯзишӣ бояд на танҳо ба натиҷаи кори онҳо (дониш, маҳорат, фикр) диққат дод, балки ба хусусиятҳои ҷараёни фикррониӣ ва ҷиҳатҳои хоси тафаккури онҳо низ таваҷҷуҳ намуд. Пас, моҳияти муносибати инфиродиро дар таъсир ба раванди фикрии хонандагон, дар ташаккул ва инкишофи хусусиятҳои муайяни фикрии хонандагон ба мушоҳида гирифт. Барои татбиқи ин, пеш аз ҳама, омӯхтани усулҳои такмили фикррониӣ ва ба хонандагон имкони амалӣ намудани он дар раванди фаъолияти мустақилонаи фикрӣ зарур аст. Ин хеле муҳим ба ҳисоб меравад, зеро агар хонанда барои машқ кардани ин усулҳо имкон надошта бошад, дар ҷараёни фаъолияти мустақилонаи зеҳнӣ ҳамеша аз рӯйи намуна корбарӣ мекунад.

Мусаллам аст, ки таъмини чунин кори мустақилонаи хонанда танҳо дар

шароите мумкин аст, ки дар машғулиятҳои инфиродӣ зарурати сатҳи гуногуни ҷузъиёт баёнӣ ва мушаххасгардонии маводи хониш ва теъдоди зиёди машқҳо барои ҳар гуна хонанда ба ҳисоб гирифта шавад. Барои ин таснифи навъҳои хоси фаъолияти таълимӣ ва мутобиқ ба он ташкил намудани гурӯҳҳои мухталифи муҳассилин зарурат дорад [109].

Таҳлилҳои равонӣ аз заминаҳои таълими инфиродӣ барои ҳалли муаммо дар раванди омӯзиш мусоидат мекунанд. Аз ҷониби равоншиносон аллакай роҳҳои он нишон дода шудааст, ки барои педагогон онро пайравӣ намуда, метавонанд методҳо ва шаклҳои ташкили омӯзишро мувофиқ ба амалигардонии муносибати инфиродӣ ба хонандагон дар доираи ҳайати фаъолияти таълимиро ба даст оранд.

Масалан, муаммои таълими бачагони аз ҷиҳати инкишофи зеҳнӣ нуқсдоштаро Е.С.Рабунский баррасӣ намуда, чунин хусусиятҳои раванди таълими инфиродии онҳоро баён медорад:

а) аҳамият доштани омӯзиши нисбатан амиқтар ва ҳамаҷиҳата (нақши муҳим дар ин маврид маслиҳатҳои методӣ – ташхисии мушовара ё шӯро (консилиум);

б) сатҳи нисбатан баланди тамомияти амалигардонии муносибати инфиродӣ ба хонанда – ҳамгиро бо самти асосии фаъолияти ӯ бо назардошти хусусият ва сатҳи норасоӣ дар инкишоф;

в) майл ба татбиқи муносибати инфиродӣ ва фаъолгардонии умумии “фонди мусбат”-и (“положительного фонда”) шахсияти хонанда барои огоҳонидан, тасҳеҳ ва ислоҳ дар инкишофи равонӣ;

г) барои тасҳеҳи норасоиҳо, ки сараввал пастравии донишазхудкунии хонандагонро (дар нутқи шифоҳӣ, мутолиа, мактуб) муайян мекунад;

ғ) дар тасҳеҳи фаъолияти таълимӣ норасоиҳое, ки пастравии сатҳи мустақилияти маърифатиро муайян менамояд (ислоҳи ғалатҳои диққат, қабул, таассуроти фазоӣ, хотира, тафаккури аёнӣ ва нутқи мантиқӣ ва монанди инҳо);

д) барои тасҳеҳи омилҳои хониш ва дигар намуди фаъолият, барои ҳосили маҳорати меҳнат и муошират;

е) фаъолияти дастаҷамъона барои амалигардонии муносибати инфиродӣ аз ҷониби муаллим, мураббӣ, духтур, волидайн;

ж) муносибати нисбатан амиқтар зимни татбиқи муносибати инфиродӣ дар корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ бо хонандагон ва монанди инҳо. [136]

Муаммои ташкили раванди таълимӣ дар синфҳои баробар муфассал дар рисолаҳои Л.Ф.Спирин [151], В.М.Монахов [114] баён гаштааст.

К.Я.Сакс чунин принсипҳои такмили раванди таълимӣ – тарбиявиро нишон додааст:

1) таҳлилҳои пешакии нисбатан асосноки дониш ва маҳорати хонандагон;

2) коркарди супоришоти инфиродӣ, бартараф намудани муаммоҳои дар таълим ҷойдошта, муваффақона аз худ кардани маводи таълим;

3) корбасти усулҳои гуногуни нисбатан самарабахши пешниҳоди мавод, пурсиш ва мустаҳкамкунӣ;

4) ҳамгироии моҳиронаи боварӣ ва назорат дар раванди таълим;

5) пайваста ифода намудани муваффақиятҳо дар хониш;

6) коркарди низоми такрори маводи гузашта ҳам барои дарсҳои алоҳида ва ҳам силсилаи дарсҳо;

7)ташкили муҳити эҷодӣ дар дарс, ки имкони вайрон намудани интизом истисно аст».

## 1.2. Моҳияти педагогӣ ва тавсифи таълими инфиродӣ – тафриқавӣ

Дар адабиёти педагогӣ аксар вақт, системаи мавҷудаи таълимро танқид карда, ҳамчун яке аз камбудиҳои асосии он қайд карда мешавад, ки муаллим дар як вақт бо як гуруҳи хонандагон коркарда, наметавонад ҳамеша хусусиятҳои инфиродии онҳоро ба назар гирад.

Ҳамзамон: "…яке аз хонандагон маводро зудтар аз худ мекунад, аммо дигаре сусттар; барои баъзеҳо овардани як мисол кофӣ бошад, барои дигарон бояд якчанд мисол овард; яке бо шунидан ва дигаре бо дидан маводро хубтар қабул мекунанд. Бо аҳли синф баробар кор карда, омӯзгор ҳатман сатҳи "миёна" - и хонандагонро ба инобат мегирад ва бо суръати миёна раванди таълимро ташкил мекунад. Чунин низоми таълим инкишофи баъзе аз хонандагонро бозмедорад ва барои баъзеҳо мушкилӣ пеш меорад" [116]. Аз ин ҷо ба хулосаи дуруст омадан лозим аст, ки хонанда на субъекти фаъоли ҷараёни

донишазхудкунӣ, балки объекти таҳти таъсири омӯзгор қарордошта мебошад.

Мактаби муосир ба хонандагон на танҳо асосҳои илм, инчунин бояд фикрронииву андеша карданро омӯзонад, қобилият ва истеъдодҳои онҳоро ривоҷу равнақ бахшад, ба зуҳури эҷодӣ имкон фароҳам орад. Яке аз роҳҳои ҳалли ин муаммо таълими инфиродӣ - тафриқавӣ маҳсуб меёбад.

Таҳлили адабиёти илмиву методӣ доир ба мавзуъ дурустии ин ақидаи И.Э.Унтро тасдиқ мекунад, ки мушкилоти бештар дар таҳқиқи масъалаи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ мавҷуд набудани истилоҳоти ягонаи илмӣ мебошад. Мафҳумҳои асосии марбут ба масъалаи мазкур (“тафриқа”, “инфиродӣ”, “муносибати тафриқавӣ”, “муносибати инфиродӣ”, “таълими тафриқавӣ” ва монанди инҳо) имрӯз дар дидактика шарҳу таърифи ягона надорад. Таҳти нофаҳмиҳои истилоҳӣ ҳамгунӣ дар фаҳмиши моҳияти ҷараёни амалигардонии онҳо дар консепсияҳои гуногун, ҳамчунин дар таҷрибаи педагогӣ мебошад. Ҳангоми гузаштан ба ҳалли комплексии масъала зарурати муоширати мутахассисони самтҳои мухталиф “дар як забон” зарур буда, ин зарурат муайян кардани аппарати мафҳумӣ, ки яке аз вазифаҳои таҳқиқоти мо маҳсуб меёбад.

Ҳалли муаммои мазкур дар доираи таҳқиқи мавзуи мо имконпазир аст, зеро самти фаъолгардонӣ “назаргоҳ” - и ягона дорад, ки ба муносибати ягона барои муайянкунии мафҳумҳои асосӣ нигаронида шудааст.

Фарз кунем, ки ҳалли муаммои мазкурро бо ҷудокунии мафҳумҳои “тафриқабандӣ” ва “фардикунонӣ” шуруъ намоем, инчунин бояд иртиботи онҳоро омӯзем. Муаммои таълими тафриқавӣ ва инфиродии хонандагон дар меҳвари пажуҳишоти олимони рус ва хориҷа чун: А.А.Бударний. Е.Я.Голант. И.Э.Унт, Р.деГроот [27,42,156] ва дигарон қарор гирифтааст. Баррасии рисолаҳои мазкур нишон медиҳад, ки бартарии ин ё он вожа дар илми педагогика – аксар маврид анъана ё худ маслиҳату қарордод аст. Аз ин ҷиҳат, дар таҳқиқотҳо доир ба ин мавзуъ истилоҳоти мазкур чун муродифот (синоним) корбаст мегарданд. Барои ҳамин доир ба маънои таълими тафриқа ва инфиродӣ дар корҳои Н.Д.Бутузов, П.А.Лебедов ва дигарон тафриқаи дохилисинфӣ ва усулҳои мақсадгузорӣ бо назардошти қобилиятҳои инфиродӣ ва сатҳи пешрафти хонанда андешаронӣ шудааст [29].

Е.Я.Голант танҳо бо истилоҳи “тафриқа” иктифо мекунад ва таҳти он мафҳуми “инфиродӣ” - ро дар назар дорад [42]. Аммо, муҳаққиқони маъруфи ватанӣ, баръакс мафҳуми “инфиродӣ” - ро васеътар шарҳ медиҳанд. Бояд қайд кард, ки дар ин ҳолат баҳисобгирии ҳатмии хусусиятҳои ҳар як хонанда ба назар гирифта намешавад, аксар вақт муҳаққиқон бо баҳисобгирии гуруҳҳои аз ҷиҳати сифат монанд маҳдуд карда мешаванд [44,45]. Ҳаҷми ниҳоии мафҳуми “инфиродӣ” чун “интихоби шахсият аз рӯйи хусусиятҳои инфиродӣ; ба назар гирифтани сифатҳои ҳар як фард” мебошад.

Дар “Энсиклопедияи педагогӣ” таърифҳои зерин оварда мешаванд: “Таълими тафриқавӣ дар мактабҳои умумӣ – таснифи нақшаҳои таълим ва барномаҳо дар синфҳои болоии мактабҳои умумӣ аст” [128].

Барои муайянкунии таърифи мазкур, Н.К.Гончаров ва дигарон [43,44,45] имконоти тафриқаро бо риояи ҳаҷми донишҳои умумӣ аз рӯйи фанҳои умумии таълимӣ ғановат бахшидани корҳои таълимии мактаб, муайян намудан ва инкишоф додани шавқу ҳавас, майлу рағбат ва қобилиятҳои хонандагонро ба ҳисоб гирифтаанд.

Ҳамчунин истилоҳи “тафриқа” бисёр маврид ба маънои ниҳоят маҳдуд баррасӣ карда мешавад. Онҳо тафриқаро ҳамчун ҷудо кардани нақша ва барномаҳои таълимӣ дар синфҳои болоии мактабҳои миёна, ки дар машғулиятҳои факултативӣ дар синфҳо ва мактабҳои тахассусӣ амалӣ мегарданд, шарҳ медиҳанд.

И.Э.Унт ба истифодаи мафҳуми “тафриқа” ба маънои васеътар низ диққат медиҳад: “ҳангоми ташаккули мундариҷаи таълим ва ташкили кори таълимӣ мо бо фарқият аз рӯи синну сол, ҷинс, минтақавӣ-иқтисодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва дигар аломатҳо рӯ ба рӯ мешавем” [156]. Вариантҳои муайянкунии тафриқа дар тадқиқотҳои педагогии хориҷа бори дигар барои фарқ кардан ва баҳо додан ба мундариҷаи ин мафҳум ифода ёфтаанд.

Шарҳи нисбатан возеҳтари мафҳуми мазкурро Н.М.Шахмаев пешниҳод намудааст: “Раванди таълиму тарбия, ки барои он баҳисобгирии фарқиятҳои маъмулии инфиродии хонандагон хос аст, одатан тафриқа ва таълим дар шароити ин раванд, таълими тафриқавӣ номида мешавад” [176].

Олим И.М.Чередов таълими тафриқавиро чун “шакли ташкили принсипи

мутобиқати некбинонаи корҳои фронталӣ, инфиродӣ бо хонандагон дар дарс мувофиқ ба талаботи илмҳои психологӣ – педагогӣ, ки фаъолияти типологии гурӯҳҳои хонандагонро муайян менамояд”, шарҳ медиҳад. Ин таърифро М.Д.Виноградова, Х.И.Лейметс, М.А.Лозовая, Т.М.Николаева, И.Б.Первин, Л.И,Рожина, Н.А.Сиркун ва дигарон ҷонибдорӣ намуда, таълими тафриқавиро ҳамчун низоми таълиме медонанд, ки шахсияти ҳар хонандаро бо назардошти имконот, майлу рағбат ва қобилиятҳо инкишоф медиҳанд.

Тафриқа, ба ақидаи Н.К.Гончарова [44], “усули мустаҳкамест, ки зимни риояи ҳаҷми ягонаи дониш аз фанҳои таълимӣ таҷрибаи таълимии мактабро ғановат бахшида, шавқ, майл ва қобилиятҳои хонандагонро инкшоф медиҳад ва барои тайёрии ҷавонон ба интихоби ихтисос баъди хатми мактаб мусоидат менамояд”.

Олим Н.Г.Огуртсов таълими тафриқавиро ҳамчун раванди ягонаи тайёрии шахс ба ҳаёт бо назардошти шавқ, қобилият, майл, имкониятҳои ӯ, ки дар он омӯзгор ва хонанда иштирокчиёни баробарҳуқуқ ва фаъол мебошанд, баррасӣ намудааст [120].

Мавқеи И.С.Якиманская, С.А.Абрамова, Е.Б.Шиянова, Н.И.Юдашина, ки ду истилоҳ: “таълими тафриқавӣ” ва “муносибати тафриқавӣ ба таълим” - ро ҷудо кардаанд, ҷолиб ба мушоҳида мерасад [116].

Таълими тафриқавӣ ҳамчун ҷанбаҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилию идоракунӣ, дидактикии таълим баррасӣ карда мешавад: коркарди мақоми муассисаҳои таълимии намудҳои гуногун, шароити ҷалб ва ташкили раванди таълиму тарбия, мӯҳлати омӯзиш, пурра кардани гуруҳҳо ва ғайра. Аммо муносибати тафриқавӣ ба таълим коркарди илмии муносибати тафриқавиро нисбат ба ҳар як хонанда барои ҳалли интихоби тасҳеҳи инкишофи шахсият дар интихоби соҳаи омӯзиш дар назар дорад.

Муҳаққиқ И.М.Осмоловская тафриқаро “чун ҳодисаи ҷузъии таълим, ки ба амалигардонии муносибати инфиродӣ ба гурӯҳҳои алоҳидаи одамон нигаронида шудааст” баррасӣ кардааст. Тафриқа, ба ақидаи муаллиф, ба зоҳирӣ - хонандагон аз рӯйи нишонаҳои мушаххас ба гуруҳҳои босубот ва дохилӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ – типологӣ дар раванди таълим ҷудо мешавад [123].

Олим Ю.К.Бабанский принсипи асосии тафриқаро расонидани кӯмаки тафриқавӣ ба хонандагон аз тарафи омӯзгор медонад [12].

С.В.Алексеев тафриқаро аз рӯйи хусусиятҳои инфиродии хонандагон бо назардошти қобилият, мақсади хониш, тайёрии онҳо ба омӯзиш; аз рӯйи унсурҳои низоми идоракунӣ; роҳҳои ташкили фаъолияти маърифатии муҳассилин (фронталӣ, гуруҳӣ, шаклҳои инфиродӣ) ва низ тафриқаи зоҳириро бо хусусиятҳои инфиродӣ дар синфҳои анъанавӣ ва дохилиро бо хусусиятҳои инфиродӣ барои гуруҳҳои махсуси тафриқавии таълимӣ шарҳ медиҳад [6].

Таҳлили меҳнати олимон - Н.К.Гончарова, И.Э.Унт, Н.М.Шахмаева ва дигарон имкон медиҳад, ки ду шакли тафриқа: дохилӣ ва зоҳириро ҷудо намоем [43,156,175]. Бо такя ба ин корҳои муҳаққиқон мо дар таҳқиқоти худ чунин мафҳумҳоро истифода намудем:

1. Тафриқаи дохилӣ, ташкили чунин раванди таҳсил аст, ки дар он хусусиятҳои инфиродии хонандагон дар шароити фаъолияти омӯзгор дар синфҳои муқаррарӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин шакл мукаммалан хусусиятҳои инфиродӣ ва гуруҳии хонандагонро мутобиқ мегардонад. Дар ин шакли тафриқа омӯзиши мавод бо суръати гуногун ҷараён мегирад, ба муҳассилин вазифаҳои тафриқавии таълимӣ пешниҳод гашта, интихоби шакли гуногуни фаъолияти тафриқавӣ аз ҷониби омӯзгор кӯмак карда мешавад. Ҳамчунин гуруҳҳои фаъол ва серғайрат хонандагонро дар дохили синф барои таълим аз рӯйи барномаҳои мураккаб дар сатҳҳои гуногун ташкил кардан мумкин аст. Ин ҷо мо тафриқаро бе тағйироти асосӣ дар низоми умумии таълим дар назар дорем.

2. Дар тафриқаи зоҳирӣ хусусиятҳои инфиродии хонандагон ба воситаи муттаҳидкунии онҳо ба гуруҳҳои алоҳида ба назар гирифта мешавад. Ин навъи тафриқа ба тамоми низоми таълим таъсир мерасонад. Аммо компоненти базавии таълим бетағйир мемонад. Тафриқаи зоҳирӣ дар шаклҳои зерин амалӣ мегардад:

- таснифи синфҳои муқаррарӣ мувофиқ ба сатҳи пешрафти хонандагон ва хусусияти талабот нисбат ба таълим;
- ташкили синфҳо ва мактабҳои тахассусӣ барои таълими бачагон бо назардошти шавқ ва қобилияти зиёд ба соҳаи муайяни дониш доранд;
- ташкили гуруҳҳо, ки нақшаи таълимии (бо нигаҳдории меҳвари пойгоҳ

)мувофиқ ба шавқ ва талаботи муҳассилин;

- таълим бо интихоб (маҷбурӣ ва ё интихоби ихтиёрӣ);

- дар ин маврид вариантҳои омӯзиши амиқи фанҳои асосӣ, фанҳои иловагӣ, омӯзиши фанҳо дар машғулиятҳои факултативӣ.

Ҳамин тариқ, дар тафриқаи зоҳирӣ таҳаввули нисбатан амиқи низоми таълим сурат мегирад. Ба ин хусусият И.Э.Унт бо назардошти хусусиятҳои инфиродии корҳо чун: "... гуруҳбандии хонандагон дар асоси хусусиятҳои алоҳидаи онҳо" маҷмӯи ин хусусиятҳо барои омӯзиш дар чанд самт аз рӯйи нақша ва барномаҳои мухталиф. Чун гуруҳҳои (синфҳо, мактабҳо) мансуб ба ҷинсият ташкил карда мешаванд" [156].

Ба ин нигоҳ накарда, дар замони имрӯза теъдоди зиёди синфҳои тахассусӣ мавҷуданд ва ҳамаи онҳо дорои мушаххасоти умумии зерин мебошанд:

1) якхелагӣ аз ҷиҳати аломат, ки асосан ба тафриқа такя мекунад;

2) таҳияи нақшаи таълимӣ, ки навъи тафриқа ва мақсадҳои таълимро дар синфҳои тахассусии мазкур ба ҳисоб мегирад.

Вариантҳои мухталифи истифодаи мафҳуми "тафриқа" - ро метавон дар педагогикаи Аврупо ва Амрико дучор омад. Дар педагогикаи амрикоӣ таҳти мафҳуми "тафриқа" маъмулан стратегияи таълим, ки дар модификатсияи гуруҳҳо, ба шаклҳои гуногун даровардани суръати хониш, усул ва мақсадҳои онҳо зоҳир мегардад, дар назар дошта мешавад. Н.Гронлунд тафриқаро ҳамчун яке аз вариантҳои инфиродӣ шарҳ медиҳад. Яъне, мазмуни таълими тафриқавӣ дар пажуҳишоти олимони америкоӣ (М.Адлер. Дж.Брунер, Дж.Конант, Е.Митчел ва дигарон.) ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои инфиродии хонандагон аст.

Дар ИМА ҳамчун навъи анъанавии тафриқа таснифи муҳассилин дар мактабҳои миёна ба гуруҳҳҳои зерин ҷудо мешавад: академикӣ, умумӣ, касбӣ.

Дар мактабҳои аврупоӣ се навъи тафриқаро тасниф кардаанд:

1) мактабӣ, ки дар он самтёбӣ, аз ҷумла, муайян намудани соҳаи касбу кор сурат мегирад;

2) синфӣ, ҷудо кардани хонандагон ба синфҳо аз рӯйи майлу хоҳиш, кӯшишу ғайрат ва талаботи онҳо;

3) гуруҳбандии хонандагон дар ҷараёни таълими дохилисинфӣ.

Дар ИМА мафҳуми “тафриқа” маъмулан шаклҳо ва методҳои гуногун бо назардошти хусусиятҳои инфиродии муҳассилинро фаро мегирад. Ба андешаи Н.ЭГронлунд, тафриқа дар ташаккули гуруҳҳои мухталифи хонандагон дар асоси хусусиятҳои умумии хонандагон бо чунин вариантҳо зоҳир мешавад:

1) аз тағйирёбии ҳадди ақал дар таълими гуруҳӣ то ба таълими мустақилона;

2) тағйирёбии суръати таълим, ҳадафҳои таълим, усулҳои таълим, маводи таълим, сатҳи зарурии пешрафт;

3) истифодаи инфиродикунонии таълим дар ҳамаи фанҳои омӯзишӣ, аз рӯйи фанҳо, дар қисматҳои алоҳидаи маводи таълимӣ ё хонандагони алоҳида.

Дар педагогикаи олмонӣ мафҳуми “тафриқа” дар он маъное, ки дар педагогикаи ИМА истилоҳи “инфиродикунонӣ” истифода мешавад, мустаҳкам карда шуд, яъне маънои ҳолати махсуси фарқият (фарқкунии дохилӣ) - ро дорад. Ҳамин тариқ, як қатор олимони немис (Р.Фишер, Д.Копф ва ғайра) тафриқаро ҳамчун тақсимоти хонандагон ба гуруҳҳои гуногун, аз рӯйи як ё якчанд хусусиятҳои хоси онҳо барои ба даст овардани муваффақиятҳои муайяни таълимӣ ва тарбиявӣ муайян мекунанд. Э.Дрэфенштедт, В.Зальцведель, Х.Клейн ва дигарон таъкид мекунанд, ки таълими тафриқавӣ дар раванди таълим тавассути шаклҳои гуногун вобаста ба ғояҳои педагогии дар ин ё он давраи муайян ҳукмфармо амалӣ мегардад. Ин чунин тафовутро ҳангоми муайян кардани мазмуну ҳаҷми мафҳуми “тафриқа” шарҳ медиҳад.

Ҳамзамон, мафҳуми “тафриқабандӣ” метавонад ба маънои васеътари калима истифода шавад - ҳамчун гуруҳбандии хонандагон дар асоси ҳар гуна хусусиятҳои инфиродӣ барои омӯзиши алоҳида; маҳз ҳамин тавр И.Е.Унт мафҳуми истилоҳи мазкурро баён медорад [156].

Дар ҳамаи ин таърифҳо сухан дар бораи воситаҳо ва усулҳо корбастшаванда дар ҷараёни таълим меравад. Дар шароити муосир, ба андешаи мо, тафриқ алоқаманд аст:

- ба ташаккули сиёсати давлат дар соҳаи маориф (минтақавӣ кардани таҳсилот);

- ба сохтори системаи таълим (намудҳои муассисаҳои таълимӣ);

- ба тарҳрезии мундариҷаи таълим;

- ба шаклҳои ташкили таълим;

- ба воситаҳо, усулҳо, шаклҳо ва хусусияти фаъолияти якҷояи муаллим ва хонанда.

Ҳамин тариқ, тафриқаро ҳамчун принсипи сохтор ва фаъолияти системаи маориф метавон баррасӣ кард. Ба назари мо, мафҳуми “тафриқа” - ро аз чанд нуқтаи назар баррасӣ кардан мумкин аст:

а) аз нуқтаи назари сохтори системаи таълим, тафриқа принсипи сохтори он мебошад;

б) аз нуқтаи назари таҳияи мундариҷаи таълим - шарти интихоби ҷузъҳои асосӣ ва тағйирёбандаи таълим;

в) аз нуқтаи назари рушди маориф - ҳадафи бунёди низоми нави таълим;

г) аз нуқтаи назари ташкили раванди таълим “воситаи фардикунонии фаъолияти таълимии хонандагон”.

Тафриқа, воситаи амалигардонии таълими инфиродӣ буда, барои ташаккули сифатҳои шахсии хонандагон шароит фароҳам меорад, ки асоси онро хусусиятҳо ва имкониятҳои инфиродии онҳо ташкил медиҳад.

Мероси бойи педагогонро, ки ба омӯзиши масъалаи фардикунонии таълим бахшида шудаанд, таҳлил намуда, бояд қайд кард, ки худи мафҳуми “инфиродгароӣ” дар таълим низ ба тарзҳои гуногун фаҳмида мешуд ва фаҳмида мешавад. Баъзе муҳаққиқон фардикунонии таълимро ба маънои маҳдуд баррасӣ мекунанд, масалан, ҳамчун ба таври инфиродӣ иҷро намудани супоришҳои синфӣ ё такмил додани кори мустақилонаи хонандагон мувофиқи хусусиятҳои инфиродии онҳо.

В.С.Мерлин, қайд мекунад, ки ҳамгироии инфиродӣ объекти таҳқиқоти байнисоҳавӣ, таҳқиқи ҳамаи илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ буда, изҳор медорад, ки роҳи асосии таҳқиқи ҳар як ҳамгироии инфиродӣ “равиши системавӣ, ки усули умумиилмии таҳқиқоти эмпирикӣ дар соҳаҳои гуногуни назариявӣ ва амалӣ мебошад” - ро пешбинӣ мекунад [111].

Илми педагогика фардисозии таълимро чунин ташкили раванди таълим шарҳ медиҳад, ки “дар он интихоби усулҳо, равишҳо, суръати таълим тафовути (фарқиятҳо) инфиродии хонандагон, дараҷаи инкишофи қобилияти онҳо барои омӯзиш ба назар гирифта мешавад” [176,177,178,179].

Андешаҳои А.А.Кирсанов фаҳмиши аз ҷониби умум қабулшударо дар бораи фардисозии таҳсилот то андозае васеъ мекунад [75]. Олим таърифи муназзам ва мукаммали инфиродикунонии фаъолияти таълимиро баён месозад, ки раванди таълимро амиқан шахсӣ мегардонад.

Дар доираи инфиродикунонии фаъолияти таълимии хонандагон ҳамчун принсипи дидактикӣ, А.А.Кирсанов "чунин системаи равиш ва усулҳои инфиродгароии омӯзгор ва хонандагонро ба таври табиӣ, ҳамчун паҳлуи хусусияти ба ҳамаи марҳалаҳои фаъолияти таълимӣ хос" мефаҳмад [75]. Дар ин таъриф, асосан, манфиати гуруҳҳои якхелаи хонандагон, на хонандагони алоҳида дар назар дошта шудааст. Олим сабаби фардисозии фаъолияти таълимиро аз ҷиҳати биологӣ ва иҷтимоӣ дар инсон қайд карда, ишора менамояд, ки ба диалектикаи коллектив ва шахс ишора мекунад, рушди фард ва шахсияти инсонро асоси фардикунонии фаъолияти таълимӣ ҳисобида, дар ҳалли ин масъала ба рушди омӯзиш афзалият медиҳад. А.А.Кирсанов муносибати инфиродиро ҳамчун принсипи фардикунонии фаъолияти таълимӣ баррасӣ мекунад, ки онро ҳамчун усули ҷудогонаи пуртаъсири педагогӣ ва ҷузъи таркибии ин раванди яклухт истифода бурдан мумкин аст.

Принсипи фардикунонии фаъолияти таълимӣ, ба андешаи ӯ, ба муносибати мукаммал, ҳамҷоя ба омӯзиши хусусиятҳои инфиродии хонандагон, хусусиятҳои мундариҷаи маводи таълимӣ, усулҳо, ташкили машғулиятҳо вобаста аст, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои амалисозии ҳадафҳои фаъолияти ҳар як хонанда, ба сатҳи воқеии рушд равона карда шудааст ва дар бораи имкониятҳои эҳтимолии хонандагон, ба таълиму тарбияи ҳамаҷониба, таъсири рушдёбанда ба шахс мусоидат мекунад.

Хусусияти маъноии фардикунонии таълимро "Энсиклопедияи педагогӣ" ҳамчун ташкили раванди таълим, ки фарқиятҳои инфиродии хонандагон, сатҳи қобилияти таълимии онҳоро ба назар мегирад, додааст [76]. Аз ин нуқтаи назар, кӯшишҳои педагогон барои муайян кардани мафҳуми "муносибати инфиродӣ" ва баррасии роҳҳои татбиқи он ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад.

Муҳаққиқ О.Н.Кулюткин ба чунин навъҳои кори инфиродии хонандагон ишора мекунад: кор бо китоби дарсӣ, ҳалли масъалаҳо, фаъолияти гуногун дар иҷрои корҳои лабораторӣ аз рӯйи супориши муаллим [96]. Олим Е.Я.Голант

кори инфиродии хонандагонро дар синф “иҷрои супоришҳо дар асоси маводи чопӣ, машқҳои хаттӣ, ки ҳамзамон онҳо дар тахтаи синф ва ё корҳои лабораторӣ ба иҷро намерасанд”, меномад [42].

Н.А.Семенов ба сифати кори инфиродӣ дар синф, “фаъолияти мустақилонаи хонандагонро барои иҷрои вазифаи муайяни таълимӣ дар назар дорад. Усули инфиродии ташкили омӯзиш шакли ташкили кори мустақили ҳар як хонанда дар синф ва ҳангоми иҷрои вазифаи хонагӣ мебошад” [149].

Тавре ки мебинем, дар илми педагогика шарҳи ягонаи истилоҳоти “фардисозӣ” ва “тафриқа” вуҷуд надорад. Мо сабаби ихтилофи байни ин мафҳумҳоро дар асари Е.Ю.Никитина ба мушоҳида гирифтем [117]. Ба андешаи ӯ, муҳаққиқон мушаххас баён намекунанд, ки онҳо мафҳумҳоро чӣ гуна баррасӣ мекунанд:

а) ба маънои танг (бо назардошти хусусиятҳои психологӣ - инфиродӣ);

б) ба маънои васеъ (бо назардошти фарқиятҳои умумӣ, мушаххас ва инфиродӣ, сарфи назар аз он ки ин хосиятҳо то кадом дараҷа ба инобат гирифта шудааст).

Бо риояи ин шартҳо ба назари мо фарқ кардани ин мафҳумҳо, ки аз ҷониби И.Э.Унт муайян карда шудааст, хеле мақсаднок ба назар мерасад: “Фардикунонӣ дар раванди таълим ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии хонандагон бо тамоми шаклҳо ва усулҳо новобаста аз он ки кадом хусусиятҳо ва то кадом андоза ба назар гирифта мешаванд”.

Мо таҳти мафҳуми тафриқа хусусиятҳои инфиродии хонандагонро дар он шакле дар назар дорем, ки хонандагон аз рӯи ин ё он хусусиятҳо барои омӯзиш гуруҳбандӣ карда мешаванд. Ҳамин тариқ, мафҳуми “тафриқа” ва “фардикунонӣ” дар муносибати тобеъият қарор доранд ва аввалини онҳо (тафриқа) ҳаҷми хурдтар дошта, хусусияти тобеъӣ дорад ва дувумӣ (фардикунонӣ) хусусияти тобеъкунандагиро доро мебошад, зеро ҳаҷман васеътар аст. Ба ибораи дигар, ҳама тафриқа дар айни замон фардисозӣ аст, на ин ки баръакс. Таърифи мафҳуми “тафриқ” дар таҳияи И.Э.Унт, зоҳиран, мундариҷаи онро дақиқтар инъикос мекунад ва аз ин рӯ зуд дар пажуҳишҳо ва нашрияҳо дар ин мавзуъ мавқеи муҳим касб кардааст (И.И.Тараданова, Л.И.Стрелес, Е.Ю.Никитина ва дигарон). Аммо, мо чунин мешуморем, ки ду

хусусият қобилияти универсалӣ шуданро маҳдуд мекунад. Аввалан, ба таърифи як мафҳум дохил кардани мафҳуми дигар: “омӯзиши алоҳида”. Дар айни замон, нишон дода намешавад, ки омӯзишро дар кадом асос (асосҳо) алоҳида ҳисобидан мумкин аст. Инчунин ҷумлаи зерин онро мушаххас намекунад, ки муҳаққиқон онро дар дигар таърифҳои баёндоштаашон дохил накарда истодаанд: “Одатан, дар ин ҳолат, таълим мувофиқи якчанд нақша ва барномаҳои мухталиф сурат мегирад” [156].

Ба назари мо, таърифи дақиқтари мафҳуми “тафриқа” аз тарафи Роналд де Гроот [161] пешниҳод шудааст: “Тафриқа дар соҳаи маориф таҳияи фарқи байни қисмҳо (масалан, мактабҳо, синфҳо, гуруҳҳо, хонандагони алоҳида) - и зерсистемаи маориф (масалан, таҳсилоти умумӣ, мактаб, синф, гуруҳ), бо назардошти як ё якчанд соҳа (масалан, ҷадвал, ҳадафҳои таълимӣ, усулҳои таълим) мебошад”.

Сониян, таърифҳои дар боло овардашудаи мафҳуми “тафриқа” танҳо ба роҳҳои ташкили омӯзиш ишора мекунанд (чӣ гуна бояд кард?), аммо ба ҳадафҳои таълим сарукор надоранд (чаро инро бояд кард?). Аз ин рӯ, имрӯз, вақте ки системаи таълим ба фароҳам овардани шароити барои рушд ва худшиносии шахсияти хонанда равона шудааст, ин ақида чандон дурусту саҳеҳ нест. Дар ҳамин ҳол, тибқи натиҷаҳои пурсиш (соли 2016) 96% пурсидашудагон - муаллимони мактаб - мафҳуми “таълими тафриқавиро” танҳо тавассути воситаҳо, бидуни таъсир ба ҳадафҳо муайян кардаанд.

Ҳаммаъно будани мазмуну мундариҷаи мафҳумҳо бо умумияти асосҳои методологии муносибати системавии некбинона (оптимизатсия) ба омӯзиши масъала мусоидат мекунад, ки он равишҳои арзишманд, такроршаванда ва мураккаби фаъолиятро дар бар мегирад. Азбаски мо тафриқаро ҳамчун яке аз роҳҳои некбинонаи (оптимизатсия) раванди таълим баррасӣ мекунем (Ю.К.Бабанский) [12], мафҳумҳои асосии масъала аз ҷиҳати некназарӣ (оптимизатсия) муайян карда мешаванд.

Зимни таълими тафриқавӣ мо раванди тақсим кардани воситаҳои педагогиро бо мақсади ташаккул додани шахсияти хонанда (ақлӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ) бо назардошти хусусиятҳои гуруҳҳо дар назар дорем. Таълими тафриқавӣ - раванди тақсим кардани воситаҳои педагогӣ бо мақсади

рушди фаъолияти таълимӣ бо дарназардошти хусусиятҳои гуруҳҳои хонандагон. Дар баробари ин, аз вазифаҳои рушд бармеояд, ки мо фаъолияти таълимиро ҳамчун шакли махсуси фаъолгардонии хонанда, ки ба тағйир додани худ ҳамчун субъекти таълим нигаронида шудааст, дарк мекунем [179].

Аз ин бармеояд, ки хусусиятҳои муҳими таълими тафриқавӣ чунин мебошанд:

- таълими тафриқавӣ ҳадаф не, балки воситаи ташаккули фардият аст;

- тарҳрезии (технологигардонии) таълими тафриқавӣ бидуни донистани фардияти ҳар як хонанда, хусусиятҳои хоси ӯ ҳамчун шахс ғайриимкон аст;

- инфиродисозӣ асоси таълими тафриқавӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар пайравии И.С.Якиманская мо муайян менамоем, ки “таълими тафриқавӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди шахсияти хонанда ҳамчун фард мебошад” [181].

Таърифи дар боло овардашудаи таълими тафриқавӣ бо ин таъриф зид нест, балки танҳо онро мушаххас мекунад. Мо муносибати тафриқавиро ҳамчун принсипи таълим бо мақсади ташаккули шахсияти хонанда бо роҳи ба назар гирифтани сифатҳои инфиродӣ тавассути хусусиятҳои гуруҳ баррасӣ мекунем.

Барои дуруст ҳал кардани масъалаи инфиродикунонӣ ва тафриқабандии таълим на танҳо моҳияти таърифҳои онҳо, балки вазифаҳо ва шаклҳои татбиқи онҳо, инчунин хусусиятҳои асосии онҳоро муайян намудан лозим аст.

Ҳадафҳои таълими тафриқавиро ба тариқи зер баён кардан мумкин аст: фароҳам овардани шароити некбинона (оптималӣ) барои муайян кардани майлҳо, рушди шавқу завқ ва қобилиятҳои ҳар як хонанда ва дар асоси ин принсипҳо фардикунонӣ (омӯзиш; фароҳам овардани шароити мусоид барои ошкор сохтани имкониятҳои эҷодӣ, зеҳнӣ ва касбии ҳар як шахс; ҳалли мушкилоти мактаб бо роҳи таҳияи низоми нави методии таълими тафриқавии хонандагон [182].

Таҳлили адабиёти психологӣ ва педагогӣ намудҳо, шаклҳо ва усулҳои гуногун тафриқабандиро дар муассисаҳои таълимӣ нишон дод. Намудҳои анъанавии тафриқа – ин фарқият аз рӯи қобилиятҳои умумӣ ва махсус мебошад; аз рӯи майлу рағбат; аз рӯи касби пешбинишуда. Тафриқаи дохилисинфӣ аз рӯи қобилият, асосан, шаклҳои зеринро дорад: супоришҳои аз лиҳози мураккабӣ

гуногун, миқдори кӯмаки муаллимон, фарқияти сатҳӣ. Тафовут аз рӯи шавқу завқ, касби пешбинишуда дар мактабҳои муосир тавассути супоришдиҳӣ ба хонандагон, аз ҷумла эҷодӣ - навиштани иншо, таҳияи ҳисоботҳо вобаста ба шавқу ҳавас, касби ояндаи хонандагон амалӣ карда мешавад. Тафовут аз рӯи хусусиятҳои физиологӣ - инфиродӣ муносибати инфиродиро пешбинӣ мекунад, вақте ки хусусиятҳои рӯҳии хонандагон ба назар гирифта мешавад: навъи афзалиятноки хотира, хусусиятҳои амалиёти равонӣ, темперамент, навъи тафаккур ва ғайра.

Нуқтаи назари бештар эътирофшуда дар масъалаи намудҳои тафриқа тақсимоти он беруна ва дохилӣ мебошад, ки он дар Консепсияи таълими тафриқавӣ дар мактабҳои миёна инъикос ёфтааст. Дар шакли умумӣ, тафриқаи беруна ва дохилӣ дар расми 1 оварда шудааст.

**Расми 1. - Намудҳои тафриқа**




Таҳлили адабиёт инчунин нишон дод, ки тафриқа дар айни замон дар шаклҳои гуногун сурат мегирад. Аммо, таҳияи нокифояи принсипҳои сохтани таълими тафриқавӣ ва татбиқи мушаххаси онҳо дар раванди таълим, инчунин таҳияи нокифояи стандартҳои шаклҳои гуногуни тафриқа ба он оварда расонд,

ки дар омӯзгорони фаннӣ тасаввурот дар бораи усулҳои ташкил, имкониятҳои таълими тафриқавӣ, вазифаҳои он хусусияти яклухт надоранд.

Дар синфҳои ибтидоӣ аксар вақт тафриқаи дохилӣ аз рӯи қобилиятҳои умумӣ, фаъолияти таълимӣ ва хусусиятҳои психологӣ вуҷуд дорад. Тафовут дар зинаи миёнаи мактаб дар айни замон аз рӯи ихтисос пешниҳод карда мешавад. Дар зинаи болоии мактаби миёна синфҳои тахасусӣ, дарсҳо бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида ё синфҳои ба донишгоҳ равона кардашуда ташкил карда мешаванд.

Ҳангоми муайян кардани шаклҳои тафриқавӣ мо инчунин ба таҳқиқоти Роналд де Гроота такя кардем, ки хусусиятҳои чаҳор модели тафриқаро дар асоси корҳои Де Калует, Маркс ва Петри (1988), инчунин Петрч ва Буркхарт (1992) баррасӣ мекунад.

Роналд де Гроота таърифи баъзе хусусиятҳои тафриқаро, ки барои сохтани мафҳуми илмӣ заруранд, баррасӣ мекунад [139].

Асоси тафриқа хусусияти хонанда (гуруҳ) ё фаъолиятест, ки ташкили тафриқаро дар омӯзиш муайян мекунад.

Дараҷаи тафриқа ин қобилияти мактаб барои татбиқи роҳҳои асосии тафриқа мебошад:

- таснифи хонандагон;
- тақсими маводи таълимӣ;
- мувофиқи шароити таълим;
- ҷудо кардани шаклҳои ҳамкорӣ.

Рушди мантиқии истифодаи мафҳуми “дараҷа” - ро идома дода, мо мафҳуми “амиқи тафриқа” - ро чунин муайян мекунем:

- тафриқаи дараҷаи 1: бо назардошти яке аз се роҳ;
- тафриқаи дараҷаи 2: баррасии яке аз ду роҳ;
- тафриқаи дараҷаи 3: ҳадди аз ҳама зиёд, бо назардошти ҳар се роҳ.

П.И. Горлов инчунин дар бораи аҳамияти татбиқи пурраи муносибати инфиродӣ ба хонандагон сухан рондааст. Вай чунин мешуморид, ки муносибати инфиродӣ на танҳо барои муайян кардани паҳлуҳои суст ва манфии хонандагон, балки барои зуҳури қобилият ва инкишоф додани лаёқати шахсияти ҳама зарур аст. Ба андешаи ӯ, бояд дар асоси баррасии хусусиятҳои соҳаи тафаккури

хонандагон манфиатҳо ва майлҳои маърифатии онҳо, хусусиятҳои диққат, ҳофиза ва ғайра, инкишофи қобилияти эҷодӣ, истифодаи имконоти зарурӣ барои пешрафти минбаъдаи онҳо фароҳам оварда шавад [46].

Дар рушди ин ғоя, Л.Ф.Спирин саҳм гузошта, се самти асосии татбиқи муносибати инфиродӣ ба хонандагонро дар дарс муайян кард [151]:

- мусоидат намудан ба рушди қобилияти маърифатӣ ва бартарафсозии камбудиҳои мушаххас дар дониши қисме аз хонандагон, ки чандон омодагӣ нагирифтаанд;

- ба назар гирифтани имкониятҳои нобаробари хонандагон ҳангоми муайян кардани объект ва хусусияти супоришҳои синфӣ;

- силсилаи вазифаҳои иловагӣ ва супоришҳо барои баъзе хонандагон, ки ба фанҳои алоҳида шавқу ҳаваси зиёдтар зоҳир мекунанд.

П.Я.Галперин инчунин қайд мекунад, ки "муносибати инфиродӣ дар дарс бояд чунин ифода шавад:

а) муаллим ҳамаи хонандагони дарсро назорат мекунад ва бисёре аз онҳоро даъват мекунад;

б) ба хонандагони заиф баъзан супоришҳои махсус, саволҳои иловагӣ дода мешавад; муаллим кори онҳоро бештар пайгирӣ мекунад;

в) ба хонанадагони соҳибқобилият, дар ҳолате ки агар онҳо кори умумиро пештар иҷро кунанд, супоришҳои иловагӣ дода мешавад; дар сӯҳбат онҳо бештар бароиислоҳи ҷавобҳои рафиқонашон ба саволҳои душвор ширкат меварзанд" [38].

Аз таҳлили мақолаҳо, ки таҷрибаи пешқадами педагогиро нишон медиҳанд, бармеояд, ки ҳангоми татбиқи усули инфиродӣ дар синф барои хонандагони хуб инкишофёфта онҳо чунин корҳоро корбаст менамоянд: ҳалли масъалаҳои нисбатан мушкилтар; иншо дар мавзуъҳои васеъ ва амиқи тахассусӣ; мутолиаи адабиёти иловагӣ; иштирок дар лексияҳои иловагӣ; омода кардани маърӯзаҳо барои иштирок дар лексияҳо ва ғайра.

Агар сухан дар бораи муносибати инфиродӣ дар синф бо хонандагони белаёқат равад, пас дар аксар ҳолат онҳо фаъолияти муаллимро дар назар доранд, ки ба пешгирии бемуваффақиятии таълимии онҳо равона шудааст. Ҳамин тавр, Д.М.Сонин ин таҷрибаро ҷамъбаст намуда, тавсия медиҳад:

- барои санҷидани он, ки оё хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, муаллим бояд ба хонандагони парешон, ғайрифаъол, ақибмонда бо саволҳо муроҷиат кунад, онҳоро маҷбур кунад, ки гуфтаҳои муаллим ё шахси пурсидашавандаро такрор намоянд.

- барои муайян кардани он, ки хонандагон саволро то чӣ андоза суст дарк карданд, ҳифз карданд, ақиб монданд, муаллим бояд онҳоро доимо ба такрор ё шарҳи ин ё он мавод ҷалб кунад.

- муаллим бояд доимо талаб кунад, ки хонандагони заиф намунаҳо ба қоидаи баёншуда оранд, монандӣ ва тафриқаро дар калимаҳо, далелҳо, воқеаҳо пайдо кунанд, хатову норасоиҳоро дар ҷавоби дӯсташон пай баранд, онро ислоҳ кунанд.

- муаллим бояд ҳар чӣ зудтар хонандагонро ба намоиши ашёҳои таҳқиқшаванда, тавсифи таҷрибаҳо, сохтани рақамҳо ва расмҳо дар тахтаи синф ва ғайра ҷалб намояд [150].

Азбаски фардикунонии таълим на танҳо дар синф, балки дар корҳои беруназсинфӣ ва хонагии муҳассилин низ сурат мегирад, омӯзгорон низ ба ин масъала диққати ҷиддӣ медиҳанд. Онҳо қайд мекунанд, ки дар корҳои беруназсинфӣ ва хонагӣ хусусиятҳои фардии хонандагон равшантар зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, ҳанӯз Н.К.Крупская гуфтааст, ки “дар супориши хонагӣ бояд баробариро ҷорӣ накунем. Вазифаҳоро инфиродӣ кардан, камбудиҳои кӯдак, ҳаҷми дониш ва малакаи ӯро ба назар гирифтан, ба қобилиятнокон вазифаҳои мушкилтар додан лозим аст, ки онҳоро пеш барад, маърифатнокиашонро болотар кунад” [91]. Ҳамин андешаро Э.С.Рабунский низ таъкид карда, навиштааст, ки санъати омӯзгор аз қобилияти ташкили раванди таълим иборат буда, ҳамаи хонандагон минимуми ҳатмии вазифаҳои таълимиро фаро гиранд. Дар айни замон, ба хонандагони қавитар бояд супоришҳое дода шаванд, ки барои чуқур аз худ кардани дониш, баланд бардоштани малака ва маҳорат имконият даст диҳад. Дар айни замон, ин навъ вазифаҳо набояд ба “замима” ба супоришҳои синфҳои умумӣ монанд бошанд. Чунин супоришҳои инфиродиро хонандагон бояд ҳамчун кори асосӣ ва умумисинфӣ дарк кунанд [136].

М.А.Данилов бо фикри Э.С.Рабунский розӣ шуда, ҳамзамон қайд кард, ки вазифаи хонагиро танҳо ба андозаи муайян ва бо ташкили мувофиқи тамоми

раванди таълим инфиродӣ кардан мумкин аст. Дар айни замон, фаҳмидани ҳадафи додани чунин вазифаҳо муҳим аст, зеро мувофиқи он бояд роҳҳои пешниҳоди корҳои инфиродӣ интихоб карда мешаванд. Дар робита ба ин, ӯ чунин ҳадафҳои инфиродикунонии вазифаи хонагиро нишон додааст:

- бартараф намудани камбудиҳои дониш, ки дар ҷараёни корҳои таълимӣ ба вуҷуд омадаанд;

- амиқтар кардани дониши хонанда доир ба фан (агар хонанда таваҷҷуҳ ва қобилияти муайян зоҳир кунад);

- майл аз таваҷҷуҳи хонанда ба фан (агар хонанда дар синф ба осонӣ маводро аз худ кунад ва дар хона мунтазам кор накунад) [54].

Инчунин оид ба масъалаи роҳҳои фардисозии пурраи таълим дар адабиёти педагогӣ андешаҳои гуногун мавҷуданд. Баъзе муаллифон талаб мекунанд, ки мундариҷаи таълим ба хусусиятҳои омодагӣ ва рушди хонандагони алоҳида мутобиқ карда шавад. Бо ин мақсад онҳо пешниҳод мекунанд, ки барои ҳар як гуруҳи хонандагон барномаи алоҳида таҳия карда шавад. Масалан, М.П.Палъянов зимни таҳқиқи имкониятҳои татбиқи муносибати тафриқавӣ ба хонандагон дар таълими физика, барномаро дар ду шакл таҳия намуда, боварӣ дошт, ки ба ин тариқ инфиродӣ кардани вазифаҳо осонтар хоҳад буд. Дар натиҷаи ин кор, вай ба боло бардоштани холи миёнаи пешрафт дар синфҳои таҷрибавӣ ноил шуд ва хонандагон ин навовариро мусбат арзёбӣ карданд [127]. Аммо ба назари мо, чунин усул боиси камтар гаштани талабот ба гурӯҳи заифтари хонандагон мегардад. Мо чунин мешуморем, ки барномаҳои таълимӣ ва талабот бояд барои ҳамаи хонандагон як хел бошад. Ба ҳар як хонанда бояд шароит фароҳам овард, ки бо истифода аз имкониятҳои фаъолияти зеҳниашон донишҳои пешбининамудаи барномаро ба тариқи худ аз худ кунад.

Супоришҳои инфиродӣ барои хонандагон аксар вақт на танҳо барои рушди қобилияти маърифатии онҳо, балки инчунин барои ташаккули муносибати эҷодӣ ба кор истифода мешаванд. Яке аз заминаҳои ҳалкунандаи кори эҷодии хонандагонро метавон иҷрои супориши таълимӣ ҳисобид, ки ҳадди ниҳоии он ба шахсияти хонанда нигаронида шавад. Аслан, ин имконпазир аст, агар вазифа бо ҳадафи мушаххас таҳия гардад - ба хонанда барои интихоби самти дуруст таъсир расонида шавад ва ҳамзамон таҷрибаи мушаххаси

маърифатӣ ва амалии ӯ, манфиатҳо, майлҳо, қобилиятҳо ва хислатҳои ӯро ба назар гирифта шавад. Дар ин ҳолат, иҷрои чунин вазифаҳо кори инфиродӣ буда, имкон медиҳад, ки робитаи пурсамари равоншиносии байни омӯзишҳо, ҳадафҳои синф ва сохтори қатъии инфиродии майлу рағбат ва қобилиятҳои хонандагони алоҳида барқарор карда шавад. Чунин асарҳои эҷодии инфиродӣ, масалан, дар дарсҳои забони хориҷӣ бо мақсади бедор кардан ва тақвият додани шавқ ба фан, ноил шудан ба афзоиши фаъолияти хонандагон ва баланд бардоштани пешрафти хониши онҳо истифода мешуданд.

Бидуни он, ки дар бораи имконоти дигари татбиқи муносибати инфиродӣ ба таълим сухан ронем, бояд қайд кард, ки имрӯзҳо оид ба масъалаи фардисозии омӯзиш асарҳои назаррас мавҷуданд. Натиҷаҳои онҳо имконпазирӣ ва самаранокии муносибати инфиродӣ ба хонандагонро нишон медиҳанд. Аммо, таҳаввулоти мавҷударо мусбат арзёбӣ намуда, бояд қайд кард, ки таҳлили амалияи омӯзгории мо нишон медиҳад: муносибати инфиродӣ суст иҷро карда мешавад ва чун қоида, самараи пешбинишударо намедиҳад. Сабаб дар он аст, ки кори инфиродии хонандагон дар раванди воқеии таълим одатан ҳамчун “илова” ба усулҳои анъанавӣ ва шаклҳои ташкилии таълим амал мекунад. Табиист, ки бо ин равиш муаллимон дар бораи хусусиятҳои татбиқ тавассути сохтор ва мундариҷаи супоришҳои инфиродии усулҳои мустақим ва ғайримустақими идоракунии фаъолияти маърифатӣ, дар бораи сари вақт ва возеҳу мушаххас муайян нумудани ҳадафу мақсадҳо, таҳияи дастурҳо ва истифодаи самараноки онҳо дар раванди таълим, ки барои самтёбии тахассусии хонандагон мусоидат намояд, камтар диққат медиҳанд.

Дар натиҷаи кор аз рӯи супоришҳои инфиродӣ, он ҳамчун як фаъолияти мустақилонаи хонандагон амалӣ мегардад, ки аксар вақт ба он суст омода мешаванд. Ҳамзамон, бо таваҷҷуҳ ба таҳқиқоти баррасишаванда гуфтан мумкин аст, ки фаъолияти мустақилонаи хонандагон танҳо дар сурате самарабахш хоҳад буд, ки агар онҳо мустақилиятро (ҳамчун сифати шахсӣ) ташаккул диҳанд, дониши зарурӣ оид ба мундариҷаи фанҳои таълимӣ ва мувофиқ ба майлу хоҳиш ва татбиқи алгоритмҳои фаъолияти таълимӣ барои иҷрои ин ё он вазифаи инфиродӣ мусоидат намояд.

Аз ин рӯ, вазифаҳое, ки ба хонандагон бо назардошти муносибати

инфиродӣ пешниҳод мешаванд, бояд на ҳамчун воситаи амалӣ намудани фаъолияти мустақилона, балки ҳамчун унсурҳои табиии кори мустақилонаи таълимии хонандагон, ки дар раванди таълим ҳамчун системаи ҷудонопазири тамоми марҳалаҳои таълим ташкил ва амалӣ карда мешаванд, амал кунанд.

## 1.3. Шароити педагогӣ ва меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавии таълим

Ҳангоми ташкили таълими инфиродӣ - тафриқавӣ бояд чунин хусусиятҳои низоми маориф, ба монанди эҳтиёҷ ба кадрҳои баландихтисос ба назар гирифта шавад. Соҳибтахассусии муаллим, пеш аз ҳама, бо сатҳи фаъолияти касбӣ ва омӯзгории ӯ муайян карда мешавад.

Сатҳи фаъолияти касбӣ ва омӯзгорӣ, сараввал, бо дараҷаи азхудкунии маҷмуи маҳорати педагогӣ тавсиф карда мешавад. Ба ин О.А.Абдуллина [2], Н.В.Кузмина [94], В.А.Сластенин [147] ва дигарон ишора кардаанд. Маҳорати педагогӣ - ин қобилияти дар асоси дониш иҷро кардани намудҳои муайяни фаъолият дар шароити тағйирёбанда, истифода карда тавонистан аз равиш ва усулҳои таълиму тарбияи ба татбиқи амалии дониш нигаронидашуда, инчунин системаи фаъолияти педагогии марбут ба муносибатҳои муайян ва ҳалли вазифаҳои педагогӣ равонагашта мебошад. Мо дар таҳқиқоти худ ба таърифи маҳорати педагогӣ, ки А.И.Шербаков пешниҳод намудааст такя намудем, ки гуфтааст: "... маҳорати педагогӣ азхудкунии маҷмӯи мураккаби ҷараёни инкишофи амалҳои психологӣ ва амалӣ мебошад, ки ба иҷрои эҷодкоронаи вазифаҳои касбӣ равона карда шудаанд" [175].

Бисёре аз муҳаққиқон қайд мекунанд, ки малакаи омӯзгорӣ ин на танҳо иҷрои амалҳои муайян, балки алоқаманд карда тавонистани донишҳои назариявӣ ва малакаҳои назарраси амалии касбӣ мебошад, ки дар маҳорати педагогӣ онҳо амалан тағйир ёфта, сифатҳои шахсияти муаллим, дониши касбии ӯ ва дараҷаи азхудкунии техникаи касбиро соҳиб мегарданд [58]. Маҳорати педагогӣ ҳамчун сатҳи олии фаъолияти касбии педагогии таҳсилот ҳамчун зинаи баланди татбиқи маҳорати педагогӣ баррасӣ карда мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар, В.А.Сластенин маҳорати педагогиро арзёбӣ мекунад. Вай

менависад: “Сатҳи баланди рушди як қатор малакаҳои касбӣ барои ҳосили маҳорат мусоидат менамояд” [147]. Аз ин рӯ, сатҳи фаъолияти касбӣ ва омӯзгории муаллимон дар доштани малакаҳои омӯзгории онҳо зоҳир мешавад.

Дар айни замон, теъдоди зиёди малакаҳои омӯзгорӣ, ки барои омӯзгор заруранд, муайян карда шудааст. Ташаккули маҳорати педагогӣ дар байни муаллимон дар бисёр таҳқиқотҳои педагогӣ баррасӣ карда шудаанд. Маҷмӯи гуногуни андешаҳои педагогӣ оид ба намудҳои алоҳидаи кори муаллим таҳия гаштаанд: корҳои тарбиявӣ бо хонандагон, кор бо волидон, малакаҳои педагогии барои иҷрои вазифаҳои инфиродии омӯзгор зарурӣ нишон дода шудаанд: малакаҳои ташкилотчигӣ, қобилияти идоракунии раванди ташаккули шахсият ва монанди инҳо.

Мо бояд маҷмӯи маҳорати педагогиро муайян кунем, ки имконияти татбиқи пурраи муносибати инфиродӣ - тафриқавии таълимро дар раванди педагогӣ фароҳам меорад. Ин маҷмӯа бояд тамоми ҷузъҳои сохтори фаъолияти педагогиро фаро гирад.

Дар асоси кори Н.В.Кузмина мо маҳоратҳои таҳлилиеро муайян кардем, ки муаллим бояд барои татбиқи муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дошта бошад:

- худтаҳлилкунии дарс;
- таҳлили самаранокии кори методӣ ё инноватсионии онҳо;
- худтаҳлилкунии системаи таълими шахсӣ дар шароити инфиродикунонӣ ва тафриқабандии таълим;
- худтаҳлилкунии низоми кори тарбиявии худ;
- худтаҳлилкунии сифати иҷрои барнома;
- таҳлили банақшагирии мавзуъ;
- таҳлили сифати дониш, маҳорат, малакаи хонандагон доир ба фанни таълимӣ;
- таҳлили сатҳи рушди хонандагон, шавқ, майл ва қобилияти онҳо.

Маҳорати қайдкардашуда хеле мураккаб аст. Ҳар як маҳорат метавонад, дар навбати худ метавонад, бо маҷмӯаи малакаҳои содатар муаррифӣ карда шавад. Муайян кардани малакаҳои педагогӣ ҳисоб кардани сатҳи онҳо, хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории ин сатҳҳоро дар бар мегирад. Ин масъала

ҳоло ҳалнашуда боқӣ мондааст. Аз ҷумла, дар адабиёти педагогӣ айни замон меъёрҳои аз ҷониби умум қабулшудаи баҳодиҳӣ ба сатҳи ташаккули маҳорати педагогӣ мавҷуд нест.

Кӯшиши муайян кардани ин сатҳҳо аз тарафи О.А.Абдуллина [2], Л.Я.Зорина [60], Н.А.Карпушина [72], В.А.Сластенин [147] ва дигарон сурат гирифтааст. Муаммои назарияи ҳисобкунии объектҳои педагогӣ дар асарҳои Т.А.Илина [63], Ю.А.Иванов [62] И.Т.Бутузов [29], Л.Ф.Фридман [161] ва дигарон баррасӣ карда шудааст.

Дар таҳқиқоти худ мо ҳангоми муайян кардани нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули маҳорати педагогӣ ба консепсияи Л.Ф.Спирин такя кардем [151]. Вай панҷ сатҳи ташаккули маҳорати педагогиро ҷудо мекунад: пеш аз касбӣ (хеле паст), сатҳи маҳорати касбӣ (паст), сатҳи ташаккули маҳдуд (миёна), сатҳи ташаккули кофӣ (баланд), сатҳи азхудкунии муваффақона (баландтарин). Хусусиятҳои ин сатҳҳоро мо мувофиқи мушкилоти инфиродӣ ва тафриқавии таҳсилот то андозае тағйир додем:

1. Сатҳи пеш аз касбӣ.

Фаъолияти педагогӣ ба таври касбӣ эътироф карда намешавад. Онҳо дар асоси шуур амалӣ карда мешаванд. Муаллимон намедонанд, ки чӣ гуна мустақилона вазифаҳои педагогиро муайян намуда, онҳоро бо таври мукаммал ҳал кунанд (сатҳи хеле паст).

2. Маҳорати сатҳи ибтидоӣ (мутобиқсозии касбӣ).

Фаъолияти педагогии ба таври касбӣ эътирофшуда ниҳоят маҳдуд аст. Дар татбиқи онҳо, дар баробари огоҳии сенсорӣ - эмпирикӣ, унсурҳои абстрактӣ - назариявӣ низ ҷалб карда мешаванд (маълумоти муайян оид ба педагогика ва психология, шиносоии амалӣ бо нишондиҳандаҳое, ки муваффақона иҷро намудани вазифаро таъмин мекунанд). Муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ бо роҳи ғайримуташаккилона ва бе ояндабинӣ (стихиявӣ – эмпирикӣ) роҳандозӣ мешаванд. Вазифаҳои педагогӣ бо камбудиҳои ҷиддӣ ҳал карда мешаванд (сатҳи паст).

3. Сатҳи ташаккули маҳдуд (такмили ихтисос).

Дарки фаъолияти педагогӣ дар сатҳи муқаррарӣ ва ҳам дар сатҳи маърифати назариявии банизомдаромада (тафаккури илмӣ) хусусияти маҳаллӣ

(маҳдуд) дорад. Кордонӣ, мақсаднокӣ, дар амал зоҳир мешавад. Ҳангоми баррасии фаъолият аз нуқтаи назари самтёбӣ, асоси самтёбии фаъолият ҳанӯз заминаи кофии касбӣ ва назариявӣ надорад, фаъолияти мақсаднок муваффақона татбиқ карда намешавад, зеро онҳо дар интихоби ҳадафҳо ба хатоҳо роҳ медиҳанд. Усулҳои фардисозӣ ва тафриқавии таълим суст ташаккул ёфтааст. Нокифоягии дурустии амалҳо (сатҳи миёна).

4. Сатҳи ташаккули кофӣ (тақвият).

Дарки фаъолияти касбӣ оид ба ҷорӣ намудани муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ ҳанӯз хусусияти умумӣ дар сатҳи маърифати назариявӣ дорад. Мақсаднокии амалҳо бо интихоби дуруст (асоснок) - и ҳадафҳо муайян карда мешавад. Саривақтӣ, самаранокии амалҳо (сатҳи баланд).

5. Сатҳи фарогирии бомуваффақияти фаъолияти касбӣ ва педагогӣ (худшиносии васеи касбӣ ва эҷодӣ).

Истифодаи усулҳои таълими инфиродӣ - тафриқавӣ ба сатҳи аз ҷиҳати илмӣ асосноки ташкили бонизом ва татбиқи он мегузарад. Идроки фаъолияти касбии педагогӣ дар сатҳҳои баланди методӣ ва назариявӣ тавсиф карда мешавад. Диққат ба дарки дурусту саҳеҳи мавқеи касбӣ, муносибати гуманистӣ, инчунин возеҳӣ нисбат ба объекти таъсир равона карда мешавад. Касбият бо сатҳи баланди ташаккули заминаи илмӣ ва методии фаъолият тавсиф карда мешавад, мақсаднокӣ ба интихоби дурусти ҳадаф мувофиқ ба хусусиятҳои объекти тарбиявӣ, шароити коркарди система ва имкониятҳои истифодаи воситаҳои касбӣ барои ноил шудан ба фардисозӣ ва тафриқабандии таълим асос ёфтааст. Маҳорат дар истифодаи озоди малакаҳои касбӣ зоҳир гардида, дақиқӣ ва самаранокии фаъолият мувофиқ ба вазъи тағйирёбандаи раванди тарбия ба роҳ монда мешавад. Вазифаҳои омӯзгорӣ бомуваффақият ва эҷодкорона иҷро мегарданд (сатҳи олӣ).

Ташхиси сатҳи фаъолияти касбӣ ва омӯзгорӣ аз ҷониби мо дар асоси ташхиси психологӣ ва педагогӣ гузаронида шуд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Ҷузъҳои асосии ташхиси психологӣ – педагогӣ**

| | | |
|---|---|---|
| | Ташхиси хусусиятҳои ҳайати | - дар гуруҳ мавҷуд будани ҳадафҳои умумии фаъолияти педагогӣ, ки ба таълими инфиродӣ - тафриқавӣ равона карда |

**Идомаи ҷадвал**

| | | |
|---|---|---|
| | омӯзгорон. | шудаанд;<br>- сатҳи ташкили фарҳанги педагогӣ ва фазои равонӣ дар гуруҳ;<br>- таносуби услубҳои педагогӣ;<br>- ташхиси қобилияти эҷодии омӯзгорон;<br>- мутобиқати аъзои ҳайати омӯзгорон;<br>- сифатҳои инноватсионии омӯзгорон. |
| | Ташхиси салоҳияти касбии омӯзгорон. | - самаранокии фаъолият (мавҷудияти натиҷаҳои устувори омӯзиш);<br>- қобилияти дидани муваффақиятҳои шахсӣ ва бомаҳорат ба нақша гирифтани роҳҳо ва воситаҳои ба даст овардани онҳо;<br>- маҳорати дидани камбудиҳо дар фаъолияти худ ва кӯшиш барои бартараф намудани онҳо;<br>- сатҳи дониш ва малакаҳои назариявӣ дар соҳаи илмҳои асосӣ ва методикаи таълими фан (сатҳи фарҳанги иттилоотӣ);<br>- сатҳи маҳорати касбӣ дар раванди татбиқи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ, асоснокии он;<br>- сатҳи дониши усулҳои тадқиқоти педагогӣ; |
| | Ташхиси натиҷаҳо аз фаъолияти таҳқиқотӣ-илмии педагогон. | - сатҳи маърифатнокии омӯзгорон;<br>- фарогирии принсипҳои назариявии умумиидидактикӣ;<br>- огоҳӣ аз принсипҳои сохтани воситаҳои таълимӣ, барномаҳо, маводи дидактикӣ;<br>- сатҳи маводи таълимие, ки муаллим эҷод кардааст. |
| | Ташхиси сифатҳои шахсии муаллим. | - хусусиятҳои инфиродии типологии шахсият;<br>- муоширати муаллим. |
| | Ташхиси самаранокии фаъолияти муаллим. | - сатҳи тайёрии хонандагон;<br>- сатҳи маъруфияти муаллимон дар байни хонандагон. |

Таҳлили натиҷаҳои омӯзиши сатҳи фаъолияти педагогӣ нишон дод, ки сатҳи қобилияти эҷодии муаллимон дар марҳалаи ибтидоии таҷриба аз 54% зиёд нест (ниг. ба расми 2).




**Расми 3. - Сатҳи фарҳанги иттилоотии ҳайати омӯзгорони Гимназияи №4-и ш. Хуҷанд.**

Барои татбиқи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ ҳамчун фаъолияте, ки ба тамоми марҳилаҳои раванди педагогӣ ворид мешавад, ин сатҳ кофӣ нест. Сатҳи фарҳанги иттилоотӣ низ хеле паст буд (ниг. ба расми 3).




**Расми 3. Сатҳи фарҳанги иттилоотӣ дар коллективи педагогӣ**

Таҳлили вазъи кунунӣ нишон дод, ки имкони ба даст овардани самаранокии воқеии раванди таълимро танҳо бо роҳи бозомӯзии муаллимони алоҳида таъмин карда наметавон, агар ин ба таври мустақил сурат гирад ва бо сиёсати умумии тамоми мактаб, шаклҳо, анъанаҳо ва сохтори идоракунии дар он амалкунанда алоқаманд набошад. Таҳқиқотҳо дар соҳаи системаҳои такмили ихтисоси муаллимон нишон медиҳанд, ки усулҳои мавҷудаи анъанавии рушди касбӣ чи дохилӣ ва чи берунӣ одатан, самаранок нестанд. Дар баробари ин, фаъолияти пас аз курси такмили ихтисои омӯзгорон дар сатҳи пешин боқӣ мемонад. Самаранокии паст, одатан, дар натиҷаи сарфи назар кардани он, ки ҳама гуна азнавташкилдиҳӣ дар заминаи навоварӣ ба амал ва он чун як раванди куллӣ ба тамоми қисматҳои ба ҳам вобастаи мактаб ҳамчун система таъсир мерасонад. Солҳои тӯлонӣ муаллимон бо системаи анъанавии такмили ихтисос фаро гирифта шуданд - онҳо дар Донишкадаи вилоятии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф таҳсил карда, дар конфронсу семинарҳои гуногун ширкат меварзиданд. Маҳз он вақтҳо хусусияти хоси ин раванд қайд карда шуд - самаранокии фаъолияти минбаъдаи муаллим ҳеҷ тағйир наёфт.

Таҳлил инчунин нишон дод, ки яке аз мушкилоти асосии раванди

навсозии мундаричаи таълим, таҷдиди сохтори раванди таълим на танҳо дар бораи асосҳои дидактика, психология, огоҳӣ аз технологияҳо ва консепсияҳои муосири таълимӣ дониши зарурӣ надоштани омӯзгорон, балки дар баъзе ҳолатҳо рад кардани ин мафҳумҳо ва принсипҳое, ки ба рушди шахсият ва эҷодкории кӯдак нигаронида шудаанд.

Яъне, ба суръат ва сифати раванди инноватсионӣ ҳам омилҳои беруна ва ҳам дохилӣ таъсир мерасонанд, ки мо ба он ишора мекунем:

- надонистани моҳияти мундаричаи муносибати инноватсионӣ, принсипҳо ва асосҳои консептуалии он;

- надоштани таҷрибаи корӣ дар асоси принсипҳои омӯзиши инфиродӣ - тафриқавӣ;

- надоштани хоҳиши ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар кори худ;

- надоштани қобилияти фаҳмиш, қабул ва татбиқи ин принсипҳо (бо сабабҳои касбӣ, равонӣ ва зеҳнӣ).

Дар ҷараёни таҳқиқ, мо инчунин омилҳои умумиеро муайян кардем, ки ба сифати раванди таълим таъсири манфӣ мерасонанд:

- муаллимоне, ки тибқи нақшаҳо ва барномаҳои таълими анъанавӣ кор мекунанд, усулҳои таълими инфиродӣ - тафриқавиро намедонанд;

- муаллимон методҳои расидан ба натиҷаи босифати таълимро идрок намекунанд, аксарияти онҳо худро ягона манбаи донишомӯзии хонанда дар синф дониста, ҳадафи омӯзишро азёди механикии мавод меҳисобанд;

- системаи арзёбӣ ин муносибати маҳдуд нисбат ба кор бо маводи таълимиро инъикос мекунад, ба монанди ҳолатҳои мушаххаси хусусияти такроридошта, ки асосан ба тафаккури эмпирикӣ асос ёфтааст ва ин ба имкониятҳои рушди зеҳнии кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад;

- аз ин ҷиҳат, барои чунин кӯдакон ҳалли ҳама мушкилот бевосита бо талабот оид ба зиёд кардани микдори соатҳо барои як фан вобаста аст, дар асл, сабаби норасоии вақт дар ҳар дарс аз даст додани он дар системаи анъанавии таълим мебошад;

- стандартҳои қатъии параметрҳои таълим (суръат, ҳаҷм, услуби таълим,

соатҳои ҳафтаина аз рӯи як фан ва ғайра) ногузир ба паҳншавии номуташаккили натиҷаҳои сифатӣ оварда мерасонанд;

- шакли қабулшудаи сабти натиҷаҳои омӯзиш вазъи воқеии сатҳи омӯзишро инъикос намекунад ва он ҳамчун омили манфии иловагӣ хидмат мекунад: ҳам ҷиҳати қадршиносии хонандагон ва ҳам муаллимон;

- маводи таълимӣ ба низом даровардa нашудааст, ягон системаи худидоракунӣ ва назорати мобайнӣ ва ниҳоӣ (бо назардошти сатҳи сифат) вуҷуд надорад, мушкилоти мониторинги ҷорӣ, бозгашти фаврӣ ва ислоҳи онҳо аз ҷиҳати техникӣ ҳал нашудааст; таҷҳизоти синфхонаи анъанавӣ таваҷҷуҳ ва дастрасии баробари муаллимро ба ҳар як хонанда душвор ва инчунин истифодаи усулҳои интерактивии кор ва ташкили умуман раванди мақсадноки таълимро дар синф ғайриимкон месозад.

Мусаллам аст, ки муҳимтарин ҳадафи таълими тафриқа ошкор кардани хусусиятҳои инфиродии рушди ҳар як хонанда аст ва асоси таълими тафриқа, чӣ хеле ки И.С.Якиманская [181] таъкид мекунад, инфиродкунонӣ маҳсуб меёбад. Яъне, донистани сифатҳои фардии ҳар як кӯдак “ҳамчун як дода, бо хусусиятҳое, ки танҳо ба ӯ хосанд, ҳамчун як шахсият” мебошад. Ифшои хусусиятҳои фардии рушди ҳар як хонанда нуқтаи ибтидоӣ дар ташкили таълими тафриқавӣ мебошад ва шаклҳои гуногуни таълим, ки истифода мешаванд, барои ин шароити мусоид фароҳам меоранд, ба ифшои фардият мусоидат мекунанд. Амалия нишон медиҳад, ки барои татбиқи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ дар мактабҳо омӯзгор наметавонад миқдори зиёди аломатҳои асоси фарқиятро ба эътибор гирад. Чун қоида, се аломат хуб риоя карда мешавад. Аз ин рӯ, бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба хусусиятҳои инфиродии хонандагон (чунин манзара дар таълими анъанавӣ дар синфҳои одӣ мушоҳида мешавад), муаллим наметавонад хусусиятҳои ҳар як шогирдро ба қадри кофӣ ба назар гирад, раванди таълим дар асоси дониши хонандаи миёна ба роҳ монда шудааст. Таълими тафриқа гуруҳбандии хонандагонро дар бар мегирад, ки дар асоси хусусиятҳои гуногун ташкил карда шудаанд. Ин муқаррарот нав нест. Дар таърихи афкори педагогӣ бори аввал типологияи мактаббачагон дар

асарҳои Я.А.Коменский зикр шудааст. Таҳлили адабиёт нишон дод, ки заминаи ба гуруҳҳои типологӣ тақсим кардани хонандагон ба меъёрҳои гуногун дар замонҳои гуногун асос ёфтааст. Мо онро дар ҷадвали 2 ҷамъбаст кардем.

**Ҷадвали 2. Меъёрҳое, ки асоси таълими тафриқаро ташкил медиҳанд**

| Муаллиф | Меъёрҳои таълими тафриқавӣ |
|---|---|
| Я.А. Коменский | Тафриқабандии мактаббачагони болаёқат ва ишора ба аҳамияти таъсири ислоҳии тарбиявӣ ба шахсияти хонанда. |
| Моррисон | Аз рӯи усули азхудкунии маводи таълимӣ ва сатҳи мустақилият дар таълим (“хонандагони дарсомӯз”, “навъи майлдошта”, “мустақиман таълим – гирандагон”. |
| П.Ф. Лесгафт | Таъсири оила ба хонанда (навъи дурӯя, шуҳратпараст, хушрафтор, фаромӯшшуда, мазлум). |
| М.В. Ломоносов | Муносибати хонандагони синфҳои болоӣ ба таҳсил, сатҳи дониш ва қобилияти онҳо (ҷорӣ намудани вазифаи тафриқавии хонагӣ, мушовирон, тағйирот). |
| Р. Зиккенгер | Истифодаи тестҳои ташхисӣ (ай-кю) барои ташкили “гуруҳи якхелаи хонандагон”. |
| П.П. Блонский | Баҳисобгирии хусусиятҳои фардии психологии хонандагон. |
| Д. Дидро | Се марҳалаи таълимро пешниҳод кард: дар марҳалаи аввал ҳамаи кӯдакон таҳсил мекунанд; дар марҳалаи дувум ба кӯдак барои “тарбияи бенуқсон” ҳама чизро додан лозим аст; дар марҳалаи сеюм онҳо бояд ӯро мутахассис кунанд, яъне тафовути байни мундариҷаи таълим ва тафриқа ҳамчун асос. |
| К Д. Ушинский, Н.К. Крупская | Ҳамкории мақсадноки педагогии омӯзгор бо хонанда бо роҳи ташкили фаъолияти дастаҷамъонаи хонандагон ва аз рӯи қонунҳои муошират созмон додани ин ҳамкориҳо. |

Дар шароити муосир тафриқабандии таълим муайян кардани меъёрҳои ба гуруҳҳои типологӣ тақсим кардани хонандагонро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, Н.А.Семенов пешниҳод менамояд, ки синфҳо ба чор гуруҳ бо назардошти хусусиятҳои муносибати мактаббачагон ба омӯзиши маводи барнома ва сифатҳои хоси мустақилияти маърифатӣ, ки дар онҳо зоҳир шудааст, тақсим карда шаванд [148].

Тақсимоти хонандагон ба гуруҳҳо аз рӯи хусусиятҳои монанди инфиродӣ пас аз Н.А.Семенов аз ҷониби бисёр муаллимон низ таъкид гардид, аммо ин мушкилотро ҳар як муҳаққиқ ба тариқи худ ҳал кардаанд. Масалан, П.И.Горлов [47] инкишофи эҳтимолии хонандагонро ба назар гирифта, синфро ба се гуруҳ тақсим мекунад (дар асоси муносибати хонандагон ба таҳсил) ва ба ҳар яке аз онҳо вазифаҳои худро медиҳад. А.А.Бударний [27,28] инчунин хонандагони

синфро аз ҷиҳати сатҳи рушд ба се гуруҳ: баланд, миёна ва паст тақсим карда, ба ҳар гуруҳ талаботи (фарққунандаи) хос месупорад. Аз хонандагони "суст" ба гуфтаи муаллиф, бояд бо ёрии супоришҳои инфиродӣ азхудкунии маводи асосӣ ва муҳим, аз "миёна" - тамоми барнома, бо тамоми ҷузъиёти он аз худ карда шавад ва "қавӣ" илова бар маводи барнома бояд супориш дода шавад. А.А.Бударний тафиқабандии минбаъдаи хонандагонро дар асоси зуҳури ду нишондиҳанда - сатҳи қобилияти омӯзишӣ ва қобилияти меҳнатӣ гузаронида, таъкид мекунад, ки шахсияти хонандагон дар маҷмуъ – майлу рағбат, муносибат ба омӯзиш, хислатҳои эҳсосӣ ва ирода бояд ба назар гирифта шавад. Ин ҷо ҷадвалеро, ки А.А.Бударний тартиб додааст пешкаш менамоем ва он метавонад барои кори мо қобили таваҷҷӯҳ бошад (ниг.ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Тафовути хонандагон (аз рӯйи таснифоти А.А. Бударний)**

| Гуруҳҳои хонандагон | Омезиши сатҳи қобилияти омӯзиш ва қобилияти меҳнатӣ | Намуди баҳогузорӣ (пешрафт) |
|---|---|---|
| Гуруҳи хонандагоне, ки қобилияти баланди таълимӣ доранд. | а) сатҳи баланди рушди қобилияти таълимӣ;<br>б) сатҳи миёнаи рушди қобилияти омӯзишӣ.<br>в) сатҳи баланди рушди қобилияти омӯзишӣ. Сатҳи миёнаи қобилияти меҳнатӣ. | 5 ва 4.<br>4 ва 5,<br>Танҳо 4 |
| Гуруҳи хонандагоне, ки қобилияти миёнаи омӯзиш доранд. | а) сатҳи миёнаи рушди қобилияти омӯзишӣ. Сатҳи миёнаи қобилияти меҳнатӣ.<br>б) сатҳи пасти рушди қобилияти омӯзишӣ. Сатҳи миёнаи қобилияти меҳнатӣ.<br>в) сатҳи пасти рушди қобилияти омӯзишӣ. Қобилияти баланди меҳнатӣ. | 4 ва 3<br>3 ва 4<br>3, баъзан 4 |
| Гуруҳи хонандагоне, ки имконияҳои пасти омӯзишӣ доранд. | а) сатҳи баланди рушди қобилияти таълимӣ. Сатҳи пасти қобилияти меҳнатӣ.<br>б) сатҳи миёнаи рушди қобилияти омӯзишӣ. Сатҳи пасти қобилияти меҳнатӣ.<br>в) сатҳи пасти рушди қобилияти омӯзишӣ. Сатҳи пасти қобилияти меҳнатӣ. | 3, баъзан 4<br>3 баъзан 2.<br>2 баъзан 3. Аксар вақт 2. |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал дида мешавад, муаллиф "имкониятҳои омӯзиш" -

ро нишондиҳандаи асосии қобилиятҳои фардии хонандагон медонад. Онҳо, ба андешаи ӯ, хусусиятҳои фаъолияти зеҳнӣ ва қобилияти меҳнатиро муайян мекунанд. Аммо, қайд кардан бамаврид аст, ки баҳои дар ҷадвал додашуда, ба назари мо, нишондиҳандаи мансубияти ин ё он хонандаи мушаххас ба ин ё он гуруҳи муайян нест. Ин баҳоҳо аз хусусиятҳои психологии хонандагон гирифта шудаанд, на баръакс. Аз ин рӯ, барои ба як гуруҳи мушаххас ҷудо кардани хонанда бояд қобилиятҳои ӯ бодиққат омӯхта шавад, на дар асоси нишонаҳои дар раванди таълим ба даст овардашуда хулоса карда шавад.

Е.С.Рабунский ба назар гирифтани сатҳи фаъолияти таълимӣ, дараҷаи мустақилияти маърифатӣ, дараҷаи самаранокии таваҷҷуҳ ба таълимро пешниҳод мекунад [136-137]. Асарҳое ҳастанд, ки дар асоси хусусиятҳои системаи асаб имкониятҳои хонандагонро ба назар гирифта шудаанд (А.Н.Конев, Б.С.Мерлин, Э.К.Климова ва дигарон) [80,111,71].

Педагоги олмонӣ К.Карл ҳангоми таҳқиқи мувофиқати маводҳои барномарезишуда се аломатро, ки тавассути он хонандагонро бояд тасниф намуд, қайд мекунад. Ин - хусусияти тарзи кор (мақсаднок, дақиқ, боғайрат, бепарво, парешонхотир, тафаккури заиф), қобилият ба мафҳумият (абстраксия), малакаҳои ҳисоббарорӣ мебошад. Вай дар заминаи омезиши ин нишондиҳандаҳо се гуруҳи хонандагонро аз рӯи амиқи омӯхтани маводи таълимӣ ва суръати пешрафт дар таълим ҷудо мекунад [87].

Муҳаққиқон В.А.Крутетский ва Н.С.Лукин дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти психологӣ, таҷрибаи муаллимон ва мушоҳидаҳои онҳо чор гуруҳи хонандагонро мувофиқи хусусиятҳои фаъолияти таълимиашонро муайян карданд [91,93].

Ба навъи якум хонандагоне дохил мешаванд, ки пешрафтҳои баланди таълимӣ надоранд. Онҳо дар омӯзиш ташаббус ва мустақилият зоҳир намекунанд, ба тафаккури онҳо баъзе беташаббусиву сустӣ хос аст. Асоси фаъолияти таълимии ин хонандагонро хотира ташкил медиҳад. Дар баъзеи онҳо, он хеле хуб пеш рафтааст. Муваффақият ё нокомии омӯзишии хонандагони ин гуруҳ аз он вобаста аст, ки то кадом андоза онҳо метавонанд

дар ҳолатҳои муайян дониши худро танҳо дар асоси ҳифз бидуни дарки дурусти масъала истифода мебаранд. Чунин хонандагон ҳамеша ба худ ва дониши худ эътимод надоранд. Онҳо барои ба ҳам пайвастани назария бо амалия душворӣ мекашанд.

Ба навъи дуюм хонандагоне дохил мешаванд, ки самти амалии онҳо дар корҳои таълимӣ ба таври равшан зоҳир мешавад. Чунин хонандагон кӯшиш мекунанд, ки маводи аз ҷиҳати таълимӣ душворро омӯхта, онро дар амалия санҷанд. Ҳангоми дарки маводи таълимӣ аксар вақт бодиққатанд: агар онҳо маънои амалии маводи навро дарк карда бошанд, бодиққатанд, агар не - аз фаъолияти таълимӣ фориғ гашта, инро тантанавор нишон медиҳанд. Рағбати аз ҳад зиёд ба амалия, баъзан онҳоро ба он оварда мерасонад, ки тафаккури назариявии онҳо ба қафо мондан сар мекунад.

Ба навъи сеюм хонандагоне дохил мешаванд, ки ба назария майли бештар доранд. Онҳо аз амалия канораҷӯӣ мекунанд, кӯшиш намекунанд, ки барои дониши худ дар фаъолияти амалӣ дастгирӣ ёбанд. Фаъолияти тафаккури онҳо бо дараҷаи баланди умумигардонӣ ва мавҳумот, аммо нисбатан сатҳи пасти мушаххассозӣ хос аст. Дар аксарияти хонандагони ин гуруҳ амиқии тафаккур инкишоф меёбад, фикрҳои худро муъҷаз ва саҳеҳ баён карданро дӯст медоранд. Дар ҷараёни азхудкунии мавод, чизҳои муҳимро ҷудо карда, маводро ба низом медароранд ва бо ин дар худ низоми донишро ташаккул медиҳанд. Ин хонандагон ба кори шадиди фикрӣ қодиранд, барои мустақилона васеъ кардани дониши худ мекӯшанд, аммо намедонанд, ки чӣ гуна назарияро бо амалия пайваст кунанд.

Ба навъи чорум хонандагоне дохил мешаванд, ки назария ва амалияро дар таълими худ мутобиқ кунонида метавонанд. Хонандагони ин гуруҳ ҷаҳонбинии васеъ доранд. Онҳо дониши назариявиро бо малакаҳо омезиш медиҳанд, қодиранд, ки дониши худро аз як тараф дар ҳаёт, дар амал татбиқ кунанд ва аз тарафи дигар, амалияро барои ба даст овардани дониш истифода баранд. Хонандагони ин гуруҳ, баъзан, бо пароканадагиву номураттабии майлу хоҳиши худ, набудани шавқи асосии меҳварӣ, ки дар онҳо як навъ муносибати “ҳаётӣ –

амалӣ” - ро ба вуҷуд орад, фарқ мекунанд.

Дар психологияи педагогӣ дигар намудҳои тақсимоти хонандагон ба гуруҳҳо мавҷуданд (дар асоси дигар нишондиҳандаҳо). Аз ҷумла, З.И.Калмикова [68] барои тасниф кардани хонандагон ҳамчун нишондиҳандаи қобилияти истифодаи дониш дар ҳалли масъалаҳо, хусусиятҳои фаъолияти таҳлилӣ ва синтетикии онҳоро ба назар гирифтааст. Дар натиҷа, вай чор сатҳро муайян кард: сифрӣ (“ибтидоӣ”), аввал (“комплексӣ”), дуюм ва сеюм. Мувофиқи таснифи вай:

Дар сатҳи сифрӣ хонандагоне, ки робитаҳои хусусӣ байни саволҳои мустақими хусусияти назариявӣ дошта (талаб кардани таърифи мафҳум ё намуна ва ғ.) ва нусхабардории матни шифоҳии мувофиқро ба вуҷуд овардаанд. Ҷамъбастҳои зарурӣ дар ин хонандагон ҳанӯз ташаккул наёфтаанд ва аз ин рӯ, онҳо барои ҳалли масъалаҳо дониши кофӣ надоранд.

Ба сатҳи аввал хонандагоне мувофиқат мекунанд, ки маълумоти пурраи назариявӣ доранд ва мустақилона такрор карда метавонанд. Аммо, ба онҳо ноустувории дониши нав бадастоварда хос аст. Дар баробари ноустувории ассотсиатсияҳои нав, ки дар асоси донишҳои нав азхудшаванда қарор доранд, ҳангоми ҳалли масъалаҳо онҳо аксар вақт инерсияи маълумро нишон медиҳанд, ки бо тафовути заифи онҳо алоқаманд аст. Хонандагоне, ки дар сатҳи якуми татбиқи дониш қарор доранд, одатан натиҷаҳои амалиётҳои ҳисоббарориро ҳангоми ҳалли масъалаҳо аз рӯи воқеияти худ баҳо намедиҳанд.

Хонандагоне, ки ба сатҳи дуввуми татбиқи дониш мувофиқат мекунанд, системаи фарқкунандаи донишро ташаккул додаанд, ки ҷанбаҳои муҳими мафҳумҳо ва қонунҳои дахлдорро, ки онҳоро бо ҳам мепайвандад, инъикос мекунанд. Умумигардонии хусусиятҳои муҳим ва ҷудо кардани онҳо аз хусусиятҳои ночиз татбиқи пурратар ва дақиқи дониши бадастовардаро барои ҳалли масъалаҳо таъмин менамояд. Ин хонандагон ҳаракатҳои бештари ассотсиатсияҳо доранд, дониши онҳо бо устувории бештар, муқовимати бештар ба таъсири дониши қаблан муқарраршуда, ки инчунин дурустии бештари истифодаи дониши дахлдорро барои ҳалли масъалаҳо таъмин менамояд, қайд

карда мешавад.

Дар сатҳи сеюм, хонандагоне ҳастанд, ки системаи дақиқи фарқкунанда ва ба роҳ мондашудаи умумиҷаҳонии донишро ташаккул додаанд, ки тамоми ҷанбаҳои муҳими мафҳумҳои омӯхташаванда ва қонунҳои ба ҳам пайвастаро инъикос мекунанд. Ин системаи дониш бо қувваи бузурги худ фарқ карда, дурустии ҳалли ҳама мушкилотро дар ин категория муайян мекунад. Барои хонандагони ин гуруҳ дониши нав таҷрибаи шахсии ҳаёти онҳо мегардад ва мувофиқан худи дарки олами атрофро барқарор мекунад. Қувват ва устувории дониши бадастомада бо чандирӣ ва ҳаракатнокии онҳо ҳамҷоя карда мешавад.

Мувофиқи мушоҳидаҳои З.И.Калмикова, илова бар ин сатҳҳои равшани татбиқи дониш, марҳилаҳои гузариш дар байни сатҳҳои ҳамсоя низ мавҷуданд, ки аломатҳои ҳарду сатҳро доранд. Ин ду мисоли гуруҳбандии хонандагон нишон медиҳанд, ки:

1) хусусиятҳои фардии хонандагон нисбати фаъолияти таълимии онҳо дар як гуруҳ он қадар фарқ намекунанд;

2) хонандагони ҳамсол ва мансуб ба як гуруҳ тақрибан якхела хусусиятҳои равонӣ доранд.

Аз ин рӯ, ченакҳои инфиродии таъсиррасонӣ ба хонандагон дар раванди фаъолияти таълимии онҳо ба тафсилоти хеле муфассал ниёз надоранд - аз афташ мумкин аст, ки методологияи таъсиррасонӣ ба ҳар як гурӯҳи хонандагонро таҳия карда, пас ислоҳ ва фарқ кунад (аллакай дар ҷараёни татбиқ).

Равоншиносон исбот карданд, ки хусусиятҳои ташаккулёбии шахсият, ки бояд пеш аз ҳама дар таълими тафриқавӣ баррасӣ карда шаванд, сатҳи омӯзиш маҳсуб меёбанд, ки қобилияти ақлии хонандагонро тавсиф мекунад ва сатҳи омӯзиш, ки захираи мавҷудаи дониши хонандагон ва усулҳо ва услубҳои муқарраршудаи азхудкунии онҳоро тавсиф мекунад. Нишондиҳандаҳои психологии қобилияти омӯзишӣ омодагӣ, ошкорой барои азхудкунии минбаъдаи дониш, усулҳо ва намудҳои нави фаъолият, гузариш ба сатҳҳои нави таълимро дар бар мегиранд.

Дараҷаи омӯзиши хонандагонро мо аз рӯи методикаи пешниҳодкардаи В.П.Беспалко ва ҳамзамон аз ҷониби А.Н.Майоров, Л.Б.Сахарчук ва А.В.Сотов эътироф гардида, ки панҷ сатҳи пай дар пайи омӯзиши хонандагонро ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ қабул карданнд, муайян кардем.

- табъиз (фарқ кардан);

- ҳифз (дар хотир доштан);

- фаҳмиш; (дарк кардан)

- соддатарин маҳорат ва малака;

- интиқол.

Дар айни замон, сатҳи 1 ҳамчун омӯзиш фаҳмида мешавад, ки дар он хонанда метавонад аз якчанд мисолҳои пешниҳодшуда дурусташро интихоб кунад, яъне мувофиқи параметрҳои муайян мувофиқ бошад.

Сатҳи 2-юми омӯзиш бо қобилияти хонанда барои такрор кардани қонун, формула, қоида, консепсия муайян карда мешавад.

Сатҳи 3-юми омӯзиш қобилияти хонандаро дар шарҳ додани қонун, мафҳум, қоида, нишон додани намунаҳои татбиқи он нишон медиҳад.

Сатҳи 4 бо қобилияти хонанда дар татбиқи қонун, қоида, консепсия дар амал, ҳалли масъалаҳои таълимӣ, хулоса аз қарорҳо тавсиф карда мешавад.

Сатҳи 5, баландтарин, имконияти истифодаи донишҳои дар ин мавзӯъ бадастовардаро дар ҳама соҳаҳои марбут ё фаъолияти амалии худ дар назар дорад.

Корҳои санҷишӣ барои мактаббачагон ҳам дар давоми соли таҳсил ва ҳам дар вазифаҳои ниҳоии контролӣ бо назардошти талабот барои ҳамаи панҷ зинаҳои таълим таҳия карда шуданд.

Бо мақсади коҳиш додани субъективии баҳогузории муаллим ва якрангӣ дар тартиб додани саволҳо, вазифаҳое, ки мо тартиб додем аз ҷониби муаллимони мактаб баҳо дода шуданд. Агар миқёси мушкилии ҳамаи вазифаҳо дар шакли зерин пешниҳод карда шавад:

-3 маъно надорад,

-2 хеле содда,

-1 оддӣ,

0 миёна,

1 мураккаб,

2 хеле мураккаб,

3 ғайри қобили амал аст, аз ин бармеояд, ки супоришҳои ба хонандагон пешниҳодшуда ба дараҷаҳои 1, 2 душворӣ рост меоянд.

Дар ҷараёни таҳқиқ, мо дар байни хонандагони синфҳои 7 - 10 бахшҳои ташхисиро гузаронидем, ки аз рӯи як меъёр фарқ карда шудаанд (сатҳи омодагӣ). Таҳлили натиҷаҳои қисматҳои ташхисӣ, ки дар аввали сол, дар охири нимсолаи аввали ва дар охири сол дар синфҳои якхела гузаронида шуданд, нишон доданд, ки фоизи хонандагон дар сатҳҳои гуногуни таълим тағйир меёбад, гузашта аз ин шумораи хонандагони сатҳи 2 афзоиш ёфта, шумораи хонандагони сатҳи 4 ва 5 коҳиш ёфтааст ҷамъбастшуда дар Расми 4 нишон дода шудааст.




**Расми 4. Омӯзиши вазъи тафриқаи равияҳо дар мактабҳои муосир**

Омӯзиши вазъи тафриқаи соҳавӣ дар мактабҳои муосир нишон дод, ки дараҷаи тайёрии хонандагон дар охири соли таҳсил дар ихтисос назаррас нест.

Натиҷаҳои таҳлили тафриқаи соҳавии равиянокӣ, ки дар ибтидо ва охири сол гузаронида шуд, дар байни хонандагони синфҳои ҳаштуми якчанд мактабҳои шаҳри Хуҷанд нишон доданд, ки то охири сол аз шумораи умумии хонандагони самти гуманитарӣ, ки дар он ҷо таълим дар барномаҳои мувофиқи ин равия гузаронида мешуд, танҳо тақрибан 36% хонандагон идома доранд таҳсил аз миёна болотар аст, 41% хонандагони самти физика ва математика ва 29% хонандагони самти илмҳои табиатшиносӣ натиҷаҳои аз миёна баландтарро исбот мекунанд. Табиист, ки агар интихоби хонандагон дуруст, бе хато сурат гирад, пас натиҷаи муваффақияти таълим бояд баландтар бошад, ки ин пас аз як соли таҳсил дар гурӯҳҳои якхела тасдиқ нашудааст. Инчунин оид ба масъалаи роҳҳои инфиродии пурраи таълим дар адабиёти педагогӣ андешаҳои гуногун мавҷуданд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши ҳолати таълими инфиродӣ - тафриқавӣ нишон дод, ки тафриқа бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад: мазмуни таълим фарқ мекунад, нақши бартаридошта усулҳои муайяни таълим, шаклҳо, услуб ва усулҳои онҳо, услуби муносибати байни хонандагон ва омӯзгорон ва ғайра тағйир меёбанд. Аммо новобаста аз он ки кадом усулҳои тафриқавӣ ба асос гирифта мешаванд, бе назардошти хусусиятҳои инфиродии хонандагон, таълими тафриқавиро самаранок ташкил кардан ғайри имкон аст.

Дар психология инчунин кӯшишҳо барои муайян кардани шартҳои асосии татбиқи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ анҷом дода шуданд. Дар асарҳои Ю.К.Бабанский [12] ва дигарон ба таври боварибахш нишон дода шудааст, ки дар байни омилҳои ба раванди фаъолияти маърифатии хонандагон фаъолона таъсир расонанда, нақши асосӣ ба тафаккур тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, мо ҳамчун яке аз меъёрҳои психологии ташкили гуруҳҳои тарбиявӣ тафаккурро пеш гирифтем. Мо тафаккурро аз нигоҳи фарқиятҳои инфиродӣ мавриди назар мекунем. Аз ин ҷиҳат, он ҳамчун қобилияти умумии барои ба даст овардани дониши нав, ҳамчун қобилияти зеҳнӣ (ақлӣ) барои омӯзиш амал мекунад [68].

Дар асл, хусусиятҳои марбут ба синну сол дар тафаккур дар вариантҳои инфиродии рушд пайдо шуда, таъсири худро ба онҳо мерасонанд. Барои таҳияи

системаи муассири инфиродӣ ва тафриқа, доштани маълумот дар бораи ҳам хусусиятҳои инфиродӣ - типии тафаккури мактаббачагон ва ҳам фарқияти воқеии байни кӯдакони якхела ниҳоят муҳим аст. Афзалияти ин ё он навъи тафаккур хусусиятҳои ташаккулёбии шахсиятро инъикос мекунад, ки бояд дар раванди таълим ба назар гирифта шавад.

Вобаста аз он, ки кадом омилҳо ба онҳо асос ёфтаанд, таснифоти гуногуни намудҳои тафаккур мавҷуданд. Қариб ҳамаи таснифоти мавҷуда аз эътирофи тафаккур ҳамчун фаъолият сар мезананд. Дар омӯзиши худ, мо тафаккури визуалӣ - маҷозӣ, лафзӣ - мантиқӣ ва абстрактӣ - консептуалиро баррасӣ кардем, аз дараҷаи "иштирок" дар тафаккури шаклҳои "берунии" фаъолият бармеояд: аввал онҳо ба таври равшан ҳамчун тасвирҳои идрок иштирок мекунанд, баъдан ин тасвирҳо аз хотираи дубора нусхабардорӣ ва тавассути аломатҳо миёнаравӣ карда мешавад.

Онҳо инчунин ба назар гирифтанд, ки тафаккур дар байни равандҳои ақлӣ, ки ба омӯзиш таъсир мерасонанд, муҳимтарин аст.

Дар ҳар як марҳилаи синну соли рушди кӯдак шакли муайяни тафаккур ташаккул меёбад. Синни хурдтари мактаб бо инкишофи тафаккури визуалӣ - маҷозӣ ва шифоҳӣ - мантиқӣ тавсиф карда мешавад. Аз синни 10 – 11 солагӣ хонандагон бояд бо истифодаи мафҳумҳои абстрактӣ мантиқан фикр карданро омӯзанд, яъне дар синни наврасӣ тафаккури консептуалии абстрактӣ ташаккул меёбад. Тафаккури абстрактӣ - консептуалӣ наметавонад "идеал" - и тафаккур дар маҷмуъ, нуқтаи ниҳоии рушди зеҳнӣ бошад. Такмили минбаъдаи тафаккур дар психология бо тавсеа ва конкретикунонии соҳаҳои татбиқи шаклҳо ва усулҳои равонии азхудшуда алоқаманд аст. Дар ҳар як марҳилаи муайяншудаи синну сол, табиатан фарқият ба амал меояд: барои як қатор хонандагон, як навъи тафаккур ҳукмронӣ мекунад, ки барои қатори дигар ин зарурати ба инобат гирифтани дигар нишонаҳои хусусиятҳои шахсиятро тасдиқ мекунад.

Таҳқиқоти гузаронидашудаи вазъи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ дар мактабҳои муосир ва таҳлили адабиёт моро ба зарурати ҷалби гуруҳҳои хонандагон дар асоси тақсимоти якчанд тавсифи хусусиятҳои шахсият дар як

вақт боварӣ бахшид. Дар раванди таълим ин гурӯҳҳо метавонанд бо заминаҳои гуногун (қобилият, шавқ, фаъолияти таълимӣ, хусусиятҳои психологӣ ва педагогӣ ва ғ.) ташкил карда шаванд. Дар таҳқиқоти худ мо шакли фаъолияти таълимӣ, қобилияти омӯзишӣ, омӯзиш, навъи тафаккурро барои ҷалби гурӯҳҳо асос кардем.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти психологӣ - педагогӣ ва амалияи мактаб нишон дод, ки масъалаи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ дар шароити муосир мубрам буда, аз он вобаста аст, ки таълими инфиродӣ – тафриқавӣ:

-раванди таълимро инсонгаро менамояд, ба рушди ҳадди имкон нигаронида шуда, барои қонеъ намудани талабот ва манфиатҳои хонандагон шароит фароҳам меорад;

- имкон медиҳад, ки сарбории хонандагон кам карда шуда ҳавасмандии онҳо ба таълим баланд шавад;

- имкон медиҳад, ки ҳангоми омӯзиш хусусиятҳои минтақавӣ ба назар гирифта шаванд;

- ба тариқи демократӣ, аз сабаби тағйирёбанда будан ба хонанда ҳуқуқи интихобро медиҳад.

**Хулосаи боби якум**

Таҳлили вазъи масъала дар назария ва амалияи воқеии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ошноӣ бо адабиёти фарогир дар бораи мушкилоти фарқият ва фардисозӣ ба хулосае меорад, ки тафриқа яке аз принсипҳои асосиест, ки гуманизатсияи таълим дар он асос ёфтааст. Ин мушкилот диққати олимони ватаниро дар марҳилаҳои гуногуни рушди мактаб ҷалб намуд, ки ин аз таъсири таълими инфиродӣ - тафриқавӣ ба рушди шахсият вобаста аст ва дар баланд бардоштани фаъолияти таълимии мактаббачагон, рушди нерӯи эҷодии онҳо, фароҳам овардани заминаҳои интихоби пурмазмуни касб ифода ёфтааст. Вобаста аз шароити мушаххас ва ниёзҳои иҷтимоӣ, дар ҳар марҳила, роҳҳои муайяни ҳалли ин масъала пешниҳод карда мешуданд.

Дар шароити муосир, хонандагон ниёз ба гирифтани таълими ба шахсият

нигаронидаро доранд. Инро тавассути пешниҳоди муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба омӯзиш ба даст овардан мумкин аст.

Ҳангоми ташкили таълими инфиродӣ - тафриқавӣ бояд чунин хусусиятҳои низоми маориф, ба монанди эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисосро ба назар гирифт. Ихтисоси муаллим, пеш аз ҳама, бо сатҳи фаъолияти касбӣ ва омӯзгории ӯ муайян карда мешавад.

Таҳлили вазъи кунунӣ нишон дод, ки имкони ба даст овардани самаранокии воқеии раванди таълимро бо тадбирҳои бозомӯзии омӯзгорони инфиродӣ таъмин карда наметавонад, агар ин ба таври мустақил, эпизодӣ ва ба ҳеҷ ваҷҳ бо сиёсати умумии тамоми мактаб, қолибҳо, анъанаҳо ва сохтори идоракунии дар он амалкунанда алоқаманд бошад.

Омӯзиши вазъи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир ва таҳлили адабиёт моро ба зарурати ҷалби гурӯҳҳои хонандагон дар асоси тақсимоти якчанд хусусиятҳои шахсият боварӣ бахшид. Ин гурӯҳҳо дар раванди таълим метавонанд бо заминаҳои мухталиф (қобилият, манфиатҳо, фаъолияти таълимӣ, хусусиятҳои психологию педагогӣ ва ғ.) ташаккул ёбанд. Дар таҳқиқоти худ мо барои таъсиси гурӯҳ чунин навъҳои фаъолияти таълимӣ, омӯзишӣ, омӯзишшаванда ва навъи тафаккурро асос кардем.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти марбут ба масъалаи таҳқиқи илмии мавзуи мазкур ва ҳолати таълими инфиродӣ дар мактаб, мо инчунин муайян кардем, ки яке аз шартҳои тафриқавии самарабахш ин таъсиси гурӯҳҳои таълимӣ аз рӯи якчанд аломатҳои ташхисӣ (таълим, қобилияти омӯзишӣ, навъи тафаккур) буда метавонад.

Таҳлил инчунин нишон дод, ки яке аз мушкилоти асосии раванди навсозии мундариҷаи таълим, таҷдиди сохтори раванди таълим на танҳо надоштани дониши зарурӣ дар байни омӯзгорон дар бораи асосҳои дидактика, психология, огоҳӣ аз технологияҳо ва консепсияҳои муосири таълимӣ, балки дар баъзе ҳолатҳо рад кардани ин мафҳумҳо ва принсипҳое мебошад, ки ба рушди шахсият ва эҷодкории кӯдак нигаронида шудаанд.

# БОБИ 2. МУНОСИБАТИ ИНФИРОДӢ – ТАФРИҚАВӢ ШАКЛИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБИ МУОСИР

## 2.1. Аз таҷрибаи ташкили таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими муосир

Ҳоло дар ташкили синфу мактабҳои тафриқавӣ тачрибаи муайян ҷамъ карда шудааст. Дар амалияи мактабҳои маълумоти умумӣ таълими тафриқавӣ хеле хуб ҷорӣ гардидааст. Амалан ягон муассисаи таълимии умумӣ нест, ки дар он ин ё он шакли тафриқавӣ вуҷуд надошта бошад.

Дар асари И.Унт "Таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ" [159] ғояи фардикунонӣ ва тафриқа ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба назари мо, рафти мулоҳизаҳои муаллиф хеле мухим ба назар мерасад: аввал меъёрҳои интихоби хислатҳои инфиродӣ, баъд худи хусусиятхо муайян карда мешаванд.

Муаллим бояд дар ихтиёри худ маводи дидактикие дошта бошад, ки ба хонанда имкон медиҳад, ки навъҳои мувофиқтарин вазифаҳои дорои маводи таълимӣ ва шакли ифодаи онро интихоб намояд. Омӯзгор бояд интихоби афзалиятҳои маърифатии хонанда, устувории зуҳуроти он, фаъолият ва мустақилияти татбиқи онҳоро тавассути усулҳои кори таълимӣ ба қайд гирад.

Мушоҳидаи доимии касбӣ ба муаллим имкон медиҳад, ки дар бораи хонанда "бонки маълумот" ҷамъ кунад. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки "намуди маърифатӣ"-и хонанда ошкор карда шуда, бо мурури синну сол муътадил мегардад, майлҳои инфиродӣ, ки ба шахсият хосанд, муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, омӯзгор набояд шахсияти дорои хосиятҳои додашударо ташаккул диҳад, балки ба хонанда дар шинохти худ, худмуайянкунӣ ва агар имкон бошад, худро дарк намудан ёрӣ расонад.

Муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ ҳамчун воситаи рафъи ихтилофи байни талаботи раванди таълим ва имкониятҳои воқеии кӯдак баррасӣ мешаванд. Муносибатҳои тафриқавӣ ва фардӣ бо мафҳумҳои шахсият ва

фардият робитаи ногусастанӣ доранд. М.Н.Собчик қайд мекунад: “Шахс як системаи худтанзимкуние мебошад, ки барои таҷрибаи беруна кушода аст, ки самти ҳавасмандкунӣ, соҳаи эмотсионалӣ, услуби тафаккур ва тарзи муошират бо дигаронро дар бар мегирад. Шахс системаи динамикист, ки аз рӯи таъсироти беруна кушода аст, ба тағйироти муҳит дар доираи инфиродии тағйирёбиҳо ҷавоб медиҳад, ки сохтори шахсиятро мутобиқат мекунад”. Ин маънои онро дорад, ки шароити муҳити беруна (раванди таълим), ки барои ҳар як хонандаи алоҳида махсус ташкил карда шудааст, то ки онҳо ба инкишофи шахсият мусоидат кунанд.

Таваҷҷуҳи таҳсилоти муосир ба фардияти хонанда масъалаи моҳияти ин падидаро ба миён мегузорад. Фардият дар луғати психологӣ ҳамчун шахсияти хоси ҳар як шахс, ҳамчун маҷмӯи хислатҳо ва хосиятҳои равонии ӯ, ки дар зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул ёфтаанд, маънидод шудааст. Фардият ба шахс каму беш бомуваффақият анҷом додани фаъолиятро таъмин мекунад. Б.Мерлин сатҳҳои зерини системаи фарди интегралиро муайян мекунад: “1. Системаи хосиятҳои индивидуалии организм. Зерисистемаҳои он: биохимиявӣ, соматикии умумӣ, хосиятҳои системаи асаб (нейродинамика). 2. Системаи хосиятҳои равонии фардӣ. Зерсистемаҳои он: психодинамикӣ, равонӣ. 3. Системаи хосиятҳои инфиродии иҷтимоӣ-психологӣ. Зерсистемаҳои он: нақшҳои иҷтимоӣ дар коллектив, нақшҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои таърихӣ” [111].

Қобилияти ба назар гирифтани хусусияти шахсият ва дастгирии ӯ дар раванди таълим бо истифодаи равишҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ алоқаманд аст. Муаммои муносибати инфиродӣ таърихи инкишофи худро дорад. Педагоги бузурги чех Я.А.Коменский низоми педагогиро ба вуҷуд овард, ки хусусиятҳои инфиродиро ба назар мегирад. Ба гуфтаи А.Кирсанова [75], Ян Амос Коменский мутобиққунии мазмун, метод ва воситаҳои таълимро ба дараҷаи омодагии хонандагон кам накарда, онро ҳамчун воситаи ба зинаҳои нави инкишоф додани ҳар як хонанда медонист. К.Д.Ушинский ба муносибати инфиродӣ диққати калон медод. Ӯ далел меоварад: “Агар педагогика инсонро аз

ҳама ҷиҳат тарбия кардан хоҳад, пеш аз ҳама ӯро аз ҳама ҷиҳат бояд шинохт" [160]. В.А.Сухомлинский қайд карда буд, ки тарбия пеш аз ҳама омӯзиши инсонист. Бе донистани хислатҳои кӯдак, қобилиятҳои равонӣ, шавқу ҳавас ва майлу хоҳиши ӯ тарбия вуҷуд дошта наметавонад.

Дар адабиёти психологӣ ва педагогӣ таҳияи ғояҳо оид ба баназаргирии хусусиятҳои фардӣ, ки ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологии равишҳои фардӣ ва тафриқавӣ хизмат мекарданд, асарҳое бахшида шудаанд, ки дар онҳо:

- зарурати ба назар гирифтани хислатҳои фардии хонандагон (Я.А.Коменский, К.Д.Ушинский, Л.Н.Толстой, В.А.Сухомлинский ва ғайра);
- хусусиятҳои гуногуни фардӣ номгузорӣ шудаанд, ки бояд дар равишҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ ба инобат гирифта шаванд (П.П.Блонский, А.З.Зак, А.А.Кирсанов, Е.С.Рабунский, И.Е.Унт, И.М.Осмоловская ва ғ.);
- муҳимтарин қонунҳои инкишофи хонанда мураттаб карда мешаванд, ки мувофиқи онҳо равишҳои инфиродӣ ва фарққунандаро ташкил кардан лозим аст (Д.Б.Элконин, Я.Ч.Виготский, Л.С.Занков, В.В.Давидов, И.Дубровина, Г.И.Шукин).

Аммо дар асарҳо ба мафҳумҳои ин равишҳо таърифҳои мухталиф дода шудаанд. Мо ба ғайр аз адабиёти маълумотдиҳанда таърифҳоро аз китобҳои дарсии педагогика мавриди баррасӣ қарор додем, зеро барои таҳқиқоти мо муҳим аст, ки хатмкунандагони мактабҳои олии педагогӣ оид ба ин масъала дар кадом шакл дониш мегиранд.

Ҳамин тариқ, дар луғати педагогӣ мафҳуми зайл дода шудааст: "Муносибати инфиродӣ ин татбиқи раванди педагогӣ бо назардошти хусусиятҳои фардии хонандагон (мизоҷ, характер, қобилият ва майл, мотивҳои шавқу рағбат ва ғайра) мебошад, ки ба рафтори онҳо дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ таъсири назаррас мерасонад".

Биёед таърифҳоро дида бароем, ки дар онҳо муносибати инфиродӣ принсипи педагогика ҳисобида мешавад. И.П.Подласий чунин мешуморад: "Муносибати инфиродӣ ҳамчун принсипи муҳими педагогика дар идора кардани инкишофи одам, дар асоси чуқур донистани хислатхои шахсият ва

шароити зиндагонии ӯ дар назар дошта мешавад. Педагогикаи муносибати инфиродӣ маънои ба хонандаи алоҳида мутобиқ кардани мақсадҳои мазмуни асосиро надорад, балки ба хусусиятҳои инфиродӣ мутобик намудани шаклу усулхои таъсири педагогӣ бо максади таъмини сатҳи пешбинишудаи инкишофи шахсият мебошад”.

Г.К.Селевко чунин мафҳум медиҳад: “Муносибати инфиродӣ – ин: 1) принсипи педагогӣ мебошад, ки тибқи он дар раванди кори таълимӣ -тарбиявӣ бо як гуруҳ омӯзгор бо хонандагони алоҳида аз рӯи модели инфиродӣ бо назардошти хусусиятҳои шахсии онҳо муносибат мекунад; 2) таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои инфиродии кӯдак ҳангоми муошират бо ӯ; 3) бо назардошти хусусиятҳои инфиродӣ дар раванди таълим; 4) фарохам овардани шароити психологию педагогӣ на танхо барои инкишофи ҳамаи хонандагон, балки барои ҳар як кӯдак алохида”. Муносибати инфиродӣ дар шароити кори коллективонаи синфӣ яке аз принсипҳои таълим мебошад, ки ба назар гирифтани шавқу ҳавас, майл, дараҷаи инкишоф, камбудиҳои дониш ва малакаи ҳар як хонандаро дар бар мегирад.

## 2.2. Хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар дарси забони англисӣ бо муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ

Яке аз муаммои мубрам дар таълими забони англисӣ дар мактаб муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ мебошад. Мушкилии асосӣ дар он аст, ки ҳангоми таълими забони англисӣ натавонистани омезиши оптималии шаклҳои инфиродӣ, гуруҳӣ ва фронталии кор пайдо шавад. Мушкилоти дигар бо муайян кардани хусусиятҳои инфиродии хонандагон ва дар ин замина ташкили фаъолияти омӯзгор, ки ба рушди қобилиятҳои ақлии ҳар як хонанда нигаронида шудааст, алоқаманд аст.

Самаранокии таълими забони хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат ба ташкили дақиқ ва фасеҳи раванди таълим дар дарс, ба маҳорати омӯзгор дар ба назар гирифтани азхудкунии воқеии маводи барномавии хонандагон, инчунин ба хусусиятҳои

фардии ҳар як хонанда вобаста аст. Шавку хавас ба омӯзиш на танҳо бо кори мустақилона, балки бо меҳнати эҷодӣ, ҷустуҷӯй, татбиқи дониш дар вазъияти нав, истифодаи воситаҳои аёнӣ ва таъсири эмотсионалӣ низ мусоидат мекунад.

Ҷузъҳои инфиродӣ ва тафриқаи омӯзиш дар дарси забони англисӣ назорат ва худназораткунӣ мебошанд. Ҳангоми худназораткунӣ бояд ҳадафи фаъолият ва моделеро дарк кунад, ки бо он пешрафт ва натиҷаи кори таълимиро муқоиса карда метавонад. Муаллим дар бораи амали намунавӣ ва иҷрои муфассали он шарҳ медиҳад. Унсурҳои худидоракунӣ аллакай вақте муқаррар карда мешаванд, ки хонанда дар аввал кори худро ба нақша мегирад.

Биёед инро бо мисоли назорати хониш дар дарси забони англисӣ нишон диҳем. Барои татбиқи муносибати тафриқавӣ ба хонандагон ҳангоми мониторинги хониш муаллим бояд як қатор масъалаҳои ташкилиро ҳал намояд:

- дар асоси сатҳи омодагии забонӣ хонандагон синфро шартан ба зергуруҳҳои тайёрии баробар ҷудо намояд;
- вай бояд тавсифномаи психологии синфро дошта бошад, ки он бояд сатхи инкишофи ҳамон хусусиятҳои инфиродӣ – равонии хонандагонро дар бар гирад, ки муваффақияти азхудкунии матнҳои забони хориҷиро (хотира, тафаккур, диққат, дараҷаи инкишофи умумӣ) муайян мекунанд.

Ҳангоми интихоб ва сохтани супоришҳои тафриқавӣ барои омӯзгори забони хориҷӣ зарур аст, ки бо омӯзгорони фанҳои дигар суҳбат карда, аз шавқу завқи хонандагон маълумот пайдо кунад. Ҳангоми назорати фаҳмиши матн гуруҳи асосии хонандагон (бо сатҳи миёнаи омодагӣ) метавонанд оид ба матн саволҳо гиранд, ки ҷавоб ба онҳо мазмуни матнро ба таври муфассал баён мекунад. Мақсад танҳо назорат кардани фаҳмиши хониш аст, бинобар ин баъзе вазифаҳои дар кортҳо сабтшударо талаб кардан мумкин аст, ки хонандагон дар хона иҷро кунанд, аммо муаллим иҷрои онҳоро месанҷад.

Давраи дуюм давраи худтанзимкунӣ мебошад. Дар ин давра иштироки мустақими шахсии муаллим дар раванди ташаккули дониш дар байни хонандагон дигар талаб карда намешавад, аммо таъсири ғайримустақими ӯ ба мақсад мувофиқ аст. Ин таъсироти ғайримустақим дар ҷараёни кори мустақилонаи хонандагон тавассути сохтор ва мундариҷаи маводи таълимӣ, ки бояд азхуд карда шаванд, ба тарзи муайян амалӣ карда мешаванд. Зоҳиран, дар ин давраи таҳсил бояд ба хонандагон супоришҳои инфиродӣ дода шуда, сохтор ва мундариҷаи онҳо мураттаб шаванд, то фаъолияти ғайримустақими омӯзгор тавассути он татбиқ карда шаванд.

Ҷойи муҳимро дар системаи идоракунии кори инфиродии хонандагон бояд ташаккули мақсадҳои зарурӣ, муносибатҳои арзишнок ва майлу хоҳиш ба ин намуди кори таълимӣ ишғол намояд.

Ҳавасмандгардонии фаъолияти таълимӣ бо маҷмуи васеи мақсадҳо тавсиф карда мешавад ва зимни ташаккули мақсадҳои хонандагон иҷрои вазифаҳои инфиродӣ, ба назари мо, се гурӯҳи онҳо метавонанд ҳамчун муайянкунанда амал кунанд:

Мо ангезаҳои иҷтимоиро дар гурӯҳи аввал тасниф кардем. Онҳо, дар мисоли мо, талаботи ҳаётан муҳими худро дар гирифтани донишҳои

баландсифат, дарки аҳамияти иҷтимоии омодагии хуб ва монанди инҳо зарур медонанд. Муаллим мекӯшид, ки ангезаҳои ин гуруҳро бо роҳи нишон додани хусусияти амалии маълумоти бадастомадаи таълимӣ аз “фаҳмоӣ” ба “самарабахш” табдил диҳад.

Гуруҳи дуюм ангезаҳоеро дар бар мегирифт, ки ба рушди манфиатҳои маърифатӣ дар мавзуи таълимӣ ва илмӣ ифодакунандаи он равона карда шудаанд. Муаллим кӯшиш кард, ки ин мотивҳоро бо роҳи пайвастани таваҷҷуҳи хонандагон ба мундариҷаи фанни таълимӣ бо ташаккули дониши онҳо дар бораи раванди идрок мустаҳкам кунад.

Ба гуруҳи сеюми мақсадҳо бархӯрдҳои хонандагон ба як қатор омилҳои берунии ташкили фаъолияти таълимӣ дохил карда шуданд. Барои мустаҳкам кардани ангезаҳои ин гуруҳ, муаллим чорабиниҳои зарурӣ оид ба ташкили кори хонандагон аз рӯйи супоришҳои инфиродӣ (сариваќт супоришҳо бароварда, машварат, назорат, арзёбӣ ва ғайра) - ро ба таври возеҳ иҷро мекард ва инчунин кӯшиш мекард, ки эътибори кори хуби онҳоро ба хонандагон нишон диҳад.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки афзудани ҳавасмандӣ ба кори инфиродӣ вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти маърифатии хонандагон бояд аз ҷониби муаллим дар машғулиятҳои синфӣ ба шаклу намудҳои гуногун ва мақсадҳои дидактикӣ (дарсҳо, маърӯзаҳо, дарсҳои амалӣ ва лабораторӣ ва ғайра) сурат гирад.

Гузашта аз ин, иҷрои ин кор метавонад дар ду самт пеш равад. Аввалан, қисман тағйир додани мундариҷа ва таҷдиди сохтори маводи таълимӣ бо назардошти робитаҳои байнисоҳавӣ ва қолабҳои маърифатӣ, тақвияти чунин унсурҳои мундариҷа мебошанд, ки малакаҳои зарурии таълимиро ташкил медиҳанд. Самти дуюм ба омӯзиши душвориҳое алоқаманд аст, ки хонандагони сатҳи гуногуни омодагӣ ва дорои сифатҳои гуногуни равонӣ ҷиҳати азхудкунии мундариҷаи фанни таълимӣ доранд ва дар робита бо он воситаҳои махсуси дидактикӣ ва методӣ таҳия намудан пеш меояд.

Ин кор дар доираи самти якум ва дар доираи самти дуюм бояд тавре ташкил карда шавад, ки на танҳо ба кори муваффақонаи инфиродии хонандагон

мусоидат кунад, балки шавқи маърифатии онҳоро ташаккул диҳад, қобилиятҳои зеҳнии онҳоро инкишоф диҳад.

Ҳангоми интихоби мундариҷаи таълим, мо ба асарҳои бунёдии дидактикаи муосир И.Я.Лернер [50, 51], В.П.Беспалко [44,45] Л.В.Беспалко [49], В.В.Краевский [4] ва дигарон такя намудем. Пеш аз ҳама, мундариҷаи таҳсилоти базавӣ, ҳадди ниҳоиро, ки нақшаи таълим поён нафароояд, муайян кардан лозим буд. Ба ақидаи И.Я.Лернер, "Мазмуни асосии таълим... ин маҷмуи муназзами мундариҷаи ҳадди ақали таълим мебошад, ки азхудкунии он барои хонанда имкон медиҳад, ки ба муҳити иҷтимоӣ ва табиии атрофи худ ба таври зарурӣ мутобиқ шавад, инчунин омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои асосӣ ва умумӣ барои ҳамаи шаҳрвандон: ба сатҳҳо ва шаклҳои мавҷудаи таҳсилоти давомдор бо мақсади роҳнамоӣ дар шароити нав; ба худнамоии ташаббускор ва худшиносии шахс. Мазмуни асосии таҳсилот мазмуни зарурӣ ва кофӣ мебошад, ки азхудкунии он шарти иҷрои вазифаҳои асосӣ ва умумии иҷтимоии субъект барои ҳамаи шаҳрвандон ва идомаи таҳсилоти муттасил дар шаклҳои гуногуни он мебошад" [98].

Ҳангоми ташаккули сатҳи асосии мундариҷаи таълим мо муқаррароти зеринро ба назар гирифтем:

1) зарурати нигоҳ доштани асосҳои идеологии фанни таълимӣ дар барномаҳои таҳияшаванда;

2) таъмини дастрасии мавод ба хонандагон тавассути истисно кардани мавзуъҳое, ки барои онҳо дастрас ва асосӣ ба ҳисоб намераванд, бидуни онҳо мантиқ ва асосҳои ғоявии барнома вайрон карда намешаванд;

3) таъмини сатҳи маълумоте, ки имкон медиҳад таҳсил дар ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар донишгоҳҳо идома дода мешавад.

Дар асоси ин муқаррарот барномаҳои мураккаби сатҳи якум, дуюм ва сеюм ҳалли танҳо масъалаҳо ва машқҳои стандартиро пешбинӣ мекунанд. Бо мисол мушаххас мекунем: дар литсей гурӯҳҳои равияи гуманитарӣ дар сатҳи аввал (асосӣ) математика ва физика, асосҳои информатика ва технологияи компютерӣ, биология, химия, яъне фанҳои ғайриравиявӣ омӯхта мешаванд.

Барномаҳо аз рӯйи ин фанҳо ҳалли масъалаҳои стандартиро пешбинӣ мекунанд, баъзе далелҳои мураккаби теорема, формулаҳо барои азёд талаб карда намешаванд. Ҳамзамон, барои гуруҳҳое, ки ин фанҳо мувофиқи равия мебошанд, барномаҳо хеле мураккабанд.

Барномаҳои сатҳи асосӣ муттасилиро дар ҳама зинаҳои таҳсилоти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ новобаста аз равия таъмин мекунанд. Барномаҳо аз рӯи ҳар як фан ҳатман сатҳи дониши дар марҳилаи қаблӣ бадастовардаро ба назар мегиранд. Озмоиш нишон дод, ки баъзан муайян кардани намуди омӯзиш барои хонандагон мушкилтар аст. Дар (11%) ҳолати гузариш аз як гуруҳи равия ба гуруҳи дигар ба қайд гирифта шудааст. Ғайр аз ин, баъзе бачагон (6%) бо сабабҳои гуногун (мушкилоти хонавода, мушкилоти азхудкунии барнома, иваз кардани ҷои истиқомат аз ҷониби волидайн ва ғайра) маҷбур шуданд, ки ба мактабҳои дигар гузаранд. Ин гузариш бо мавҷудияти мундариҷаи асосии барномаи таълимӣ таъмин карда шуд. Ғайр аз он, мо чунин мешуморем, ки сатҳи таҳсилоти ибтидоӣ бояд ба хонандагон пас аз хатми мактаб (ё гимназия) имкон диҳад, ки ба муассисаҳои таълимии бо равияи қаблан интихобкардаи таҳсил робита надорад (39%), дохил шаванд (нигаред ба расми 5).




**Расми 5. Таҳлили барнома ва стандартҳои таълимӣ вобаста ба равияи таҳсили хонандагон**

Барномаҳои сатҳи чорум ва панҷуми мураккабӣ аз рӯи фанҳои асосӣ тартиб дода шудаанд, ки асоси фаъолияти касбии ояндаи онҳо мебошанд. Дар баробари ин, мо барои васеъ кардани мундариҷаи онҳо кӯшиш накардем, ба онҳо бахшҳои нав ворид накардем, балки ба умқи маводи омӯхташуда диққат додем.

Мувофиқи талабот мо ҳангоми татбиқи муносибати инфиродӣ хонандагонро аз рӯи зуҳури қобилияти таълимии онҳо ҷудо кардем. Ҳамаи онҳо аз рӯйи таснифоти А.А. Бударний ба се гуруҳ тақсим карда шуданд.

Барои ҳар як гуруҳи хонандагон супоришҳои мушаххас барои кори инфиродӣ аз рӯйи мавзуъҳои таълимӣ тартиб дода шуд. Ҳамзамон, таҳияи вазифаҳо бо назардошти расидани хонандагони ин гуруҳ ба ҳадафҳои мушаххаси дидактикии хусусӣ дар асоси амалисозии чорабиниҳои омӯзишию маърифатии мувофиқ ба қобилияти таълимии онҳо сурат гирифтааст. Барои як гуруҳи хонандагони дорои қобилияти пасти таълимӣ, ҳадафи хусусии дидактикии додани супоришҳои инфиродӣ, чун қоида, ташаккул додани малакаҳои онҳо мебошад. Фаъолияти маърифатии хонандагон, ки барои иҷрои чунин вазифаҳо заруранд, аз шинохти объектҳои ин соҳаи дониш ҳангоми аз нав дарк кардани маълумот дар бораи онҳо ё фаъолияти бо онҳо алоқаманд иборат буд.

Бояд гуфт, ки мақсад аз чунин супоришҳои инфиродӣ фароҳам овардани шароит барои рушд ва амиқтар намудани дониши хонандагон буд. Ин вазифаҳо одатан кори хонандагонро бо китоби дарсӣ, конспект, маводи дидактикии махсус интихобшуда ё тартибдодашуда ва ғайра дар бар мегирифтанд. Ҷузъи иловагиро факултативҳо ва курсҳои махсус муаррифӣ карданд, ки ба фанҳои асосӣ мувофиқ буданд ва ба амиқтар кардани омодагии назариявии мактаббачагон бо истифода аз дониши дар дарс гирифташуда равона карда шуданд.

Фаъолияти муҳаққиқони муосирро доир ба масъалаи мавриди назар таҳлил карда, ба чунин хулоса омадем, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо принсипҳои зеринро ба назар гирифтан мувофиқи мақсад аст:

1) таваҷҷуҳ ба самти башардӯстона ва фарҳангии мундариҷаи таълим;

2) зарурати ташаккули дарки ҳамаҷонибаи олам дар мактаббачагон;

3) шиносоӣ бо он мушкилот ва мавзуъҳое, ки барои бачагони синну соли муайян шахсан муҳиманд;

4) ташаккули сифатҳои шахсӣ, ки ба фаъолсозии манфиатҳои маърифатии бача ва эҷодиёти ӯ мусоидат мекунанд;

5) такя ба мундариҷаи асосии таҳсилоти ибтидоӣ;

6) робитаи байни фаъолияти дарсӣ ва корҳои беруназсинфӣ.

Барномаҳои курсҳои махсус ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон равона шудаанд ва дар робита ба ин бо пуррагии назариявии баланд тавсиф карда мешаванд. Дар раванди кор барои ташкил ва гузаронидани курсҳои махсус талаботҳои зерин таҳия карда шуданд: татбиқи алоқаи байни таълим ва амалия; робитаи курсҳои махсус бо фаъолияти синфӣ; мувофиқати номгӯи курсҳои махсус ба хоҳишҳои хонандагон.

Курсҳои махсус имкон медиҳанд, ки на танҳо қобилияти маърифатии ҳар як хонанда инкишоф ёбад, балки дар ташаккули чунин сифатҳои шахсият, ба монанди садоқатмандӣ, боинтизомӣ, фаъолнокӣ тавассути истифодаи усулҳои таҳқиқотӣ мусоидат мекунад.

Барномаҳои таҳияшуда ба рушди ташаббус ва мустақилияти хонандагон равона карда шудаанд. Инро бо истифодаи усулҳои мувофиқи таълим ба даст овардан мумкин аст. Истифодаи дарсҳои семинарӣ, ки дар онҳо маводи назариявӣ муҳокима карда мешавад, имкон медиҳад, ки дар ин мавзӯъ донишҳои амиқ ва устувор ба даст оварда шаванд, вазифаҳои гуногун ҳал карда шаванд. Вазифаи асосии семинари - омӯзишӣ бо унсурҳои назорати дониш мебошад, ки ҳадафи он ташхиси азхудкунии маводи омӯхташуда ва худтафтишкунии дониш аз ҷониби хонандагон мебошад. Дар ин шароит хонанда ба субъекти баробарҳуқуқи раванди таълим табдил ёфта, иштирокчии фаъоли он мегардад.

Муаллимоне, ки аз рӯи фанҳои асосӣ барномаҳо таҳия мекарданд, кӯшиш намуданд ғояҳои асосии илмиро дар онҳо инъикос кунанд, дар айни замон,

барномаҳо бо назардошти имкониятҳои дарки мавод то ҳадди муайян мураккабтар гаштанд. Барои омӯхтани масъалаҳои муҳими назариявӣ дар сатҳи чорум ва панҷум вақти бештаре ҷудо карда шудааст ва онҳо муфассал мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Сатҳи чорум ва панҷум ҳалли намудҳои гуногуни масъалаҳо ва машқҳо, аз ҷумла, масъалаҳои зиёди нисбатан мураккабро дар бар мегирад. Дар омӯзиши илмҳои табиӣ ҷойгоҳи муҳим ба иҷрои корҳои лабораторӣ ва амалӣ, экскурсияҳо дода мешавад.

Ба фардисозии омӯзиш, дарсҳо ва машваратҳои инфиродӣ низ мусоидат карданд. Бачагоне, ки ба гимназия медароянд, аз ҷиҳати тайёрӣ фарқи зиёд доранд, аз ин рӯ, аз он фанҳое, ки хонандагон бештар мушкилӣ доштанд, дарсҳои инфиродӣ гузаронида мешуд ва бачагоне, ки сатҳи баланди тайёрӣ доранд, дар ин сатҳи ноилгашта намеистанд, балки дар азхудкунии барнома ба пеш ҳаракат мекунанд. Хонандагоне, ки бо сабабҳои ба худашон вобаста баъзе ақибмондагӣ доштанд, дарсҳои инфиродӣ барои рафъи ақибмонӣ кӯмак карданд ва ин ба онҳо имкон дод, ки баъд бо дигар хонандагони синф баробар таҳсил кунанд.

Самаранокии кори хонандагон аз рӯи супоришҳои инфиродӣ бештар аз ҳисоби ташкили назорат аз болои пешрафт ва натиҷаҳои он муайян карда мешавад. Таҳия ва татбиқи системаи ҳозираи мониторинг - талаботи муҳим барои татбиқи муносибати инфиродӣ барои хонандагон мебошад.

Мақсади назорат дар ин ҳолат бояд кӯмак расонидан ба хонандагон бо усули дуруст, бо миқдори ками вақт (бо истифода аз воситаҳои пурзӯр кардани назорат), мустақилона иҷро кардани вазифаҳои дар наздашон гузошташуда, ёрӣ расонидан барои ҳосили малакаҳо дар ҳалли масъалаҳо аз фанҳои таълимӣ, амиқтар ва васеъ намудани дониши онҳо бошад.

Ҳангоми ташкил ва гузаронидани назорат дар раванди фардикунонии таълим бояд дар назар дошт, ки дар ин ҳолат вазифаҳо аз инҳо иборат бошанд:

- навсозӣ, санҷиш ва баҳодиҳии донишҳое, ки хонандагон қаблан, ҳангоми иҷрои супоришҳои инфиродӣ ба даст овардаанд;
- ташкили муносибати психологӣ барои иҷрои вазифаҳои инфиродии дар

назди хонандагон гузошташуда;

- муттаҳидсозӣ дар ҷараёни назорат, ки дар раванди иҷрои вазифаҳои инфиродии маводи таълимӣ омӯхта шудаанд;

- муайян кардани имконият ва қобилиятҳои хонандагон, сабабҳои душвортаълимӣ ва хатоҳои онҳо;

- муайян кардани самаранокии намудҳои татбиқшудаи шаклҳои ташкилии инфиродикунонии таълим, нишон додани онҳое, киислоҳро талаб мекунанд.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки барои ҳалли ин вазифаҳо ислоҳ ва дақиқ гузаронидани назорат мувофиқи мақсад аст. Он метавонад мувофиқан бо ёрии тестҳои ба матни супоришҳои инфиродӣ замима кардашуда гузаронида шавад.

Ин намуди назоратро муаллим (агар вазифаҳои инфиродӣ дар дарсҳои аудиторӣ иҷро карда шаванд) ё худи хонандагон анҷом дода метавонанд.

Омӯзгор тартиботи назорати ислоҳиро омода карда, онҳоро тавре ташкил кард, ки онҳо на танҳо такрори механикии донишҳои омӯхташудаи хонандагонро, балки коркарди фаъолонаи онҳо, системасозӣ, ташаккули робитаҳои нави ассотсиатсонӣ, ки ба рушди тафаккуру хотира мусоидат мекунад, ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва рафтори маданиро таъмин мекунад. Назорати ислоҳ бо истифода аз боби мувофиқ дар харитаи мавзуии хонанда (ХМ) гузаронида шуд. Бахши “Ислоҳ” дар худ нишондодҳои мустақимро дар бораи мушкилот ё хатогиҳои хоси интизоршударо дар бар намегирад, зеро ин қисми мушкилот аз ҷониби мо ба соҳаи тамоман дигари фаъолияти омӯзгор ва хонанда нисбат дода мешавад, алахусус ҳангоми фарзияи он, ки ҳар як шахс алоҳида аст.

Қисмати “Ислоҳ” аз се бахш иборат аст, ки на зиёда аз 3 баргашт ба маводи омӯхташударо дар назар дорад. Ин равиш ба ғояҳои “модели азхудкунии комил”, инчунин ба принсипҳои Мактаби фардо ва сохтори пайдарпайи мазмуни маводи таълимӣ асос ёфтааст.

Дар сурати мавҷуд будани хатогиҳо дар супориши ташхисӣ (тестӣ), хонанда онро бо аломати “X” дар майдони аввал қайд мекунад, ки онро ҳангоми муқоиса бо калид мустақилона иҷро мекунад. Пас аз иҷрои кори

ислоҳӣ (ки барои он системаи қатъии тартибот мавҷуд аст), хонанда бояд иҷозати баромади 2 - юмро ба калид иҷозат гирад, ки онро муаллим дар майдони 2-юм қайд мекунад. Нақши пешбарандаи муаллим, аввалан, аз он иборат аст, ки хонанда маводро донад, сониян, калидро ҳамчун ишора истифода кунад ва сеюм, хонандаро аз доираи муҳим (воқеӣ) ба рушди наздик маҳз бо низоми қадам ба қадам пешгирӣ кунад. Пайдоиши зарурати бозгашти сеюм, ки онро “Х” такрор дар майдони сеюм нишон медиҳад, ишора ба он дорад, ки хонанда бо муаллим ба тамоси иловагӣ (дарозтар) ниёз дорад (1), ки вазифаи интихобшуда ҳатто аз минтақаи рушди наздик ба дараҷае зиёдтар аст (2) ки вазифаи таҳияшуда аз ҳадди ақали “меҳварӣ” бештар аст (3) ва муаллим муддати дароз ба омӯзиши ин қисми таълимӣ (4) ва ғайра нодуруст муайян кардааст.

Мувофиқи принсипҳои ташаккул додани мундариҷаи вазифаҳо ва ташхис аз рӯи сатҳҳои мураккабии дар асоси харитаҳои техникӣ пешбинишуда, мо ҳамон дараҷабандиҳоро нигоҳ доштаем, яъне барои ҳар як ҳадафи хурд 4 вазифа барои ташхис муайян карда шудааст, ки вазифаи 1-ум ва 2-юм аз он иборатанд худ ҳадди ақали “асосӣ”, яъне стандарт, ки ба баҳои “3” баробар аст. Супориши 3-юм мутаносибан ба баҳои “4” баробар аст ва вазифаи 4 мутаносибан имконият медиҳад, ки баҳои “5” гиранд.

Албатта, ин системаи арзёбӣ аз мақсадҳои олӣ (идеал) дур аст, аз ин рӯ, барои табдилдиҳии осон мо аломатҳои муқаррарии А (шартан “3”), С (шартан “4”) ва О (шартан “5”) - ро истифода мебарем.

Барои мо истифодаи % (фоиз) ё низоми баллиро, ки сатҳи сифатро бо тафсилоти бештар чен кардан мумкин аст, қулайтар аст. Онро дар ҷадвали №7 нишон медиҳем.

**Ҷадвали 7. Низоми баҳодиҳии сатҳи сифат**

| % | 94-100 | 88-93 | 80-87 | 55-79 | 40-54 | 39 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Холҳо | 9-10 | 7-8 | 5-6 | 3-4 | 2 | 5.1 |
| Баҳоҳо | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 | 0 |
| Сифат | аъло | хуб | қаноатбахш | ба коркард ниёз дорад | бад | дониши зарурӣ вуҷуд надорад |

Тартиби назоратро муайян карда, мо кӯшиш кардем, ки онҳо имкон диҳанд, то натиҷаи муқоисаи сифати донишҳои бадастомада бо донишҳои дар асоси объективӣ пешбинишуда муайян карда шавад.

Барои муайян кардани санҷишҳои муқаррарӣ тестҳои пешрафт таҳия карда шуданд. Барои ташкили тартиби санҷиш ду қонунияти назарияи таълим ҳамчун нуктаи ибтидоӣ хизмат кард.

Аввалан, сатҳҳои азхудкуниро муайян мекунанд (наметавон чизеро дар сатҳи баланд аз худ кард, агар дар сатҳи қаблӣ, поёнӣ аз худ карда нашавад).

Дуюм, фаъолият дар ҳар сатҳ танҳо бо азхудкунии маълумоти дахлдори таълимӣ иҷро карда мешавад. Онҳо чунин шаклҳои супоришҳоро пешниҳод мекунанд, ки фаҳмиши муҳассилинро дар сатҳи зарурии иҷроиш, навъҳои донишҳо ва ба кадом андоза амаликунии онро таъмин карда метавонанд.

Азбаски объективии ченкунӣ ва арзёбии дониш дар ҷараёни санҷиш аз сифати таҳияи тестҳо вобаста буд, муаллим ҳангоми таҳияи онҳо як қатор талаботи ҳатмиро ба назар мегирифт.

Талаботи аввал бо сифати тест, ба монанди эътибор (мувофиқ) алоқаманд аст. Барои татбиқи он, муаллим вазифаҳоро тартиб дода, боварӣ ҳосил кард, ки он аз як тараф имкон медиҳад, ки дониши сатҳи муайян танҳо дар асоси фаъолияти маърифатии хонандаи ҳамон сатҳ санҷида шавад ва аз тарафи дигар, иҷрои он танҳо дар асоси мазмуни омӯзиши қаблӣ таъмин карда шавад.

Талаботи дуюм, ки ҳангоми таҳияи супориши тест ба назар гирифта шудааст, ин фаҳмиши умумии он аст. Он чунин ташаккули вазифаро дар бар мегирад, ки фаҳмиши хонандагонро дар бораи он, ки кадом фаъолият бояд иҷро карда шавад, кадом дониш ва чӣ қадар бояд истифода шавад, таъмин мекунад.

Барои татбиқи ин талабот, муаллим тестро дар як қатор пурсишҳои пайдарпайи донишҷӯён санҷид.

Талаботи сеюм доир ба усули таҳияи тест аз он иборат аст, ки имконоти баҳоҳои якхела аз иҷроиши супоришҳо аз ҷониби муаллимони мухталифро муайян менамояд.

Барои амалигардонии ин талабот омӯзгор меъёри иҷроиши супоришҳои

тестии барои ҳамаи тафтишкунандагон заруриро таҳия менамояд, баъзе воҳидҳоро махсус ҷудо мекунад, ки имкони коркарди натиҷаҳои санҷиши донишро фароҳам меорад.

Ниҳоят, талаботи чорум дар маҳдудияти супоришоти тест дар як сатҳи фаҳмиши фаъолият (пурра муайян) ифода меёбад. Ин талабот аз тарафи омӯзгорон ба тоъри шакли мушаххаси нишондод барои иҷрои супоришот амалӣ карда шуд. Барои назорати сифати ташкил ва банақшагирии фаъолияти муҳассилин аз рӯйи супоришоти инфиродӣ, ҳамчунин мунтазам ташкил намудани пурсишнома (анкета) муҳим мебошад. Аз рӯйи натиҷаҳои анкетагузаронӣ аҳамияти ин ё он намуди супоришҳои инфиродӣ, шаклҳои корҳои ташкилӣ, дурустӣ ва аҳамияти онро дар ҷараёни таълим муайян кардан мумкин аст.

Дар охир, бояд масъалаи муайян намудани мазмуну мундариҷаи (андоза ва шакл) супоришоти инфиродӣ ва сатҳи фаъолияти дарккунии барои иҷрои онҳо лозимаро ҳал намуд. Ин ҷо, чи хеле ки таҳлилҳо нишон медиҳанд аз фаҳмиши зерин баромадан мувофиқи мақсад мебошад. Ҳар як хонанда дар натиҷаи омӯзиш бояд дониши пешбининамудаи барномаро аз худ кунад.

Ҳамчунин мазмуну мухтавои супоришоти инфиродӣ бояд қисме аз мундариҷаи мавзуъҳо ва ё худ бахши фанни таълимиро дар бар гирад. Дар як вақт, хусусияти пешниҳоди мазмуни супоришот, ҳаҷми он, сохт ва фаъолияти барои иҷрои он зарурӣ бояд муайян ва аз тарафи муаллим бо назардошти хусусиятҳои инфиродии он хонандагон, ки маҳз барои онҳо тартиб дода шудаанд, пешниҳод карда шавад. Бо ин, бояд иштироки бевоситаи (шахсӣ) омӯзгор барои роҳбарӣ ба фаъолияти маърифатии хонандагон муайян гардад.

Ҳамин тариқ, амалинамоии талаботи таҳияшуда имкон медиҳад, то фаъолияти хонанда роҷеъ ба иҷрои супоришоти инфиродиро қисми системаи корҳои мустақилона, ки дар навбати худ бахше аз раванди таълим аст, маҳсуб донем. Тамоми ин ҷараён ба системаи мониторинги омӯзгорӣ ворид карда шудааст (ниг.ба ҷадвли 8).

**Ҷадвали 8. Низоми мониторинги педагогӣ**




## 3.3. Натиҷа ва самарабахшии технологияи таҳияшудаи ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълим

Консепсияҳои муосири таҳсилот аз афзалияти мақсади тарбия ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда дар асоси ташаккули фаъолияти таълимӣ бармеоянд. Барои фаъолсозии хонанда, ба субъекти фаъоли раванди таълим мубадал гардонидани он, барои баланд бардоштани шаќу завқ ба омӯзиш зарур аст, ки шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Вобаста ба хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонанда раванди таълим бояд гуногунҷабҳа бошад. Аз ин рӯ, дар раванди таълим бояд муносибати инфиродӣ татбиқ карда шавад.

Воситаи муҳимтарини муносибати инфиродии хонандагон таълими тафриқа ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи бархе аз олимон ҳамон раванди таълим тафриқавӣ ҳисобида мешавад, ки “барои он ба назар гирифтани фарқиятҳои

маъмули инфиродии хонандагон хос бошад” [9]. Дар раванди фаъолияти таълимӣ бо хонандагон ду меъёри мавҷудаи таълими тафриқавиро ба кор бурдан ба мақсад мувофиқ аст: равшаниандозӣ ва омӯзиш.

Мутахассисони соҳаи илми психология чунин ақида меронанд, ки , равшаниандозӣ ин натиҷаи омӯзиши пешинае ба ҳисоб меравад, яъне он аломатҳои рушди равандҳои психикии хонандаест, ки то ин дам дар ӯ ташаккул ёфта буд. Аломатҳои равшаниандозӣ ба сифати дараҷаи азхудкунии дониш, бавуҷуд овардани маҳорату малака чун: идрокнамоӣ, ҷамъбасткунӣ, роҳу усулҳои ба даст овардани онҳо, метавонад хизмат кунад.

Дар асарҳои илмии олимон – педагогони маъруф Б.Г.Ананев, Н.А.Менчинская, З.И.Калмикова, А.К.Маркова ва дигарон мафҳуми “омӯзиш” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. “Омӯзиш ҳамчун қудрату тавоноии маърифатии хонанда ба азхудкунии донишҳои нав ва методҳои ба даст овардани онҳо, омодагӣ ба гузаштан ба сатҳҳои нави рушди ақлӣ” (А.К.Маркова), “ҳамчун мутаносибии хусусиятҳои зеҳнии шахсият, ки муваффақияти таълим дар ҳама шароити баробар аз он вобаста будан, шарҳ дода мешавад” (З.И. Калмикова) [2].

Равшаниандозӣ агар баёнгари рушди воқеӣ ба ҳисоб равад, яъне он чизе, ки хонанда кайҳо ба даст овардааст, он гоҳ омӯзиш баёнгари рушди эҳтимолии он ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи ин нуктаҳо, мафҳуми омӯзиш ба мафҳуми минтақаи рушди наздиктарин, ки олим – психологи рус Л.С.Виготский пешниҳод намудааст, наздик аст. Аломатҳои асосии дараҷаи баланди омӯзишӣ мутаассиршавандагӣ ба кӯмаки шахси дигар, лаёқати интиқол, худомӯзӣ, қобилияти корӣ ба ҳисоб меравад.

Таълими тафриқавӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ – ин шакли раванди таълимие ба ҳисоб меравад, ки дар он хусусиятҳои инфиродии хонандаи алоҳида ҳангоми ташкили корҳои омӯзишӣ дар раванди дарс, дар синфи конкретӣ ба назар гирифта мешаванд, яъне хонандагони дорои дараҷаи гуногуни равшаниандозӣ махсус ба гуруҳҳои таълимии “А”, “В”, “С” аз рӯи нишондиҳандаҳои зерини инфиродӣ иттиҳод карда мешаванд:

Ба гурӯҳи “А” хонандагони дорои ҳавасмандиашон баланд, хонандагони болаёқат муттаҳид карда мешаванд, ки онҳо ба осонӣ уҳдадориҳои ҷавобгӯи Стандарти таҳсилотро ба иҷро мерасонанд;

Ба гурӯҳи “В” хонандагони ҳавасманд муттаҳид карда мешаванд, ки фанни таълимиро бо хубӣ аз худ мекунанд, аммо баъзан – баъзан ҳангоми иҷрои ин ё он амалҳои кори санҷишии ба Стандарти таҳсилот ҷавобгӯ ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд;

Ба гурӯҳи “С” бошад хонандагони “ҳавасмандиашон паст” муттаҳид карда мешаванд, ки бештарашон кӯшиш ба омӯхтани фанни таълимиро надоранд ё умуман ягон чиро аз худ намекунанд.

Ба меъёрҳои интихоби хонандагон ба ин ё он дараҷа (гурӯҳҳои “А”, “В”, “С”) натиҷаҳои санҷиши тестие, ки ба мавод, вазифаҳо ва талаботи сатҳи зхудкунии забони англисӣ дар зинаҳои алоҳидаи таълим асос ёфтаанд, хизмат мекунад.

Дар раванди омӯзиш хоҳиши ҳар як хонандаро ба назари эътибор гирифтан ҳатмист, агар хонанда хоҳад, ки аз гурӯҳи “С” (аз рӯи тақсимбандии муаллим, дар асоси натиҷаҳои санҷиши тестӣ) ба гурӯҳи “В” гузарад, бояд ба ӯ шароит фароҳам оварда шавад, аммо на баръакс.

Ба хонанда дар раванди омӯзиш бояд имконият дода шавад, ки ҷавобгарии мустақилона муайян кардани дараҷаи азхудкунӣ ва мураккабии маводи таълимиро вобаста ба ниёзҳои инфиродии худ ба дӯш гирад, чунки ин ба ҳавасмандии омӯзиш ба забони англисӣ таъсири амиқ хоҳад расонд, аммо набояд ҳеҷ гоҳ аз рӯйи кина ба кам кардани қобилияти донишазхудкунии онҳо иҷозат дода шавад.

Вазифаи басо муҳимми таълими тафриқавӣ - инфиродӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ ин қаноатманд гардонии эҳтиёҷоти маърифатии ҳам хонандагони дорои дараҷаи баланд ва ҳам дорои дараҷаи паст бо ба инобатгирии омодагӣ ва хусусиятҳои инфиродии ҳар яки онҳо ҳисобида мешаванд.

Ҳамин тавр, инфиродикунонии раванди таълим метавонад дар се шакл ташкил карда шавад: фронталӣ, гуруҳӣ ва инфиродӣ.

Дар шакли фронталии кор муаллим аввал матни дорои мураккабии гуногунро ба таври баёни шифоҳӣ пешкаш мекунад, яъне аввал маводро соддатар баён карда, сипас онро мураккаб мегардонад, суҳбати муқаддимавӣ мегузаронад, ки дар он хонандагонро ҳушдор медиҳад, ки муаммо созанд ва ба ин васила дониши худро бо назардошти фарқияти хусусиятҳои инфиродӣ дар бозии накшофарӣ, муҳокимарониҳои аз барнома берун нишон диҳанд.

Дар раванди таълим кори гуруҳӣ бо мақсади фаъолгардонии хонандагон ба омӯзиш истифода бурда мешавад. Дар гуруҳи хурд кор карда истода, хонанда метавонад андешаи худро баён кунад, дар муайянкунии вазифаҳои таълимӣ мувофиқ ба майлу рағбат ва лаёқатҳои худ ба таври фаъол иштирок кунад.

Дар раванди таълим аз тарафи муаллим ба вуҷуд овардани муносибати тафриқавии дохилисинфӣ якчанд марҳиларо фарогир мебошад:

1. Амиқ намудани андозае, ки дар асоси он хонандагон барои кори тафриқавӣ ба гуруҳҳо ҷудо карда мешаванд.

2. Аз рӯйи андозаи амиқкардашуда, гузаронидани ташхис.

3. Вобаста ба натиҷаи ташхиси гузаронидашуда, ба гуруҳҳо ҷудо кардани хонандагон.

4. Барои ташкили гуруҳҳои хонандагон, таҳия намудани супоришҳои дорои дараҷаи гуногун, интихоби шакли тафриқа.

5. Ба хонандагон роҳандозӣ намудани таълими тафриқавӣ дар марҳилаҳои гуногуни дарс.

6. Дар мувофиқа бо он, ки қисмати гуруҳҳо ва хосияти вазифаҳои муносибати тафриқавӣ, ки метавонад тағйир ёбад, назорати ташхисӣ бурдани кори хонандагон.

Тавассути роҳу усулҳои гуногуни бароҳмонии фаъолияти хонандагон ва супоришҳои умумӣ, муаллим метавонад тафриқасозӣ намояд бо:

а) сатҳи мустақилияти хонандагон;

б) аломатҳои кӯмак ба хонандагон;

в) шакли амалҳои омӯзиш.

Дар раванди омӯзиш усулҳои тафриқавӣ метавонанд бо ҳам омехта шаванд ва ба хонандагон аз рӯйи хосташон вазифаҳо пешниҳод карда шаванд.

1. Вобаста ба дараҷаи эҷодкорӣ тафриқасозии вазифаҳои таълимӣ. Ин навъи тафриқасозӣ фарқ кардани хусусияти раванди маърифатии хонандагонро дар назар дорад, ки метавонад ба ёдоварӣ ё эҷодӣ бошад. Ба вазифаҳои ба ёдоварӣ мансуб дониста мешаванд: аз қабили посух гардонидан ба саволҳои мавзуъҳои хуб азхудкардашуда. Дар ин ҳангом аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки дониши гирифтаро боз такрор карда онро дар вазъияти шинос истифода баранд, аз рӯйи намунаи муаллим кор кунанд, вобаста ба мавзуъ машқҳоро иҷро кунанд.

Ба вазифаҳои эҷодӣ машқҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки аз машқҳои стандартӣ фарқ мекунанд. Дар ин вақт хонандагонро лозим меояд, ки дониши андӯхтаи худро дар вазъияти дигар ё барои ӯ ношинос истифода баранд, амалҳои фикрӣ (тартиб додани ҷумла вобаста ба мавзуъ), натиҷаи нав (тартиб додани ҷумла бо истифода аз калимаҳои додашуда) эҷод кунанд. Дар натиҷаи ин кор дар вазифаҳои эҷодӣ, хонандагон таҷрибаи фаъолияти эҷодкориро ба даст меоранд.

Дар раванди омӯзиш, муносибати тафриқавӣ бо роҳу усулҳои гуногун ташкил карда мешаванд. Дар бештар маврид ба хонандагони дорои дараҷаи пасти омӯзишӣ супоришҳои ба ёдоварӣ ва ба хонандагони дорои дараҷаи миёна ва ба дараҷаи баланд бошад супоришҳои эҷодӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар баробари ин ба ҳамаи хонандагон супоришҳои эҷодӣ пешниҳод кардан мумкин аст. Аммо дар ин вақт ба хонандагони дараҷаи пасти омӯзиш дошта ҳамон вазифаҳое бо асосҳои эҷодӣ дода мешаванд, ки дар иҷрои онҳо донишро дар вазъияти дигаршуда истифода бурда тавонад барои дигарон бошад вазифаҳои эҷодӣ барои истифода бурдани дониш дар вазъияти нав дода мешавад.

2. Тафриқасозии вазифаҳои таълимӣ вобаста ба дараҷаи мураккабӣ. Чунин тарзи тафриқасозӣ шаклҳои зерини мураккабии вазифаҳоро барои хонандагони дорои дараҷаи баланди омӯзиш пешбинӣ мекунад:

- мураккаб кардани маводи омӯзиш: масалан, дар супориш барои гурӯҳҳои 1 - ум ва 2 - юм вазифаҳо бо истифода аз як замони грамматикӣ ва барои гурӯҳи 3 – юм бошад ду ё зиёда замони грамматикӣ истифода мешаванд;

- зиёд намудани ҳаҷми маводи омӯхташуда: зиёд шудани миқдори марҳилаҳои супоришҳо, кори мустақилона оид ба омӯзиши мавзуи мушаххас;

- ба иҷро расонидани амали муқоиса дар илова ба вазифаи асосӣ: муқоисаи замонҳои Present Simple ва Present Continuous, системаи маорифи Тоҷикистон ва Британиёи Кабирро муқоиса кардан;

- истифодаи вазифаи бархилоф ба ҷои вазифаи маъмул.

3. Тафриқасозии вазифаҳо вобаста ба ҳаҷми маводи таълимӣ. Ин тарзи тафриқасозӣ пешбинӣ мекунад, ки хонандагони гурӯҳҳои 2 - юм ва 3 - юм ғайр аз вазифаи асосӣ боз вазифаи иловагиро низ иҷро мекунанд, ки ба вазифаи асосӣ монандӣ дорад.

Зарурати тафриқасозӣ намудани вазифаҳо вобаста ба ҳаҷм ба суръати гуногуни кори хонандагон вобастагӣ дорад. Хонандагони сустхон ва ҳамзамон хонандагони дорои дараҷаи пасти омӯзиш одатан ҳангоми гузаронидани санҷиши фронталӣ барои иҷрои кори мустақилона вақташон намерасад ва барои ин, онҳо вақти иловагӣ талаб мекунанд. Дигар хонандагон вақти иловагиро барои иҷрои вазифаи алоҳида сарф мекунанд, ки барои ҳамаи хонандагон иҷрои он ҳатмӣ нест.

Аз рӯйи қоида, тафриқасозӣ вобаста ба ҳаҷм бо дигар тарзҳои муносибати тафриқавӣ якҷоя карда мешавад. Дар якҷоякунии тарзҳои тафриқасозӣ ба сифати иловагӣ вазифаҳои эҷодӣ ё мураккаб, ҳамчунин вазифаҳое, ки вобаста ба мундариҷаи маводи омӯзиш бо вазифаи асосӣ алоқамандӣ надошта пешниҳод карда мешаванд. Супоришҳои иловагӣ метавонанд вазифаҳои зеҳнӣ, ғайристандартии хусусияти бозидошта бошанд. Чунин вазифаҳоро ба хонандагон бо истифода аз пешниҳод намудани супоришҳо дар шакли варақаҳои бурида, сканвордҳо ва тестҳои шавқовар оид ба кишваршиносӣ метавон инфиродӣ кард.

4. Тафриқасозии фаъолияти таълимӣ вобаста ба сатҳи мустақилияти хонандагон. Дар чунин тарзи тафриқсозӣ дар супоришҳои таълимӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон фарқият пешбинӣ карда намешавад. Дар ин ҳолат тамоми хонандагони синф машқҳои якхеларо иҷро мекунанд, аммо баъзе аз онҳо таҳти роҳбарии муаллим иҷро мекунанду баъзеи дигар мустақилона машқро иҷро мекунанд.

Чун одат чунин кор ба таври зерин ба роҳ монда мешавад. Дар марҳилаи ташкилӣ, хонандагон бо муҳтавои супориш шинос шуда, маъно ва тарзи иҷрои онро ҷустуҷӯй мекунанд. Баъдан, баъзе хонандагон ба таври мустақилона ба иҷро расонидани супориш майл мекунанд, дигарон бо кӯмаки муаллим тарзи ҳалли муаммо ё намунаи пешниҳодшударо таҳлил карда, машқро қисм - қисм иҷро мекунанд. Ин одатан, барои қисми алоҳидаи хонандагон, ки мустақилона ба кор шуруъ кунанд басанда аст. Он хонандагоне, ки дар иҷрои супориш ба душворӣ дучор мешаванд (одатан хонандагони гуруҳи 1 -ум яъне, хонандагони дорои дараҷаи пасти омӯзиш), ҳамаи вазифаҳоро бо роҳбарии муаллим иҷро мекунанд. Дар охир аз рӯйи иҷрои супориш марҳилаи санҷишӣ гузаронида мешавад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки сатҳи мустақилиятнокии хонандагон гуногун аст. Дар раванди омӯзиш ба гуруҳи 3 - юм кори мустақилона, ба гурӯҳи 2-юм кори ниммустақил ва ба гуруҳи 3 – юм кори фронталӣ бо роҳбарии муаллим пешниҳод карда мешавад. Худи хонандагон муайян менамоянд, ки дар кадом маврид бояд мустақилона ба иҷрои вазифаи пешниҳодшуда шуруъ кунанд. Онҳо метавонанд дар вақти зарурӣ, ба кор таҳти роҳбарии муаллим баргарданд.

5. Тафриқасозии кор вобаста ба хусусияти кӯмак ба хонандагон. Ин навъи усул, бо фарқшавандагӣ аз тафриқасозии сатҳи мустақилиятнокӣ, фароҳам овардани кори фронталиро бо роҳбарии муаллим пешбинӣ намекунад. Хонандагон бо тезӣ ба иҷрои кори мустақилона майл мекунанд. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона ба хонандагоне, ки ба душворӣ дучор мешуданд, кӯмаки амалӣ расонида мешавад.

Дар ин маврид метавон намудҳои гуногуни кӯмак ба хонандагонро истифода бурд:

- иҷрои вазифа аз рӯйи намуна: пешниҳод намудани тарзи ҳалли масъала, намунаи андешаронӣ: масалан, намунаи навиштани нома ва ороиши он:

- маълумотномаҳои назариявӣ, схемаҳо, ҷадвалҳо ва ғайра;

- навиштаҳо, нақшаҳо, воситаҳо: масалан, қоидаи истифодаи ин ё он замони грамматикӣ;

- воситаҳои аёнӣ, тасвирҳо, моделҳо: масалан, дар шакли расм, асбобҳои ҳаҷмии аёнӣ ва ғайра;

- ташхиси иловагии вазифа: масалан, шарҳи калимаҳои алоҳида; ишора ба ягон ҷузъиёти муҳим, аломат;

- саволҳои ёрирасон, дастурҳои саҳеҳ ё бавосита оид ба иҷрои супориш;

- нақшаи иҷрои вазифа;

- оғоз ё қисман иҷро кардани он.

Якчанд намудҳои гуногуни кӯмак ба хонандагон дар вақти иҷрои як супориш аз тарафи хонанда дар бештар маврид бо ҳам якҷоя карда мешаванд. Мо бароҳмонии кори мустақилонаи зеринро бештар мувофиқи мақсад мешуморем. Хонандагоне, ки дорои сатҳи миёнаи омӯзишанд супоришҳоро аз китоби дарсӣ бо таври мустақилона иҷро мекунанд. Хонандагоне, ки дорои сатҳи пасти омӯзишанд вазифаро бо роҳбарии муаллим ё мустақилона тавассути воситаҳои аёнӣ иҷро мекунанд. Ба хонандагоне, ки дорои сатҳи баланди омӯзишанд супориши эҷодӣ ё нисбат ба китоби дарсӣ супориши каме мураккаб пешниҳод карда мешавад.

Дар китобҳои дарсии ҳозира бештар вазифаҳо тавре сохта шудаанд, ки ҳам қисмати эҷодӣ ва ҳам қисмати каммаҳсулро дар бар мегиранд, бадин хотир имконияти истифодаи тафриқсозӣ аз рӯи дараҷаи эҷодкорӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Муаллифоне ҳастанд, ки дар китобҳои дарсии худ шумораи зиёди вазифаҳоро пешниҳод менамоянд, ки имкон медиҳад, то ки вобаста ба ҳаҷми маводи таълимӣ тафриқабандӣ карда шавад.

Муносибати тафриқавӣ - ин асоси низоми омӯзиши инфиродӣ буда, имкон медиҳад, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонанда ба назар гирифта шуда, барои рушд додани имкониятҳои эҳтимолии ӯ бартараф кардани камбудӣ шароит фароҳам оварда шавад.

Дар шароити кунунии таҳсилот якчанд самтҳои таълим тафриқавӣ муайян

карда шудаанд:

- бо мақсадҳои таълимӣ;
- вобаста ба сатҳи иҷрои вазифаҳои таълимӣ;
- вобаста ба вақти таълим ва вақти иҷрои вазифаҳо;
- вобаста ба мундариҷаи таълим;
- вобаста ба пайдарпаии маводи таълимӣ;
- вобаста ба сохтори маводи таълимӣ;
- вобаста ба муносибат ба таълим;
- вобаста ба шаклҳои фаъолияти таълимӣ;
- вобаста ба усули истифодаи вазифаҳо;
- вобаста ба арзёбии фаъолият.

Ҳамин тавр, технологияи муносибати тафриқавӣ чунин назарияи системаи омӯзиш мебошад, ки хонандагон дар асоси ягон аломат ба гуруҳҳои хурди дохили синфӣ - тафриқасозии дохилӣ ё ба синфҳои пурра, ҳатто мактаб - тафриқасозии беруна муттаҳид карда мешаванд. Ин муносибат барои ҳамаи хонандагон азхуд кардани донишҳои асосиро кафолат дода, ҳамзамон татбиқ намудани майлу рағбат ва лаёқати худ имконият фароҳам меорад.

Вазифаи авалиндараҷаи муносибати тафриқавӣ ба фаъолият ҷалб намудани ҳар як хонанда, кӯмак расонидан ба сустонҳо ва рушд додани лаёқати пешсафон ба ҳисоб меравад. Муносибати тафриқавӣ вобаста ба дараҷаи равшаниандозӣ ба гуруҳҳо тақсимкунии пешакиро талаб мекунад.

Ба гуруҳи 1 – ум хонандагони пешсаф бо дараҷаи баланди азхудкунӣ, бо лаёқати баланди маърифатӣ, ки мустақилона кор карда метавонанд дохил мешаванд, ки онҳо вазифаҳои ғайримуқаррариро мегиранд.

Ба гуруҳи 2 – юм хонандагони дорои дараҷаи миёнаи азхудкунӣ дохил мешаванд. Барои муваффақият дар инкишоф ва барои оҳиста - оҳиста ба гуруҳи 1 – ум гузаштани онҳо шароит муҳайё намудан зарур аст. Ҳангоми кор бо ин гуруҳ бояд, ба рушди лаёқати онҳо ба тарбияи мустақилиятнокӣ ва ба боварӣ ба қудрати худ бештар диққат дода шавад.

Ба гуруҳи 3 – юм хонандагоне, ки дар натиҷаи лаёқати пасти худ дорои нишондиҳандаҳои пасти азхудкунианд, дохил мешаванд. Бо ин гуруҳ, барои азхуд намудани маводи таълимӣ эътибори хоса дода, дастгирӣ намуда, кӯмак

расонидан лозим аст, дар рафти дарс вақте, ки хонандагони гурӯҳи 1 – ум ва 2 – юм кори мустақилона мекунанд, якчанд лаҳза фақат бо онҳо кор кардан даркор аст.

Ба таври тахминӣ намунаи дарсро дар технологияи муносибати тафриқавӣ чунин пешкаш намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 9. Намунаи дарс дар технологияи муносибати тафриқавӣ**

| қисмати дарс | гурӯҳ | Муҳтавои фаъолият | Замон |
|---|---|---|---|
| 1 | аҳли синф | Якҷоя муайян намудани мақсад ва вазифаҳо. | 2 дақ. |
| 2 | аҳли синф | Тайёрии пешакӣ ба забоншиносӣ (муродифҳо, мутазодҳо; бозӣ, кор бо луғат). | 3 дақ. |
| 3 | ҳамаи гуруҳҳо | Мустаҳкамкунии тафриқавии маводҳои даркорӣ. (пурсиши вазифаи хонагӣ, такрори такягоҳӣ барои азхудкунии мавзуи нав). | 7 дақ. |
| 4 | аҳли синф | Баёни мавзуи нав бо такя ба мавзуи гузашта. | 7 дақ. |
| 5 | аҳли синф, ҳамаи гуруҳҳо | Намунаи шарҳу эзоҳ аз рӯйи нақша бо истифода аз ишораҳои графикӣ, мисолҳо ва мустаҳкамкуниву ҷамъбаст ( шарҳи такрор барои гурӯҳи 3 дар вақти зарурӣ). | 5 дақ. |
| 6 | ҳамаи гуруҳҳо | Корҳои ҷамъбастӣ (кори инфиродӣ бо хонандагони гурӯҳи 3 - юм). Бо иштироки ҳама ба роҳ мондани санҷиши кори ҳар як гурӯҳ. | 8 дақ. |
| 7 | аҳли синф | Санҷиши умумии натиҷаҳо: кори мустақилона. | 8 дақ. |
| 8 | аҳли синф | Ба роҳ мондани санҷиши супоришҳои алоҳида. | 2 дақ. |
| 9 | ҳамаи гуруҳҳо | Супориши вазифаи хонагии тафриқакардашуда. | 3 дақ. |

Ҳамин тавр, технологияи муносибати тафриқавӣ маҷмуи корҳои ташкилӣ, воситаҳо ва усулҳои таълими тафриқавиеро, ки қисми асосии раванди таълимро фаро мегирад, ифода мекунад.

Самаранокии истифодаи вазифаҳои тафриқавӣ ифода меёбад:

- азхудкунии равиши сатҳӣ ба муаллим имкон медиҳад, ки ташхис гузаронад ва динамикаи рушди зеҳнии хонандагонро назорат кунад;

- хусусияти инфиродии хонандагонро ба ҳисоб гирифтан имкон фароҳам меорад, то ки вазифаҳо тавре тартиб дода шаванд, ки ба татбиқи имкониятҳои хонандаи алоҳида дар доираи башахсият нигаронидашуда бошад;

- вазифаи тафриқашуда бояд пай дар пай истифода шаванд, зеро танҳо дар ин ҳолат татбиқ намудан самараи хуб медиҳад.

Дар соҳаи рушди амалҳои банизомдарорандаи ҳамаҷиҳатаи таълимӣ дар технологияи муносибати тафриқавӣ ба рушди фаъолияти мақсаднок, аз қабили лаёқати гузоштани мақсад ва вазифаҳои нави таълимӣ дар сатҳи худ, банақшагирии амалӣ намудани онҳо, дарёфти роҳҳо ва усулҳои самарабахши ба мақсад ноил шудан, назорат ва натиҷабардории фаъолияти худ ҳам аз рӯи натиҷа ва ҳам аз рӯи тарзи амал афзалият дода мешавад.

Дар соҳаи рушди фаъолияти коммуникативии раванди таълимӣ ба рушди маҳорату малакаҳои кор дар гуруҳ кор карда тавонистан ва ба даст овардани чунин таҷрибаи корӣ, азхудкунии амалии қонуниятҳои ахлоқӣ, қонуниятҳои психологии муошират ва ташкили ҳамкорӣ диққати хоса зоҳир карда мешавад. Дар натиҷа амалҳои омӯзиши коммуникативӣ ташаккул меёбанд, ки ин салоҳияти иҷтимоӣ, ба назар гирифтани нуқтаи назари одамони дигар, ҳамшарики муошират ё фаъолият будан, маҳорати гӯш карда тавонистан ва ба муколама дохил шудан, дар муҳокимаи дастаҷамъонаи муаммо иштирок карданро таъмин мекунанд.

Дар раванди рушди фаъолияти умумии таълимии шахсӣ, технологияи муносибати тафриқавӣ лаёқати инфиродии хонандаи алоҳидаро инкишоф медиҳад, мустақилона ба мақсади дар пеш гузошташуда дар фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ расиданро ҳидоят менамояд, худмуайянкунии сатҳи дониш, худидоракунии фаъолияти таълимиро дар дарс меомӯзонад. Дар натиҷа ҳатто хонандаи сустхону бепарво ба омӯзиш низ ба комёбиҳои худ завқмандӣ зоҳир намуда, ба муваффақият ноил мегардад, барои азхудкунии босифати маводи таълимро таъмин намудан кӯшиш ба харҷ медиҳад, ба мустақилона азхудкунии дониш водор месозад.

Дар соҳаи рушди фаъолияти умумии таълимии маърифатӣ ба ҷустуҷӯ

намудани иттилооти зарурӣ; лаёқати сохторбандӣ намудани дониш, шуурона ва бо рағбат ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ баён намудани нутқ; назорат ва арзёбӣ намудани раванди фаъолият дар сатҳи худ, диққати махсус дода мешавад.

Муносибати тафриқавӣ ба хонандагон дар раванди дарс - ин шарти асосии омӯзиши бомуваффақияти минбаъда мебошад. Технологияи таълими тафриқавӣ, ин маҷмуи усулҳо ва шаклҳои таълим, амалиёти муайян барои ноил гардидан ба натиҷаи зарурии таълим дар гуруҳҳои алоҳидаи синф мебошад.

Бо истифода аз таълими тафриқавӣ, фаъолияти умумии таълимии ҳар як хонанда бо ба инобатгирии имконият ва лаёқати он бомуваффақият рушд меёбанд. Муносибати тафриқавӣ ба рушди ба ҳам мувофиқи худбаҳодиҳии хонандагон мусоидат намуда, онҳоро ба фаъолияти таълимӣ ташвиқ мекунад, ба ҳар як хонанда барои ташаккул додани траекторияи инфиродии рушди таълим ба қувваи худ бовар кардан кӯмак мерасонад.

Рушди салоҳияти коммуникативӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ вазифаи басо муҳими муаллими муосир ба ҳисоб меравад, зеро забони хориҷӣ ҳам дар шароити кунуни ҷомеа ба монанди забони модарӣ, воситаи муоширати нутқӣ байни оламиён ба ҳисоб меравад. Омӯзонидани забони хориҷӣ бо дарназардошти барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар синфҳои V - IX бо 3 соат ва дар синфҳои X - XI бо 2 соат, ҳамчун воситаи муошират хеле мушкил аст. Ҳамагон медонанд, ки шумораи хонандагон дар синф нобаробар яъне, дар синф хонандагони дорои қобилиятҳои гуногуни ақлӣ, маълумоти табиӣ, шавқу завқи гуногун дошта мавҷуданд, бинобар ин яке аз масъалаҳои бисёр ҳам муҳими таълими забонҳои хориҷӣ дар синф ҷорӣ намудан таълими тафриқавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд мушкилоти асосии муаллим пайдо намудани шаклҳои инфиродӣ, гуруҳӣ ва фронталии вобастакунии кор дар дарс ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин вазифаи соддатар: муайян кардани хусусиятҳои инфиродии шахсияти хонанда ва дар ин асос ба роҳ мондани фаъолияти омӯзгор, ки ба рушди равандҳои маърифатии хонанда равона шудааст, ба ҳисоб меравад. Ба ин сатҳи гуногуни омодагии хонандагон далел шуда метавонад.

Барои амиқ намудани сабабҳои нобаробар донишазхудкунии хонандагон дар синф, сабабҳои қафомонии ҳар як хонандаро муайян карда, онҳоро фаҳмидани зарур аст. Ин сабабҳо ҳар хел буда метавонанд: аз сабаби бемор ӣ ба дарс ҳозир нашудан, бепаровӣ ба дарс, шарҳу эзоҳи муаллимро дарк карда натавонистан.

Дар бештар маврид тафриқасозӣ дар таълими забони хориҷӣ на ба хусусиятҳои инфиродии шахсияти хонанда, балки ба масъалаи инфиродӣ дар дониши ӯ асос меёбад. Муҳимтар аз ҳама набояд фаромуш кард, ки барои омӯзиши забони хориҷӣ хонандагон лаёқати якхела надоранд: ба яке он ба осонӣ ва ба дигаре бо машаққати зиёд пешниҳод карда мешавад. Бояд қайд намоем, ки маводи таълимӣ дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиш метавонад аз тарафи хонандагони як синф бо таври гуногун азхуд карда шавад: баъзеҳо бо сабаби хотираи механикии хуб доштаашон қисмати лексикаро ба осонӣ аз худ мекунанд, дигарон, ки дорои қобилияти хуби шунавоӣ ҳастанд, бомуваффақият аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои шунавидаашон баромада метавонанд. Ғайр аз ин, гуфтан ҷоиз аст, ки хонандагони дорои захираи гуногуни тафаккура низ ҳастанд. Омӯзиши манфиатҳо ва майли хонандагон, имкониятҳои таълимии онҳо, ҳамзамон таҳлили дурнамои рушди ин имкониятҳо бояд дар таълими тафриқавии омӯзиши забони хориҷӣ ба сифати нуқтаи ибтидоӣ хизмат кунад.

Тафриқа дар омӯзиш бо инфиродикунонии хонандагон вобастагии зич дорад. Мутаассифона, на ҳама вақт ҳамаи хонандагон маводи барномаи таълимиро пурра аз худ намекунанд, гарчанд муаллим кӯшиш менамояд, ки онро ба хонандагон расонида бошад,

Мо чунин мепиндоем, ки аз кӯшишҳои худ бе ба нақша гирифтани ҳар як дарс ва ҳатто ҳар як марҳилаи он, самараи хуб ба даст овардан ғайриимкон аст. Барои ҳалли масъалаи мазкур бисёр муҳим аст, ки фақат хусусиятҳои шахсияти ҳар як хонандаро ба ҳисоб гирифта гирифта, ба инфиродикунонии шахсӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ равона карда шавад. Бо сарфи назар кардан ба инфиродикунонии шахсӣ, ҷудо кардани фаъолияти нутқ аз ҳиссиёт, андешаҳо, завқи воқеӣ, яъне аз муносибати таҷрибавии шахс ба воқеият, мо хонандагонро

водор месозем, ки забонро на ҳамчун воситаи муошират, балки ҳамчун системаи расмӣ ҳисоб намояд.

Инфиродикунонии шахсӣ дар омӯзиш ба ҳисоб мегирад:

1. Мазмуни фаъолияти таълимгиранда;

2. Таҷрибаи ҳаётии хонанда;

3. Соҳаи шавқу завқ, хоҳишҳо, майлҳо;

4. Ҷаҳонбинии илмии шахсӣ;

5. Соҳаи эҳсосот;

6. Мавқеи шахс дар коллектив (мақоми хонанда дар байни ҳамсинфон, таваҷҷуҳи байниҳамдигарӣ барои барпо кардани шарикони нутқӣ, муайян намудани пешбар дар гуруҳҳои нутқӣ).

Ҷузъиёти номбаршудаи зерсохтори шахсии фардият ҳамчун манъбаи истифодаи усулҳои фардикунонии омӯзиш, аз ҷумла забони хориҷӣ хизмат мекунад. Фардикунонӣ наметавонад ҳамчун муносибати якдафъаина дар ҳама гуна марҳилаи азхудкунии маводи таълимӣ ва нисбат ба ягон гуруҳи алоҳидаи хонандагон баромад намояд. Вай тамоми раванди таълими забони хориҷиро бояд дарбар гирад. Фардикунонӣ бояд ба хонанда, барои рушди лаёқати ӯ ба фаъолияти нутқии забони хориҷӣ хизмат кунад.

Мо таҳқиқот гузаронида истода, муайян намудем, ки дар хонандагони синф мушкилоти муайяни гӯш кардан ба вуҷуд меоянд. Хонандагон маънои умумии фикри баёншударо дарк карда наметавонанд, ба саволҳо оид ба маводи шунидашуда ҷавоб дода наметавонанд, ҳатто хонандагони аълохон душворӣ мекашанд. Муаллифони китоби дарсӣ усули гӯш кардани матнро дар такя бо дастгирии узви биноӣ пешниҳод кардаанд. Бо вуҷуди ин, мо азм кардем, ки гӯшкуниро бидуни такя анҷом диҳем, зеро хонандагон бояд ҳодисаҳои лексикӣ ва грамматикиро, бахусус ҳодисаҳоеро, ки нав омӯхтаанд, на танҳо аз рӯи амали биноӣ, балки аз рӯи амали шунавоӣ низ ёд гиранд. Пеш аз санҷиши шунавоӣ ҳамеша корҳои омодагӣ гузаронида мешуд, ки дар он ба хонандагон мушкилоте, ки ҳангоми гӯшкунӣ бевосита дучор мешаванд, фаҳмонда мешуданд. Масалан, дар варақча воҳиди луғавии ношинохт, номи қаҳрамонҳо

пешниҳод карда мешуданд, ки аввал пас аз муаллим, баъд мустақилона аз тарафи хонандагон талаффуз карда мешуд; ҷумлаҳои мураккаб ё дароз, ки боиси нофаҳмии мазмуни матн шуда метавонистанд, аз навори алоҳида шунида, аз ҷиҳати коркарди грамматикӣ ва интихоби воҳидҳои луғавӣ таҳлилу содда карда мешуданд.

Мехостем ин ҷо порчае аз дарси кор бо шунидани матн дар мавзуи "My Pets" бо таври мисол оварда бошем.

Чӣ хеле, ки дар боло зикр кардем, дараҷаи фаҳмиши хонандагони пешсаф ва сустхон гуногун аст. Вобаста ба ин , пас аз шунидани аввал аз хонандагони пешсаф ва миёна талаб карда мешуд, ки ба саволҳои асосӣ вобаста ба мундариҷаи матн ҷавоб диҳанд. Дар раванди ҷавоб ба саволҳо сотсиограммаи "Kate and her pet" мураттаб карда мешавад, ки минбаъд ба хонандагони сустхон дар нақли матн кӯмак мерасонад. Ҳамаи хонандагон дар таҳияи сотсиограмма иштирок мекунанд. So, answer my questions and help me to fill in "the sun":

Where does Kate live?

Has she got a pet? Who it is name?

How long has Rover been living with Kate's family?

Does she want to have another pet? Who is it?

Why can't she have another pet?

Баъдан, хонандагони сустхон ва миёна, маълумоти шунидаашонро мустақилона илова карда, дуюм маротиба матнро гӯш карда, бо ҷавоб додан ба саволҳои муаллим ва такя ба нақша мазмуни матнро нақл карданд: Now retell the story answering my questions. The scheme will help you.

1. Does Kate live in the house or in the flat?
2. Has she got a pet? Tell me about her pet.
3. Does she want to have one more pet?
4. Why do Kate's parents forbid her to have another pet?

Ҳамин тавр, ба кор ҳам хонандагони пешсаф, миёна ва сустхон ҷалб карда шуданд.

Дар қисмати лексика кор карда, ба хонандагони пешсаф ба ғайр аз

навиштани воҳидҳои лексикӣ дар луғат ва аз ёд кардани онҳо, баъзан супориш дода мешуд, ки бо калимаҳои додашуда ҷумлаҳо созанд ва ба хонандагони сустхон бошад, пешниҳод мекардем, ки машқҳои лексикиро ба монанди “Make up the sentences using the words below”, “Finish the sentences”, “Match the beginning and the end of the sentence” ва ба монанди инҳоро иҷро кунанд.

Мо чунин мепиндорем, ки барои изҳори равшани шахсияти хонандаи алоҳида барои азхуд намудани маҳорату малакаҳои нутқӣ, усули лоиҳавии таълим хеле самаранок аст. Ҳамин тавр, ҳангоми гузаронидани машғулият дар мавзуи “Мо барои сафар кардан ба Англия омодагӣ дида истодаем” дар синфҳои 6 - 8, мо якҷоя бо хонандагон муҳокима кардем, ки барои беҳтару хубтар ташкил намудани сафар чӣ гуна корро роҳандозӣ намоем, кори ғайриоддӣ анҷом диҳем, аз доираи китоби дарсӣ берун барем, хонандагонро бо хоҳиши баён кардани андешаи худ ба ин ё он масъала ба иштироки фаъолона ҷалб намоем.

Албатта ҳалли беҳтарин ин истифодаи варақаҳои такягоҳӣ буд, ки дар он масъалаҳои зерин барои муҳокима пешниҳод карда шуданд:

1) муайян намудани мақсади сафар;

2) интихоб кардани нақлиёт;

3) харидани савғотӣ;

4) боздиди мағозаҳо;

Барои муқаддимаи суҳбатро осон кардан, хонандагони сустхон аз маводи тақсимотӣ истифода мебурданд. Дар ин қисмат ҳамаи хонандагон ба кор ҷалб карда шуда буданд, аммо нақшҳои асосиро, хонандагони дорои дараҷаи баланд ва миёнаи равшаниандозӣ иҷро мекарданд, хонандагони ба истилоҳ сустхон, луқмаҳо медоданд ва оид ба муаммоҳои ба онҳо шавқангезбуда, барои сухан кардан имконпазир менамуданд, паёмакҳои хурд месохтанд. Ҳамин тавр, мо тавонистем хусусиятҳои инфиродии хонандаро ба ҳисоб гирифта, вазифаҳои гуруҳи алоҳидаро тафриқабандӣ намоем.

Дар вақти кор бо матни ба мавзуъ вобаста инчунин вазифаҳоро инфиродӣ кардем. Ба хонандагони дорои дараҷаи баланди равшаниандозӣ матнҳо аз

рӯзномаву маҷаллаҳо бо сарлавҳаи “Аҷиб аст”, “Оё Шумо медонед, ки…” пешниҳод карда шуданд.

Хонандагони дорои лаёқати миёнабуда, матнро бо номи “Қад - қади дарё” мехонданд ва вазифаҳоро иҷро мекарданд. Ба сустхонҳо ҳамон матнҳо бо вазифаҳои зерин пешниҳод карда шуд:

1) тартиб додани нақша: ҳангоми сафар кардан ба ин ё он шаҳр аз чӣ дидан кардан ба мақсад мувофиқ ;

2) аз рӯйи мазмуни матн ҷумларо ба охир расонед;

3) бо такя ба луқмапартоӣ маслиҳат карда, ба ин ё он шаҳр ташриф овардан.

Дар мавзуи “Ватани азизи ман” кор карда, ба хонандагон шароити мусоид фароҳам оварда шуда, дар асоси муносибати шахсии худ ба саволе, ки “Ватан барои ман чӣ маъно дорад?”, фикри худ ва дар асоси муносибати рафиқаш андешаашро ифода намояд.

Принсипи инфиродикунонӣ амалан дар ҳама дарс, ҳамагуна мавзуъҳоро ҳангоми омӯзиши ибораҳои забони хориҷӣ фаро гирифта, ҳамаро ба тавлиди нутқ ҳавасманд мекунад, иштироки хонандагонро ҳавасманд мекунад дар ниҳоят, дарси забони хориҷиро ҷолибу самаранок мегардонад.

Ҳангоми таҳияи лоиҳаи дарсӣ “Аз тоҷикистонӣ будан ифтихор дорем!” мо инчунин муносибати шахсии ҳар як хонандаро ба чунин масъалаи пешниҳодшуда барои муҳокима ба назар гирифтем:

1. Мафҳуми “Ватан” бо чӣ алоқамандӣ дорад?

2. Шумо бо кӣ ва бо чӣ ифтихор доред?

3. Манзараҳои ҷолиби кишвари ман.

4. Душвориҳои кишвари ман.

Вобаста ба шавқу рағбат ба масъалаҳои муҳокимашаванда синф ба чор гуруҳ тақсим карда шуд, дар ҳар гуруҳ хонанда – машваратчӣ буданд, ки барои интихоб намудани маводи зарурӣ кӯмак мекарданд ва аз ҳама муҳим ба хонандагони дорои сатҳи пасти равшаниандозӣ дар изҳорот оид ба масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи онҳо доранд, машварат медоданд. Корро ҷамъбаст намуда,

натиҷабардорӣ кардем, ки он дар шакли бисёрҳиҷоя мусбат буд: иштироки тамоми синф 100% буд.

Аз мисолҳои овардашуда маълум гардид, ки инфиродикунонӣ аз тафриқакунонӣ қисми ҷудонашаванда аст, зеро ба назар гирифтани хусусиятҳои шахсии хонанда ҳанӯз маънои баробар азхудкунии маҳорату малакаҳои нутқии ҳар як хонандаро надорад. Ин раванд дурудароз ва мураккаб аст, зеро фардикунонии супоришҳо аз муаллим эҷодкории зиёдро талаб мекунад.

Фардикунонӣ набояд ба тафриқакунонии оддӣ оварда расонад. Муносибати тафриқавӣ маҳз дар интихоби донишҳои инфиродӣ, вобаста ба лаёқати хонандагон ва сатҳи рушди маҳорату малакаҳои нутқӣ сохта мешавад. Китобҳои дарсии забони англисӣ барои синфҳои 6 -ум, ки муаллифон Ҷамшедов П., Хоҷаева С., Ҷаматов С., Алидодхонова К., Насруддинов С., Каримов Ш., Баротзода Ф. (Душанбе, “Маориф”, 2020) мебошанд, дорои алгоритмҳо барои муносибати маҷмуи машқҳо ба тафриқакунӣ ва фардикунонии вазифаҳо мебошанд. Онҳо дорои такягоҳҳои гуногунанд. Яъне дорои машқҳои шифоҳӣ, схематикӣ, тасвирӣ мебошанд, ки дар таълими ҳамаи намудҳои фаъолияти нутқӣ дар раванди дарсҳои забони англисӣ, ҳам барои синфҳои ибтидоӣ ва ҳам барои синфҳои болоӣ кӯмак хоҳад расонд.

Ба хонандагони сустхон дар асоси мулоҳиза вазифаҳои осон додан мумкин нест: ин хонандагон бигзор камтар, аммо беҳтар кор кунанд. Ингуна муносибат аз як тараф дуруст аст: хонандаи сустхон ҳам дар ин кор иштирок мекунад, аммо хонандаи аълохон метавонад оташин шавад, ки чаро ба ӯ вазифаҳои душвор дода мешаваду дар натиҷа баҳои якхела дода мешавад. дар ҳолати шарҳ надодани сабабҳои муносибати инфиродӣ ба хонанда вазъияти низоъ ба миён омаданаш мумкин аст. Дар ин ҳолат ба муаллим зарур аст, ки ҷанбаи психологии хонандагонро низ ба назар гирад. Мо чунин мепиндорем, ки ҳамеша ба хонандаи сустхон баҳои “3” додан норавост. Зеро ӯ дар тамоми раванди дарс вобаста ба имконияти худ кор мекард. Бояд хонандаи сустхонро тадриҷан барои иҷрои вазифаи дигар равона намуда, қадам ба қадам барои

иҷрои машқҳои барои хонандагони миёнахон “тарбия” намоем ва дар навбати худ миёнахонҳоро бояд барои ба пешсафон баробар шудан қувват бахшем.

Масъалаи ҷорӣ намудани таълими тафриқавӣ ҳамеша яке аз масъалаҳои муҳим буд ва хоҳад монд. Маҷаллаи солҳои 70 ум ва 2000 – уми “Забони хориҷӣ дар мактаб” - ро саҳифагардон карда, хулосае баровардем, ки дар таълими тафриқавӣ дар он ҳамчун интихоби вазифаҳои гуногун аз рӯйи мураккабӣ ва душвориашон баррасӣ карда мешуд, вале мақсад як аст. Мо он ақидаҳои муаллифонеро, ки таълими тафриқавиро мафҳуми васеъ медонанд дастгирӣ менамоем. Барои амалӣ намудани онҳо на фақат шароитҳои гуногун, балки кӯмаки ҳамешагии муаллим ба аълохонҳо ва сустхонҳо, вақти ҳархела барои иҷрои супоришҳо, усулҳои гуногуни назоратро роҳандозӣ намудан лозим аст.

Ҳамин тавр, ҳангоми кор бо матн ба хонандагон супоришҳои дорои сатҳи гуногунро пешниҳод намудан мумкин аст, ба монанди:

1) барои хонандагони аълохон – нақл кардан аз рӯйи матн;

2) барои хонандагони миёнахон – аз рӯйи вожаҳои калидӣ маълумоти асосиро муайян намуда, нақл кардан;

3) барои хонандагони сустхон - ба саволҳо ҷавоб гардонидан.

Маводҳои ёрирасон ва варақаҳои дидактикиро ҳангоми кор бо маводи грамматикӣ, масалан, ҳангоми истифодаи Perfect ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Метавон расми “Таътили тобистона” - ро гирифта, супоришҳои зеринро пешниҳод кард:

1. Барои хонандагони аълохон вазифаи “Нақл кардани фаъолияти хонандагон дар тобистон” пешниҳод карда шуда, феълҳои Infinitive дар тахтаи синф навишта мешаванд.

2. Барои хонандагони миёнахон бо истифода аз варақаҳои дидактикӣ тартиб додани ҷумла, ба шакли зарурӣ гузоштани феъли ёрирасон.

3. Барои хонандагони сустхон варақаҳои дидактикӣ, дар шакли Participle феълҳо дар куҷо гузошта мешаванд.

Аз натиҷаи кори гузаронидашуда маълум мешавад, ки ҳамаи хонандагон

аз рӯйи як расм кор карда, дар як вақт вазифаҳои ҳархеларо иҷро мекарданд.

Хулоса: ҳамаи хонандагон бо ин усул ҳодисаҳои грамматикиро коркард намуда, дар сатҳи зарурӣ онро азхуд мекунанд.

Камбудиҳоеро низ қайд кардан мумкин аст, ки таълими тафриқавӣ дар қиёс ба таълими инфиродӣ азият мекашад:

1. Бештар онро пас аз муайян намудани камбудиҳо дар азхудкунии дониш ба кор мебаранд ва вазифаашро баробар намудани хонандагони сустхон ба хонандагони пешқадам медонанд.

2. Вазъияти парадоксӣ ба амал меояд, яъне хонандагони пешқадам, ки ба мавҷудияти лаёқати худ тез кор карда, ба машқҳо ниёз пайдо намекунанд онҳо ҳатто машқҳои иловагиро иҷро мекунанд, ҳол он ки хонандагони сустхон супориши сабукро ба миқдори кам иҷро мекунанд. Ин тарзи корбарӣ, боиси монеъа шудан ба баландбардории сифати дониши ҳарду гардад.

3. Таълими тафриқавӣ дар раванди дарс бештар ба муайян намудани тарафҳои заифи кори хонандагон равона карда мешавад, дар ҳоле ки муносибати инфиродӣ асосан барои муайян ва инкишоф додани қувваҳои инфиродӣ хизмат кунад.

4. Дар баъзе мавридҳо муносибати тафриқавӣ ҳамкории байни хонандагонро нодида мегирад.

Қазияи аз байн бурдани тафовути байни хонандагони пешсаф, миёна ва сустхонро дар робита ва дуруст ба роҳ мондани шаклҳои кори инфиродӣ, ҷуфтӣ, гуруҳӣ ва коллективӣ ҳал кардан мумкин аст. Барои ин, муаллимро лозим аст “усулҳои махсуси ташкилии кор” - ро, ки дар раванди дарс барои омӯзиши ҳама истифода мебарад роҳандозӣ намояд, ҳамзамон барои омӯзиши ҳамаи хонандагон шароити мусоид фароҳам орад. Ин тарзи кор роҳи асосии баланд бардоштани сифати омӯзиш ба ҳисоб меравад.

Барои дар амал татбиқ намудани ин мақсад усулҳои зерини ташкили корро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Дар вақти муаррифии маводи нави грамматикӣ хонандагони сустхон қоидае мебароранд, ки ба муоширати аломатҳои функсионалии ҳодисаҳои

грамматикӣ мувофиқ аст;

2. Бо мақсад истифода бурдани востаҳои такягоҳии гуногун: маъноӣ, шифоҳӣ, тасвирӣ, воситаҳои такягоҳим мувофиқ интихобшуда ба хонандаи сустхон кӯмак мекунад, ки ҳодисаи нави грамматикиро дарк кунад, ҳангоми луғатомӯзӣ маънои калимаро тахмин кунад, ҳангоми омӯзиши изҳори монологӣ андешаи худро баён кунад;

3. Тартиби пурсиш. Хонандагони сустхон пирӯзӣ ба даст меоранд, зеро онҳо намуна мегиранд яъне, ҷавоби дурусти хонандагони аълохон барояшон намуна мешавад. Аммо, мунтазам "пешсаф – миёна – сустхон" буда наметавонад. Мисол: дар раванди дарси ташаккули маҳорату малакаи мантиқӣ хонандагони сустхон варақаҳои дидактикии тайёрро бо матни хурд мегиранд, ки дар он ибораи асосӣ хат кашида шудааст ва ҳангоми гӯшкардани матни хурд ба онҳо ба таври зерин бояд муроҷиат кард: "Ба фикри шумо?"

4. Дигар кардани вақт барои тайёр кардани ҷавоб ба савол: сустхонҳо вақти зиёдро мегиранд.

5. Истифодаи вазифаҳои осонкардашуда. Бештар вақт барои иҷрои вазифаҳои хонагӣ истифода бурда мешавад. Масалан, пас аз дарси такмили малакаҳои суханронӣ, хонандагони сустхон бояд вазифаҳоро дар асоси матни гуфтугӯӣ иҷро намоянд; миёнахонҳо - дар асоси таҷриба, аммо бо дастгириҳо ва пешсафон - бе дастгирӣ;

6. Барои хонандагони пешсаф ва миёна истифода бурдани маводи иловагии берун аз барномаи таълимӣ.

7. Мунтазам пурсидани хонандагони дорои қобилияташон суст. Ин усул метавонад хонандагонро фаъол гардонад, қобилияти онҳоро рушд диҳад, дар тамои раванди дарс кор карданро омӯзонад. Гумон кардан мумкин нест, ки сустхонҳо бояд камтар кор кунанд. Лаёқати онҳо дар ҳар марҳилаи дарс рушд меёбад ва ин муваффақият тавассути фаъолият и худи ӯ ба даст меояд.

Дар ниҳоят, мо чунин мепиндорем, ки вазифаҳои асосии таълими тафриқавӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ пеш аз ҳама қонеъ гардонидани талаботи маърифатии ҳам хонандагони пешсаф ва ҳам сустхон бо

баинобатгирии омодагии инфиродӣ, хусусиятҳои инфиродии ҳар яки онҳо ба ҳисоб меравад.

Аз ҳама муҳим ҳамоне ба ҳисоб меравад, ки барои ҳамаи хонандагон дар раванди дарс бо кор машғул будан хурсандӣ бахшад. Дар ин хусус яке аз воситаи самарабахши педагогӣ, ба монанди шавқангезӣ мавқеи хоса пайдо мекунад. Шавқангезӣ - ин ҳамчун усули муаллим ба ҳисоб рафта, бо таъсир расонидан ба ҳиссиёти хонанда, ба ташаккули рафтори мусбӣ ба омӯзиш ва омодагӣ ба фаъолияти фаъоли фикрӣ дар ҳамаи хонандагон, сарфи назар аз лаёқат ва манфиатҳои онҳо мусоидат мекунад.

Стандарти давлатии таҳсилот моро водор месозад, ки ба хонандагон маълумоти миёнаи умумӣ дода бошем, яъне ҳамаи хонандагон бояд сатҳи асосии донишро аз худ карда бошанд, бо вуҷуди микдори соатҳои барои омӯзиши ин ё он мавзуъ ҷудошуда, барои ҳамаи хонандагони синф бетағйир боқӣ монад ҳам. Аммо хонандагони мо хеле гуногунанд. Бояд қайд кард, ки барои омӯзиши забони англисӣ қобилиятҳои хонандагон як хел нест. Баъзеҳо забономӯзиро ба осонӣ қабул мекунанд, дигарон дар омӯзиши забон ба душвориҳои зиёд дучор мешаванд. Тавре ки дар боло зикр карда будем хонандагони як синф дар зинаҳои гуногуни омӯзиш бо тарзҳои гуногун аз худ карда метавонанд, яке вобаста ба хотираи механикии хуб инкишофёфтааш лексикаро осонтар аз худ мекунад, дар дигаре қобилияти хуби шунавоӣ дорад бинобар ин онҳо аз уҳдаи корҳои шунавоӣ ба осонӣ баромада метавонанд. Ғайр аз он, хонандагоне ёфт мешаванд, ки дар азхудкунии маводи барномаи таълимӣ бо сабабҳои гуногун ақиб мемонанд.

Бештар омӯзгорон дар раванди дарси забони хориҷӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва барои бартараф намудани қафомонии хонандагон аз технологияи таълими тафриқавӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Ин гуна муносибатро дар ҳамаи марҳилаҳои дарс, ҳамзамон ҳангоми омӯзиши ҳамаи намудҳои фаъолияти нуткӣ: навиштан хондан, сухангуӣ, гӯшкунӣ ва ё ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои грамматикӣ ва лексикии нутқ истифода бурдан мумкин аст.

Ба таври мисол:

Грамматикаи забони англисӣ, бахусус низоми замонҳо бештар маврид барои хонандагон мушкилотро ба амал меорад. Метавон омӯзиши замони ҳозира Present Simple - ро ба таври намуна нишон дод. Вобаста ба дараҷаи азхудкунии сохторҳои хонанда дар Present Simple, супоришҳои дорои се дараҷаи мураккабиро омода кардан зарур меояд.

1) вазифа барои хонандагоне, ки дараҷаи баланди тайёрӣ доранд пешниҳод карда мешавад. Ба ин хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки расмеро тасвир намоянд, ки якчанд аломатро нишон медиҳад. Хонанда расмро ба синф нишон медиҳад ва онро тавсиф мекунад. Дигар хонандагон хатогиҳои ҷойдошта ва носаҳеҳиро ислоҳ мекунанд. Ба сифати дастури такягоҳи масдарро додан мумкин аст.

2) вазифа барои хонандагоне, ки дараҷаи ками тайёрӣ доранд пешбинӣ шудааст. Ба ин гуруҳи хонандагон супориш дода мешавад, ки ба расм нигоҳ карда, ба саволҳои пешниҳод гардида ҷавоб диҳанд.

3) вазифа ба хонандагоне, ки дараҷаи пасти тайёрӣ доранд пешниҳод карда мешавад. Ба онҳо варақаҳои феълӣ дар Present Simple барои тарҷума кардан пешниҳод карда мешавад.

Вазифаҳои мазкурро ҳамзамон ҳангоми коркарди бисёр ҳодисаҳои дигари грамматикӣ ҳам истифода бурдан мумкин аст. Лексика дар синфи 6**.** Бештари омӯзгорон диктантҳои лексикӣ мегиранд, ки дарки маънои калимаҳои навро вобаста ба мавзуъ ва қобилияти бехато навиштани хонандагонро месанҷанд.

Хонандагони дорои дараҷаи баланд ва миёнаи тайёрӣ вазифаро аз рӯйи диктант иҷро мекунанд. Хонандагони дорои дараҷаи сусти тайёрӣ варақаҳое, ки дар ду сутун калимаҳо оварда шудааст мегиранд: дар сутуни якум калимаҳо бо забони тоҷикӣ, дар сутуни дуюм бошад, калимаҳо бо забони англисӣ овардашударо мегиранд. Супориш: калимаҳои забони тоҷикиро интихоб намуда мувофиқ ба забони англисӣ гузоред ва навишта гиред. Дар сутунҳо метавон миқдори якхелаи калимаҳо ё миқдори зиёдро дар сутуни калимаҳои забони англисӣ бояд дод.

Кор бо матн. Дар раванди дарс бо матн кор карда истода, метавон ба хонандагон чунин вазифаҳои сатҳҳои гуногунро пешниҳод кард:

1. Ба пешсафон - ба саволҳо ҷавоб гардонидан ё савол тартиб дода, ба якдигар пешниҳод намудан.

2. Ба миёнаҳо - аз матн ҷавоби саволҳоро хондан.

3. Ба сустхонҳо - хондан.

Гӯш кардан**.** Матни хондаи муаллимро хонандагон гӯш мекунанд. Баъдан ба ҳамаи онҳо се намуди супоришҳо пешниҳод карда мешаванд:

А (пешсафон) ҷумлаҳои додашударо бо тартиби мантиқӣ, мувофиқ ба матн ҷойгузорӣ намоед;

Б (миёна) - ба саволҳои пешниҳод шуда ҷавоб гардонед;

В (сустхонҳо) - аз се ҷавоби пешниҳод шуда дурусташро интихоб намоед.

Миқдори ҷумлаҳои пешниҳодшуда як хел буда, меъёрҳои арзёбӣ фарқ мекунанд. Дар супоришҳои А ва В миқдори хатогиҳо барои ба даст овардани баҳои мусбӣ бештар аст.

Вазифаҳое, ки дорои дараҷаи мураккаби тафриқавианд ба таври мисол бештар овардан мумкин аст. Дар ҳақиқат ин гуна вазифаҳо дарсро барои ҳар се гуруҳи хонандагон самаранок ва пурмаҳсул гардонида метавонад. Бояд дар хотир дошт, ки хонандаи сустхонро барои ҳамеша ба “гурӯҳи ноумед” номнавис карда мумкин нест.

Вазифаҳое, ки барои хонандагони аълохон пешниҳод карда мешаванд, агар хоҳиш дошта бошанд ба хонандаи миёна низ пешниҳод намудан қобили қабул аст, аммо ин амал набояд баръакс сурат гирад.

Дар шароити муосири таҳсилот боз яке аз шаклҳои муносибати фаъолгардонии хонандагон фаъолияти лоиҳавӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷорӣ намудани усули мазкур мақсади зеринро дороcт:

- таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба фан;

- соҳиб гардидан ба таҷрибаи таҳқиқотӣ;

- рушд додани қобилияти эҷодӣ ва ба расмият даровардану ба шунавандагон расонидани маълумоти зарурӣ;

- рушди додани қобилияти мустақилона кор кардан;

- азхуд кардани дониши иловагӣ оид ба мавзуъ;

- рушди малакаҳои нутқӣ.

Муносибати системавӣ ба фаъолият кӯмак хоҳад расонд:

- гирд овардани таҷрибаи шахсии ҳар як хонанда;

- рушд додани қобилияти эҷодӣ;

- пешниҳоди намудани супоришҳои тафриқавии таълимӣ;

- амалӣ намудани самти ба шахсият нигаронидашуда;

- барои мустақилона фаъолият намудани хонанда;

- ташвиқ намудани хонандагон ба худбаҳодиҳӣ, таҳлил ва ислоҳи хатогиҳо.

Ҳангоми ташкили дарс бо татбиқи муносибати тафриқавӣ бояд кӯшиш ба харҷ дод, то ки хонандагон ба фаъолияти мустақилона гузаронида шаванд. Дар ин вақт бояд якчанд амалҳо ҷорӣ карда шаванд: дар оғози дарс бояд хонандагон бо мавзуи нав шинос карда шаванд; муҳокимаи дарс тариқи саволу ҷавоб оид ба кадом вазифаҳо ба ин мавзуъ ҳамроҳ карда мешаванд ба анҷом расонида шаванд; маълум карда шавад, ки вазифаҳои интихобшуда ба мундариҷаи дарс мувофиқат мекунад; дар рафти суҳбати муқаддимавӣ ба хонандагон супориш дода мешавад, ки мақсади дарсро мураттаб созанд; мундариҷаи супоришҳоеро, ки бояд дар раванди дарс иҷро карда шаванд номбар кунанд; дар охири дарс бояд натиҷаи онро дар гуруҳҳо муҳокима намоянд.

Барои таҳия намудани низоми нави корӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои самараноки фаъолияти таълимӣ истифодаи бурдани шаклу усулҳои самараноки ташкили он мувофиқи мақсад аст:

1. Истифодаи вазифаҳо тибқи муносибати тафриқавии омӯзиш.

2. Ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ - коммуникатсионӣ дар ҷараёни омӯзиш.

3. Ба роҳ мондани усулҳои лоиҳавии омӯзиш.

Ворид намудани ТИК ба раванди омӯзиш боиси амалгардии вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагии таълим мегардад.

Стандарти нави таҳсилот дар назди муаллим мақсади амиқ гузоштааст:

1. Амалҳои универсалии омӯзише, ки асоси қобилияти омӯхтанро рушд дода метавонад.

2. Рушд додани ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш.

Дар раванди омӯзиш ба роҳ мондани фаъолияти бозӣ ва вазъиятҳои бозӣ қобилияти хонандагон, фардияти онҳоро муайян карда, ҳавасмандии онҳоро барои омӯзиши забони англисӣ баланд мебардорад, ба фаъолияти эҷодии хонандагон дар раванди дарс мусоидат мекунад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими ҷорӣ намудани фаъолияти бозӣ дар раванди омӯзиш бо фароҳам овардани имконият ба муносибати инфиродӣ ифода меёбад. Истифодаи бозиҳои коллективӣ барои рушд додани қобилияти дар гуруҳ кор кардани хонандагон шароит фароҳам оварда, барои ноил гардидан ба вазифаи омӯзиш шаклҳои зарурии ҳамкориро пайдо мекунонанд.

Дар ин сурат хонандагон маводи дидактикии ба нақша гирифтаро бомуваффақият аз худ мекунанд, хотираи ғайриихтиёриро фаъол мегардонад, маҳорату малакаҳои нутқиро ташаккул медиҳанд.

Бештар омӯзгорони забони хориҷӣ чунин андеша доранд, ки омӯзиши забони хориҷӣ дар марҳилаи аввал бояд дар асоси бозӣ ташкил карда шавад. Дар дарсҳои забони хориҷӣ ворид намудани бозӣ на маънии лаҳзаи коллективии дамгирӣ, балки роҳи асосии ноил гардидан ба вазифаҳои муайяни омӯзиш дар ин марҳила ба ҳисоб меравад. Бозӣ ҳамеша бояд мақсад, мотив ва натиҷа дошта бошад. Аз ин рӯ, ин усули омӯзиш яъне, бозӣ метавонад ба ташаккули фаъолиятҳои таълимии универсалӣ мусоидат намояд.

Бозӣ ҳамзамон метавонад барои бартараф кардани монеаҳои мавҷуда дар раванди омӯзиш кӯмак кунанд, хусусан агар шарти мусобиқа бекор карда шавад ё кам карда шавад. Бозӣ метавонад худ ба худ диққати хонандаро зиёд кунад. Маҳз бозӣ ба муаллим имкон фароҳам меорад, ки хатои содир намудаи хонандаро бо зудӣ ислоҳ намояд ва имкон надиҳад, ки ин хато дар хотираи хонанда ҷой гирад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки аксар вақт хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар талаффуз намудани садоҳо ба мушкилӣ дучор мешаванд.

Ба ин хотир ҷорӣ намудани бозиҳои фонетикӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро ин бозӣ барои тарзи талафузи дурусти узвҳои нутқи хонандагон ҳангоми талаффузи овозҳои алоҳидаи англисӣ мусоидат мекунанд.

“Playing Airplane”. Бозӣ бо мақсади машқ додани хонандагон ҳангоми талаффузи овози [v].

Teacher: Let’s pretend we are airplanes flying in the sky. (Кӯдакон ҳавопаймоҳоро тасвир мекунанд) What sound do we make? [ж]. And how about English children? - They say [v]. Let’s fly! (Муаллим шеър мегӯяд ва хонандагон овози [v] – ро талаффуз мекунанд).

The plane is travelling up in the sky, Vvv-vvv-vvv,

Moving so fast, and ever so high, Vvv-vvv-vvv.

Over the land, and over the sea, Vvv-vvv-vvv.

But we always come back in time for tea, Vvv-vvv-vvv

Шеър аз ёд кардан ба рушди услуби манзум ва ифоданокии шеър мусоидат карда, захираи фонди луғавии хонандагонро ғанӣ мегардонад, ба рушди хотираи ихтиёрии шифоҳӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон бо мақсади фаъолгардонии хонандагон ба омӯзиш бозиҳои имлоиро ба роҳ мондан мувофқи мақсад аст.

Мақсади ин бозӣ аз машқ додан дар навишти калимаҳо иборат мебошад. Қисми бозиҳо барои машқдиҳии хотираи хонандагон пешбинӣ шудаанд, қисми дигар бошад, бо баъзе қоидаҳои имлои забони англисӣ асос ёфтаанд.

Аз ҳарфҳои додашуда калимаҳо созед:

G, e, a, t, m, j, a, f, c, o, s, w, k, g, e, f. Мисол: egg, sweet, jam, coffee ва ғ.

Калимаҳои муқобилмаъноро номбар кунед ва ба дафтаратон нависед: fat - slim, white – black, short - long, good – bad, sad - happy, clean – dirty…

Дар раванди омӯзиши забони англисӣ истифода бурдани муносибати тафриқавӣ имкон фароҳам меорад, ки шакл ва усулҳои гуногуни кор бо хонандагон ба роҳ монда шаванд, шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиш зиёд карда шавад ва омӯзиши фанни забони англисӣ барои ҳамаи хонандагони дорои дараҷаҳои гуногуни азхудкунӣ дастрас карда шавад.

Дар умум бояд қайд кард, ки рушди бомуваффақияти фаъолияти маърифатӣ ва мустақилияти хонандагон дар сурате имконпазир мегардад, ки раванди таълим ҳамчун фаъолияти пуршиддати зеҳнии ҳар як хонанда бо назардошти хусусиятҳои синну солӣ ва имкониятҳои ӯ ташкил карда шавад; танҳо дар сурати донистани талабот, шавқу ҳавас, сатҳи тайёрӣ ва хусусиятҳои маърифатии хонанда метавон аз нақши вай дар азхудкунии дониш, маҳорат ва малака, ташаккули қобилият пурратар истифода бурд.

Ҷорӣ намудани муносибати тафриқавӣ - инфиродӣ имкон медиҳад, ки ба сатҳи баланди рушди диққат, хотира, тафаккур ва идроки  хонандагон ноил шавем. Ҳамзамон, таълими тафриқавӣ метавонад фаъолияти хонандагонро дар дарс, шавқашонро ба фан, хоҳиши мустақилона кор карданашонро зиёд кунад.

Дар ҷараёни гузаронидани таҷрибаи педагогӣ маълум гардид, кӣ самаранок истифода бурдани таълими тафриқавӣ (дифферентсиалӣ) ки эҳсосан мусбиро ба ин фан бедор месозад, шавқ ва фаъолнокии эҷодиро баланд бардошта, ба болоравии сифати дониш, малакаву маҳорати хонанда мусоидат мекунад.

Дар раванди корҳои таҳқиқотии ин мавзуъ дар заминаи адабиёти марбут ба мавзуи омӯхташуда ба чунин хулоса омадем, ки дар кори педагогӣ ба ташкили кори таълими тафриқавӣ - инфиродӣ ҳар чӣ бештар эътибор додан лозим будааст. Дар як вақт моҳиятан аҳамияти онро барои ба даст овардан, аз худ кардану мустаҳкам сохтани донишҳои нави хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шуд.

Мо таҳқиқоти худро гузаронидаву таҳлил намуда, муайян кардем, ки таълими фардӣ-тафриқавӣ имкон медиҳад на танҳо хонандагонро ба дарсхонӣ фаъол гардонида шавад, ҳамзамон ба рушди зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад.

Дар асоси кори иҷрошуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таълими тафриқавӣ - инфиродиро метавон ҳам дар марҳилаи омӯзиши мавзуи нав ва ҳам дар марҳилаи такрориву мустаҳкамкунӣ истифода бурдан мумкин аст. Аммо бояд, кӯшиш ба харҷ дод, ки вазифаи маърифатноксозии дарсу

вазифаи фаъолияти шинохти хонандаро пурра ҳаллу фасл намуда, зинаи асосӣ дар рушди қобилияти зеҳнии хонанда гардонид.

Ҷамъбасти натиҷаи кори зикршуда имкон дод, хулосаҳои зерин бароварда шавад. Истифодаи кори мустақилонаи фардикунондашуда ба болоравии пешрафти хонанда (хусусан, аз ҳисоби камшавии баҳои манфӣ ва афзуншавии теъдоди баҳои хубу аъло) мусоидат кард. Ба хонандагон ин гуна кор маъқул аст: ба хонандагони "пешсаф" хусусан он вазифаҳое маъқул аст, ки заҳмати зиёдро металабад ва иттилооти иловагиро медиҳад. Хонандагони "сустхон" ҳам аз муваффақият қаноатманд мешаванд, ҳарчанд онҳоро зарур мешавад, ки бо маводҳои нисбатан дастрас назар ба аввалҳо кор кунанд. Дар ин радиф ба он фанне, ки аз рӯи он таълими фардӣ гузаронида мешавад, шавқ афзун мешавад. Хавотирии ибтидоии мо, ки "пешниҳоди вазифаҳои нисбатан сабук хонандагони сустхонро паст зада метавонаду, дар ниҳоди хонандагони "аълохон" эҳсоси афзалиро бедор месозад", беасос баромад. Шояд аз ин сабаб, мо дониста кӯшиш кардем, бо хонандагон эҳтиёткорона муносибат кунем. Бачагони нисбатан сустхон дар ҳолати хоҳиш доштан метавонистанд қувваи худро дар иҷрои вазифаҳои нисбатан мушкил санҷаанд.

Ин тадқиқотҳо имконияти ташкили кори фардикунонидашударо нишон дода, самаранокии онро назар ба шаклҳои муқарарии кор исбот намуданд. Ин самара дар болоравии баланди дониш, малакаву маҳорат, ки бо ёрии корҳои хаттӣ ва тестҳои фаннӣ муайян карда мешавад, ҳамчунин дар рушди зеҳнии хонандагон (бо ёрии тестҳо муайян карда мешавад) ифода мегардад.

Барои муайян сохтани таъсири таълими санҷишӣ ба рушди қобилияти ақлонии хонанда, дар ҷамъбасти соли чоруми таҳсил мо тести ҷамъбастӣ гирифтем. Натиҷаҳо мухтасаран чунин буданд:

**Ҷадвали 10. Натиҷаи тести ҷамъбастӣ**

| № б/т | Ному насаб | Натиҷаи аввалаи тести гузаронидашуда | Натиҷаи ҷамъбастии тести гузаронидашуда |
|---|---|---|---|
| 1. | Шуҳрат К. | баланд | баланд |
| 2. | Сурайё Б. | миёна | миёна |
| 3. | Баҳрулло С. | миёна | аз миёна баланд |
| 4. | Муҳаммад Б. | аз миёна баланд | аз миёна баланд |
| 5. | Малоҳат М. | паст | аз миёна паст |

**Идомаи ҷадвал**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 6. | Мурод И. | паст | аз миёна паст |
| 7. | Муқадас Т. | аз миёна паст | миёна |
| 8. | Шохин М. | аз миёна паст | миёна |
| 9. | Дилрабо С. | миёна | аз миёна баланд |
| 10. | Зариф Р. | паст | паст |
| 11. | Фарҳод А. | аз миёна баланд | аз миёна баланд |
| 12. | Рустам И. | миёна | аз миёна баланд |
| 13. | Зулфия Ч. | паст | аз миёна паст |
| 14. | Мансур Д. | аз миёна паст | аз миёна паст |
| 15. | Ҳасан М. | паст | паст |
| 16. | Даврон П. | паст | паст |
| 17. | Камолидин В. | аз миёна паст | аз миёна паст |
| 18. | Зуҳро Р. | аз миёна паст | аз миёна паст |
| 19. | Шукрона Д. | паст | паст |
| 20. | Барно К. | миёна | миёна |
| 21. | Мунира Р. | паст | аз миёна паст |
| 22. | Кабир Б. | аз миёна паст | миёна |
| 23. | Нарзулло Р. | паст | паст |
| 24. | Рано Д. | аз миёна паст | миёна |
| 25. | Раҳим Л. | аз миёна баланд | аз миёна баланд |

Дар раванди мониторинг динамикаи рушди зеҳнии хонанда ошкор шуд. Дар маҷмуъ сатҳи зуҳури ин нишондиҳанда пайгирӣ шуданд: “рушди малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ нисбати тафриқа кардани нишонаҳои аслии фанҳо ва зухур кардан аз ғайри аслиҳо”, “рушди малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ нисбати ҷамъбаст ва абстраксия кардан”, “рушди малакаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ нисбати барқарор кардани алоқаи мантиқӣ ва муносибат байни мафҳуму зуҳурот”.

Тақсимоти хонандагони хурдсол аз рӯи сатҳи рушди зеҳнӣ мувофиқи шкалаи зерин амалӣ шуд: баланд, аз миёна баландтар, миёна, аз миёна паст ва паст. Натиҷаҳои таҳқиқоти хонандагони дар ҷадвал ва диаграммаҳо овардашуда дар маҷмуъ оид ба динамикаи мусбии нишондиҳандаҳои пайгиршаванда шаҳодат медиҳанд.

**Динамикаи “сатҳи паст”:**

Теъдоди хонандагоне ки ба сатҳи паст тааллуқ доранд, то 16% кам шуд.

**Динамикаи сатҳаш “аз миёна паст”:**

Теъдоди хонандагони мутааллиқ ба сатҳи аз миёна паст ба андозаи 7%

кам гардид.

**Динамикаи сатҳаш “миёна”.**

Теъдоди хонандагони мутааллиқ ба сатҳи миёна ба андозаи 14% зиёд шуданд.

**Динамикаи сатҳаш аз миёна баланд.**

Теъдоди хонандагони мутааллиқ ба сатҳи аз миёна баланд ба андозаи 12% зиёд шуданд.

**Динамикаи сатҳаш баланд.**

Теъдоди хонандагони мутааллиқ ба сатҳи баланд тағйир наёфт.

Ин гуна натиҷаҳои камтаринро мо самараи аслӣ меҳисобем. Тавре маълум аст, қобилияти ақлонии хонандагон ба ташаккули мақсаднок басо бо душворӣ дода мешавад. Аз ин рӯ, ҳатто камтарин ҷунбиш ҳам ин ҷо басо арзиши калон дорад.

Ҳамин тариқ, маълумотҳои мо андешаи паҳншудаи умумиро, ки гӯё таълими инфиродӣ танҳо ба хонандагони сустхон равона шудааст, тасдиқи худро наёфтанд. Ҳатто метавон асоси онро тасдиқ кард: он бештар маҳз дар хонандагони нисбатан қобилиятнок рушд мекунад.

Аз ин ҷо натиҷаи муҳим бармеояд: кори мустақилонаи инфиродикунонидашуда пеш аз ҳама ва бештар аз ҳама дар гуруҳи нисбатан сустхонҳову қобилиятнок неву дар гуруҳи хонандагони пурқувватиашон миёна самара дод. Чунин пиндоштан мумкин аст, ки сабаби он таълими инфиродӣ - тафриқавӣ тавонист ба кор он хонандагонеро ҷалб созад, ки пасттар аз имкониятҳояшон аниқтараш, нисбатан сустхонҳо таҳсил доштанд.

Самаранокии таълими таҷрибавӣ дар гуруҳи дар асоси нишондиҳандаҳои рушди ақлонӣ ташкилёфтаро мо иловатан боз дар се ҷанба таҳлил кардем:

1. Аз рӯи фанҳои алоҳидаи таълим.
2. Аз нуқтаи назари пешрафти кори мустақилона.
3. Аз нуқтаи назари худи қобилияти ақлонӣ.

Маълумотҳои бадастовардаро ҷамъбаст намуда, пеш аз ҳама метавон гуфт, ки пешрафти хонандагон дар маҷмуъ бо қобилияти ақлонии онҳо

мувофиқат мекунад. Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ метавон хулоса кард, ки таълими инфиродӣ-тафриқавӣ динамикаи мусбии рушди зеҳнии бачагонро таъмин менамояд.

Пеш аз гузаронидани таҷрибаи асосӣ маводи дидактикии барои кори инфиродии хонандагон омодашуда дар шароити лабораторӣ санҷида шуданд. Дар ҷараёни ин санҷиш ҳаҷми супоришҳои инфиродӣ, тестҳо, тестҳои тасвирӣ ва ғайра муайян карда шуданд, микдор ва хусусияти тасвирҳо дар супоришҳо ва тестҳо, усулҳои пешниҳоди маълумоти таълимӣ дар супоришҳои инфиродӣ ва таҳияи супоришҳои тестӣ таҳрир карда шуданд. Дар озмоиши оммавӣ 220 нафар хонандагон дар синфҳои таҷрибавӣ ва 120 хонандагон дар синфҳои назоратӣ ширкат варзиданд. Машғулиятҳоро муаллимони мактаб таҳти роҳбарии муҳаққиқ гузарониданд.

Пеш аз таҷриба дониши ҳамаи хонандагони синфҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ барои муайян кардани сатҳи ибтидоии онҳо ва муқоисаи қобилияти омӯзишӣ ва таълимии хонандагони дар озмоиш иштирокдошта санҷида шуд. Барои пешгирии таъсири навоварӣ ҳатто пеш аз оғози озмоиш ҳам дар синфҳои назоратӣ ва ҳам таҷрибавӣ баъзе расмиёти назорат бо истифода аз тестҳо ва тестҳои тасвирӣ (псевдотестҳо) гузаронида шуданд.

Фарқи асосии раванди таълими синфҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ чунин буд. Дар синфҳои назоратӣ муносибати инфиродӣ ба хонандагон ба таври анъанавӣ сурат мегирифт. Хонандагони синф барои корҳои инфиродӣ супоришҳои якхела гирифтанд. Муаллим бо дархости хонандагони алоҳида бо онҳо машварат кард. Агар дар хонандагон хатоҳои маъмулиро мушоҳида мекард, корро қатъ карда, ин хатоҳо ва сабабҳои рух додани онҳоро бо синф муҳокима мекард. Хонандагоне, ки кори худро нисбат ба дигарон тезтар ба анҷом мерасонданд, аз муаллим супоришҳои иловагӣ мегирифтанд. Дар синфҳои таҷрибавии мактаб-гимназия усули муносибати инфиродӣ -тафриқавӣ мувофиқи низом аз рӯи методикаи таҳиянамудаи мо гузаронида шуд.

Ҳамин тариқ, таҷриба аз рӯи усули ягонаи монандӣ дар синфҳои таҷрибавии мактаб - гимназия ва усули ягонаи фарқи байни мактабҳои

таҷрибавӣ ва назоратӣ гузаронида шуд. Дар ҷараёни таҷриба барои санҷидани сифати дониши ташаккулёфта, дар синфҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ аз рӯи методикаи ягона панҷ бахши назоратӣ (корҳои санҷишӣ) ба роҳ монда шуд. Ғайр аз ин, вақти иҷроиши кори хонандагони алоҳида, чанд маротиба аз рӯи масъалаҳои гузошташуда машварати муаллим дар раванди кори инфиродии хонандагон дар синфҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ гузаронида шуд ва хусусияти хатоҳои хонандагон таҳлил карда шуд.

Натиҷаҳои таҷриба бо он баҳо дода шуданд, ки чӣ гуна таркиби гуруҳҳои хонандагони дорои қобилиятҳои гуногуни омӯзишӣ ва дар натиҷаи кор оид ба супоришҳои инфиродӣ тағйир ёфтанд, чӣ гуна хонандагон аз як зергуруҳ ба гуруҳи дигар гузаштанд, муносибати худро ба кори таълимӣ тағйир доданд ва хусусиятҳои фаъолияти маърифатии инфиродиро аз худ карданд.

Ғайр аз он, натиҷаҳои бадастомада, ки дар рафти озмоиш ба даст оварда шудаанд, аз ҷиҳати оморӣ коркард карда шуданд. Мо онро мувофиқи мақсад донистем, зеро усулҳои анъанавии психологӣ ва педагогии баҳодиҳии натиҷаҳои таълим, диққати муҳаққиқро ба таҳлили амиқи далелҳои мушаххаси зинда равона карда, имкон намедиҳанд, ки қонуниятҳое, ки ин далелҳо ба омма риоя мекунанд, ба таври объективӣ ошкор карда шаванд. Бояд ба назар гирифт, ки чанде пеш усулҳои омори математикӣ барои таҳлили миқдории натиҷаҳои таҳқиқоти психологӣ ва педагогӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дар айни замон, муҳаққиқони гуногун меъёрҳои гуногуни арзёбии сифат ва натиҷаҳои таълимро интихоб мекунанд. Масалан, олим И.И.Тихонов [155] нишондиҳандаҳои таълимиро аз рӯи синфҳо, парокандагӣ ва холҳои миёнаи онҳо муқоиса мекунад. Ӯ инчунин ба ном меъёри дастовардҳои таълимиро ҳамчун таносуби холҳои миёнаи синфҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ ҷорӣ мекунад. Ҳангоми гузаронидани чунин санҷишҳо маълум шуд, ки азхудкунии дониш аз ҷониби мактаббачагон дар синфҳои таҷрибавии мактаб - гимназия сифатан баландтар ва пурмазмунтар аст. 50% хонандагони ин синф маводро дар сатҳи баланд азхуд кардаанд, дар ҳоле, ки дар синфи назоратӣ танҳо 5% хонандагони синф ин корро карда метавонистанд.

Эътимоднокии натиҷаҳоро методологияи дақиқи гузаронидани чунин супоришҳои тестӣ таъмин менамояд, ки унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

1) риояи вақт;

2) ягонагии ҷой - берун аз синф, ки хонандагони ин синф одатан дар он таҳсил мекунанд;

3) асоси ягонаи ҳавасмандкунӣ барои иҷрои вазифаҳо.

Бояд қайд кард, ки комиссияи муаллимоне, ки дар ҳар як имтиҳон дар синфи таҷрибавӣ ҳузур доштанд, сатҳи талабот ба дониши хонандагонро мушкилтарин, яъне мувофиқ ба сатҳи 2-юми мураккабӣ арзёбӣ карданд. Сатҳи омодагӣ дар синфи таҷрибавӣ бо ёрии шароити мушаххаси таҷрибавӣ ба даст оварда шуд: афзоиши инфиродикунонӣ ва фарқияти омӯзиш, таъминоти маводи дидактикӣ, таҷҳизоти баланди техникии фанҳои таълим додашуда ва баъзеи дигар. Инчунин бояд қайд кард, ки қобилиятҳо, ҳавасҳо, майлҳои ошкоршуда, дараҷаи рушди хонандагони синфи таҷрибавӣ имкон доданд, ки мушоҳидаи онҳо дар ҷараёни фардисозии таълим нисбат ба хонандагони синфи назоратӣ, ки ин хусусиятҳо ошкор нашудаанд, самараноктар ташкил карда шавад. Ин мавқеи тарбиягирандагони синфи таҷрибавӣ ба муаллим имкон дод, ки раванди таълимро мунтазам такмил диҳад ва дар ҳар як дарс интихоби маҳз ҳамон маҷмуи васоити таълимиро пешниҳод кунад, ки ба сатҳи рушд ва манфиатҳои ин хонандагон дар айни замон мувофиқат кунанд. Дар синфи назоратӣ таълим анъанавӣ буд ва маҷмуи воситаҳо ба ҳисоби миёна ба хонандаи миёна бе назардошти сатҳи шахсии рушд равона карда мешуданд.

Ҳамин тариқ, таълим додани хонандагони гимназияи таҷрибавӣ дар тӯли 2 сол боиси афзоиши назарраси сифатҳои онҳо дар муқоиса бо синфҳои назоратӣ гардид. Дар оғози озмоиш синфҳо аз рӯи нишонаҳои солонаи таълими забони хориҷӣ муқоиса карда шуданд ва амалан яксон буданд. Шумораи бачаҳо дар синфҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ низ баробар буданд. Дар синфи назоратӣ дарсҳоро муаллимони ботаҷриба (таҷриба; кори зиёда аз 10 сол) бо тахассуси хуби педагогӣ (муаллимони категорияи 1, аммо бори вазнини таълимӣ (дар як ҳафта 12 соат)) мегузаронданд. Муаллим маҷмуи васоити таълимии

самарабахшро истифода бурд, аммо бидуни таваҷҷуҳ ба сатҳи рушди хонандагони мушаххас синф ва қобилиятҳои инфиродии онҳо.

Дар мактаби таҷрибавӣ муҳаққиқони соҳаи маориф кор мекарданд. Дар ҷараёни кор мо дар назди худ мақсад гузоштем, ки вобаста ба сатҳи рушди қобилият ва шавқу ҳаваси хонандагон бо рушди мунтазами ин қобилиятҳо сатҳи истифодаи қобили қабули технологияҳои навтарини таълимро ба роҳ монем. Барои ин на танҳо шаклҳои гуногуни гузаронидани дарсҳо истифода мешуданд, балки инчунин маводи дидактикӣ ба таваҷҷуҳи шахсии хонанда равона карда шуда, дар таҳкими онҳо дар корҳои беруназсинфӣ (экскурсияҳо, ташриф ба театрҳо, намоишгоҳҳо ва ғайра) ҳамроҳӣ карда мешуданд.

Ҳамзамон, мо таъсири тамоми маҷмуи шароити татбиқи педагогиро барои инфиродикунонии таълим таҳти назорат гирифтем, то муайян намоем, ки шарти ҳалкунандаи таълими бомуваффақияти хонандагон дар синфи таҷрибавӣ чӣ гуна аст: интихоби хонанда мувофиқи қобилияти ӯ, усули азхудкунии маводи таълимӣ ё таҷҳизоти методии муаллим бо назардошти сатҳи ҳозираи рушд хонанда.

Маълум шуд, ки майл, қобилият ва таваҷҷуҳи хонанда ба онҳо самараи инфиродии таълимро кам мекунад ё муайян намекунад. Фардигардонии таълим самарабахш хоҳад буд, агар омӯзгор сатҳи қобилиятҳо ва шавқу ҳаваси хонандагонро донад, тағйироти онҳоро мунтазам назорат кунад ва ба онҳо посух диҳад, ба хонанда интихоби васоити таълимиро, ки ба сатҳи ҳозираи рушди хонандагон ва манфиатҳои ӯ мувофиқат мекунад, фароҳам орад. Бе донистани сатҳи рушди хонандагон, қобилиятҳо, шавқҳо, майлҳои онҳо, бидуни қобилият ва имконияти дидани тағйирот дар ин сатҳ ва бидуни васеътарин таҷҳизоти методии омӯзгор дар технологияи таълими ин фан, татбиқи муносибати инфиродӣ дар таълим номумкин аст.

Таҷрибаи гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад хулоса барорем, ки самаранокии таълим дар синфҳои таҷрибавӣ ба ҳамбастагии ин вариант ва тағйирёбандаи мундариҷаи таълим вобаста аст, ки ба инобат гирифтани дархостҳои инфиродии хонандагонро таъмин намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки барномаи таълимии худро тарҳрезӣ кунанд. Дар ин шароит, хонанда имконият пайдо мекунад, ки шакл ва усули таҳсилро дар фанҳо интихоб кунад.

Мавҷудияти сатҳи асосии мундариҷаи таълимӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки профили таълимро иваз кунад, ё ба синфи дорои таълими анъанавӣ гузарад. Омӯзиши блокҳои тағйирёбанда ҳангоми истифодаи усулҳои гуногуни педагогии таълими тафриқавӣ - дар баробари системаи синфӣ - омӯзиш дар гуруҳҳои сайёр ва машваратҳои инфиродӣ имконпазир аст.

Таҳлили муқоисавӣ дар давраи озмоиш нишон дод, ки муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ имконият медиҳад, ки рушди ҳар як бача бо назардошти сатҳи ибтидоӣ ва қобилиятҳои ӯ, то 90% талафоти инфиродии вақтро дар дарс бартараф мекунад, то 100% ҳавасмандии бачагонро ба фаъолияти таълимӣ баланд мебардорад, эҷод мекунад.

Шароити мувофиқ барои рушди шахсияти бачагон. Дар давраи озмоиш тақрибан 80% мушкилоти номувофиқии сатҳи таълимӣ ва синну сол ҳал шуд. Натиҷаи умумии мактаб дар охири нимаи дуюми сол 99,5% -ро ташкил дод. Сатҳи азхудкунӣ 76% -ро ташкил медиҳад, ки ин аз нақша камтар аст, аммо нисбат ба солҳои гузашта баландтар аст.

Дар байни хонандагони гимназия, инчунин афзоиши бемайлони шумораи ғолибони олимпиадаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ, шумораи иштирокчиёни конфронсҳои гуногун ба назар мерасад. Ин худ аз болоравии сатҳи маълумоти хонандагони мактаби таҷрибавӣ шаҳодат медиҳад.




| | | ҳавасмандии хонандагон ба фаъолияти таълимӣ | мушкилоти номувофиқии сатҳи таълимӣ ва синну солӣ | натиҷаи умумии мактаб дар охири нимаи дуюм | Сатҳи азхудкунии дониши хонандагон |
|---|---|---|---|---|---|
| Ряд1 | 90% | 100% | 80% | 99,50% | 76% |

**Расми 6. Рушди донишазхудкунии хонандагон ва таҳлили муқоисавии он дар давраи озмоиш**

Нишондиҳандаи самаранокии системаи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ метавонад динамикаи мусбии дохилии рушди ҳар як бача дар алоҳидагӣ ва дар айни замон, муваффақияти дастаҷамъонаи гимназия дар маҷмуъ бошад. Дар байни дигар чизҳо, ин барнома бачагонро ҳоло ба фазои байналмилалии таълимӣ муаррифӣ мекунад, ки онҳо дар он ҷо озодона фаъолият мекунанд.

Аз ин рӯ, илова бар натиҷаҳои муваффақонаи иштироки хонандагони гимназия дар олимпиадаи ҷумҳуриявии мактаббачагон, дар конфронсҳои ҷумҳуриявии лоиҳаҳои илмии хонандагон, дар конфронсҳои илмӣ ва амалӣ ва монанди инҳо.

Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ дар байни мактабҳое, ки фанҳои забони англисиро меомӯзанд (дар маҷмуъ 12 нафар иштирокчӣ, ғолибони олимпиадаҳои минтақавӣ), моҳи апрели соли 2023 дастаи хонандагони гимназия бо чунин номгӯ, аз қабили лоиҳаҳои илмӣ, таҳқиқоти илмӣ, маҷмуаҳои илмӣ, муаррифии компютерӣ, шифоҳӣ ҷоизаҳо ба даст оварданд сухан ва каломи бадеӣ, ҳикоя ва иншо навиштан, инчунин санъат, мусиқӣ ва вокалӣ, аксбардории шоҳмот ва бадеӣ, варзиш ва санъати амалӣ (ҳама бо забони англисӣ).

Ғояи асосии модели таҳсилоти мо: ҳадафи ниҳоии таълими мактабӣ на дониш ба хотири дониш, на ҷамъ кардани маълумоти пароканда дар бораи фанҳои алоҳидаи баррасишуда, ҷудогонаи мактабӣ, балки офаридани тасвири ҳамаҷонибаи олам ва огоҳӣ аз ҷойгоҳи ӯ барои ҳар як бача, рушди қобилияти роҳнамоии ӯ дар ахлоқ мебошад арзишҳо, қарорҳои зуд ва оптималӣ дар муҳити доимо тағйирёбанда, қобилияти омӯхтан ва ҳалли ҳама гуна мушкилот эҷодкорона буданро фароҳам меорад.

Мо зарур мешуморем қайд кунем, ки таълими инфиродии баландтарин бо усули тафриқавӣ, ки намунаи Мактаби фардо ва барномаи таълимии он мебошад, ба назари мо, ҳатман бояд бо барномаҳое, ки ба рушди фаъолияти дастаҷамъӣ ва тақсимотии бачагон нигаронида шудаанд, ҳамбастагӣ дошта бошанд. Усулҳои интерактивӣ, фаъолияти фикрии дастаҷамъӣ, санъати

мутақобила, ки барномаҳои таълимии байналмилалии Ассотсиатсияи ҷавонони пешво, созмони Ҳайдро дар бар мегиранд, омилҳои муҳими пешравӣ дар ин самт мебошанд.

Дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ ташхиси сатҳи омодагии касбии омӯзгорон ба кор бо истифодаи технологияи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ низ гузаронида шуд.

Натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ ба даст овардашуда нишон медиҳанд, ки сатҳи ташаккули маҳорати педагогӣ дар гимназия нисбат ба мактабҳои назоратӣ баландтар аст. Дар гимназияи таҷрибавии № 4-уми шаҳри Хуҷанд фоизи нисбатан зиёдтари омӯзгорон сатҳи баланди рушди малакаҳои дар боло зикршударо доранд ва фоизи хеле ками муаллимон сатҳи паст доранд. Малакаҳои аз ҳама инкишофёфта дар байни омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҷрибавӣ чунин ба назар мерасиданд: ташкилӣ (ташкили фаъолияти хонандагон ва фаъолияти онҳо), конструктивӣ (тарҳрезии системаи амалҳои дарпешистодаи педагогӣ, тарҳрезии мундариҷаи фаъолияти оянда, дарсҳо, корҳои беруназсинфӣ), коммуникативӣ (барқарор кардани муносибатҳои аз ҷиҳати педагогӣ мувофиқи фазо дар ҳайати омӯзгорон), гностикӣ (қобилияти мунтазам пур кардани дониши худ тавассути таълими мустақилона, қобилияти таҳлил ва аз нигоҳи танқидӣ ба маводи дидактикӣ).

Дар мактаб-гимназияи таҷрибавӣ, инчунин баландшавии сатҳи қобилияти эҷодии муаллимон ба назар мерасад. Дар давоми ду соли охир шумораи омӯзгороне, ки ба фаъолияти таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ машғуланд, ба таври назаррас афзудааст. Аз тарафи дигар, шумораи муаллимоне, ки зарурати ислоҳотро дар гимназия қабул намекунанд, ба ҳадди ақал коҳиш дода шуд. Баъзе муаллимони чунин гурӯҳ маҷбур шуданд, ки берунӣ (вале баъзеи дигарашон дар дохил) зарурати тағйиротро қабул кунанд.

Ғайр аз ин, сатҳи фарҳанги иттилоотии омӯзгорон баланд шудааст. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо ба муваффақияти татбиқи усули инфиродӣ - тафриқавии омӯзиш таъсири мусбат мерасонанд.

## Хулосаҳои боби сеюм

Таҷрибаи таҳқиқотии дар мундариҷаи боби мазкур гузаронидашуда ва натиҷаҳои дар раванди корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ ба даст овардашуда нишон медиҳанд, ки сатҳи ташаккули маҳорати педагогӣ дар мактабҳои озмоишӣ нисбат ба мактабҳои назоратӣ баландтар мебошад. Дар мактабҳои озмоишӣ фоизи нисбатан зиёдтари омӯзгорон сатҳи баланди рушди малакаҳои дар боло зикршударо доранд ва фоизи хеле ками муаллимон сатҳи паст доранд. Чунин малакаҳои рушдёфтаи омӯзгорон дар ба назар расиданд: ташкилӣ (ташкили фаъолияти хонандагон ва фаъолияти онҳо), конструктивӣ (тарҳрезии системаи амалҳои дарпешистодаи педагогӣ, тарҳрезии мундариҷаи фаъолияти оянда, дарсҳо, корҳои беруназсинфӣ), коммуникативӣ (барқарор кардани муносибатҳои аз ҷиҳати педагогӣ мувофиқи фазо дар ҳайати омӯзгорон), гностикӣ (қобилияти мунтазам пур кардани дониши худ тавассути таълими мустақилона, қобилияти таҳлил ва аз нигоҳи танқидӣ ба маводи дидактикӣ).

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ, инчунин таҳлили натиҷаҳои татбиқи низоми таҳияшудаи таълими инфиродӣ-тафриқавӣ имкон медиҳад, ки чунин хулоса барорем:

1. Ҳангоми ташкили таълими инфиродӣ - тафриқавӣ бояд чунин асосҳои педагогӣ, ба монанди тағйир додани ҳадафҳои таълим, мундариҷа ва хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор ва хонандаро ба назар гирифт, зеро ин асосҳо фарқияти навъҳои ин равишро муайян мекунанд. Ба эътибор гирифтани ин омилҳо имкон медиҳад, ки самаранокии низоми таълими инфиродӣ - тафриқавӣ татбиқ карда шавад.

2. Таҷрибаи гузаронидашуда ба мо имкон медиҳад хулоса барорем, ки самаранокии таълим дар синфҳои таҷрибавӣ ба ҳамбастагии тағйирнопазирӣ ва тағйирёбандаи мундариҷаи таълим вобаста аст, ки ба инобат гирифтани дархостҳои инфиродии хонандагонро таъмин менамояд ва ба онҳо имкон медиҳад, ки барномаи таълимии худро таҳия кунанд. Дар ин шароит, хонанда имконияти интихоби равия ва сатҳи таҳсилро аз рӯйи фанҳо пайдо мекунад.

3. Таълими инфиродӣ - тафриқавӣ бо шаклҳои умумии ташкили раванди таълим (синф ва дарс) ва шаклҳои педагогие, ки ба хонандагон барои қонеъ гардонидани талаботи таълимӣ ва татбиқи он имконият имкон медиҳад (омӯзиш дар гуруҳҳои зудамал ва машваратҳои инфиродӣ) бояд ягона бошад.

4. Маҳорат ва малакаҳои педагогии сифатан хуб дар байни омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҷрибавӣ - озмоишӣ чунин ба назар расиданд: ташкилӣ (ташкили фаъолияти хонандагон ва фаъолияти онҳо), конструктивӣ (тарҳрезии системаи амалҳои дарпешистодаи педагогӣ, тарҳрезии мундариҷаи фаъолияти оянда, дарсҳо, корҳои беруназсинфӣ), коммуникативӣ (барқарор кардани муносибатҳои аз ҷиҳати педагогӣ мувофиқи фазо дар ҳайати омӯзгорон), гностикӣ (қобилияти мунтазам пур кардани дониши худ тавассути таълими мустақилона, қобилияти таҳлил ва аз нигоҳи танқидӣ ба маводи дидактикӣ). Ин имконият фароҳам овард, ки сифати раванди таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар сатҳи мувофиқ ба роҳ монда шуда, раванди донишазхудкунии хонандагонро боло бардошта, шавқу ҳаваси онҳоро нисбати омӯзиши маводи таълимӣ рушд диҳад.

